Тэтсуо Миура

# Оташаки Гумрох

Тэтсуо Миура

Оташаки Гумрох





# ОТАШАКИ ГУМРОҲ



## ТЭТСУО МИУРА

Душанбе - 2016

ББК 83.35+83.5 Япон
М – 60

Тарҷума аз забони русӣ – Абдуғаффор Қурбонов.

Пешгуфтори **Шамсиддин Солеҳов**, Сардори Қонуни забони тоҷикӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷии Китобхонаи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология.

Муҳаррир: **Ҳотам Рабиев**.

Чопи компютерӣ ва мусаҳҳеҳ: **Фирӯза Юнусова**

**Тэтсуо Миура. Оташаки гумроҳ.**
**Маҷмуаи ҳикояҳо.** Душанбе: «ЭР-граф», 2016, 200 саҳ.

Новеллаҳои нависандаи Ҷопон Миура Т.

Нависандаи суннатгарову анъанапараст, тарафдори урфу одатҳои миллӣ Тэтсуо Миура масъалаҳои муҳими рӯз, ки тамоми аҳли Ҷопони даҳсолаи охири асри гузаштаро ба ташвиш оварда буданд, ба миён мегузорад. Оқибатҳои талхи ҷанги дуюми ҷаҳон, аз байн рафтан ё паст шудани деҳоти патриархалӣ, танҳоии одам дар олами сармоя ва ғайра мавзуъҳои асосии новеллаҳои ӯ ба шумор меравper.

Эҷоди нависандаи закӣ ва хушзавқи ҷопонӣ воқеӣ буда, мағз андар мағзи он омехтаи фикру андешаҳои инсондӯстию одампарастӣ мебошад. Хусусияти нотакрор ё фарққунандаи асарҳои ӯ ин истифодаи лирика ва дақиқияти руҳия ба шумор меравад.

# ПЕШГУФТОР

Насри муосири Ҷопон бо чандин сифатҳои ҷолиби адабию ҳунарии нотакрораш дар байни хонандагони муосири адабиёти ҷаҳон шӯҳрат дорад. Нависандагони муосири ин кишвар, дар баробари суннатгароӣ ва таъсирпазирӣ аз дастовардҳои адабиёти гузаштаю муосири халқҳои мутамаддин, дар замони мо осореро ба вуҷуд меоваранд, ки он дар ҳамаи гӯшаю канори дунё мавриди таваҷҷуҳи хонандагони сершумор ва аҳли завқ мебошад. Чандин нафар аз нависандагони муосири ин кишвари офтобрӯя барандаи баландтарин ҷоизаи адабӣ – ҷоизаи ҷаҳонии Нобел гардиданашон, далели равшани эътирофи ҷаҳонӣ пайдо кардани адабиёти муосири Ҷопон мебошад. Имрӯз, адибони бузурге мисли Акутагава, Оэ, Кавобата, Кайков ва чанд нафари дигар аз дӯстдоштатарин нависандагони хонандаи муосиранд. Ҷолибияти осори адибони номбурда на танҳо дар тасвири ҳодисаю воқеаҳои нотакрор ва ҳолатҳои нигаронкунандаи рӯзгори инсони муосир зоҳир мешавад, балки онҳо бо умқу паҳнои пурдоманаи таҳлили бадеии ҷаҳони ботинӣ, вазъи рӯҳию равонӣ ва жарфнигарӣ ба дунёи фикру андешаи инсони муосир фарқ мекунанд.

Дар насри муосири Ҷопон инсон бо ҳама паҳлуҳои иҷтимоию инфиродияш, бо ҳама шодию ғамаш, бо ҳама сарфарозию сарафкандагияш, хулоса бо ҳама расоию

норасоияш воқеъбинона ба қалам дода мешавад, ки он сабаби дигари мавриди таваҷҷуҳи хонандагон ва шӯҳрати зиёд пайдо кардани адибони ин кишвар мебошад. Ин осор дар байни гурӯҳи муайяни хонандагони тоҷик ҳам маъруфияту маҳбубияти хос дорад. Мутаассифона, то имрӯз ба забони тоҷикӣ асарҳои хубу шоистаи нави-сандагони Ҷопон тарҷума ва нашр нашудааст, ки ин камбудии ҷиддии дастандаркорони тарҷумаи бадеӣ ва ноширони мо мебошад. Аз ин ҷиҳат, иқдоми рӯзно-манигори варзидаи тоҷик, Абдуғаффор Қурбонов кӯши-шест, ба хотири ислоҳи ин камбудии соҳаи тарҷумаи бадеии мо, ки он бешубҳа шоистаи табрик ва истиқболу дастгирист. Зеро Т. Миура аз ҳикоянависони ҷопонист, ки осори ӯ то имрӯз, ба бисёр забонҳои дунё тарҷума ва борҳо ба нашр расидааст. Мо бо осори ин адиби худвижа ҳанӯз солҳои 80-уми асри гузашта ба воситаи тарҷимаҳои русии онҳо ошно гардида будем.

Вале имрӯз, хушбахтона, тавассути заҳмати Абдуғаффор Қурбонов ва нашри маҷмӯаи мазкур имкон фароҳам меояд, ки доираи васеи хонандагони тоҷик бо дунёи рангини рӯзгори мардуми Ҷопон, ҳунару истеъдоди адабии Т. Миура ва дунёи нотакрори асарҳои ӯ аз наздик ошно гарданд.

Бояд гуфт, ки Т. Миура аз шогирдон ва пайравони мактаби адабии нависандаи бузург, барандаи ҷоизаи Нобел, Ясунари Кавабата мебошад. Вай дар фаъолияти

нависадагии худ, махсусан, ҳикоянависӣ бо тасвирҳои равоншиносӣ ва равонковӣ ба суннатҳои адабии устоди худ вафодор аст. Дар новеллаҳои «Ватан дар гулдони тухмшакл», «Домани сурх», «Дар чарогоҳ» ва ғайра, ин ҷиҳати ҳунари нависандагии Т. Миура ба таври равшан ҷилвагар мешавад. Аз тарафи дигар, мавзӯи ҷанг ва тасвири фоҷеаҳои дар пай доштаи он нависандаро водор кардааст, ки рӯҳи ҳамзамонони худро дар ҳолатҳои мураккаби зиндагӣ, дар пешорӯи набарди маргу ҳаёт ва дарку маърифати фалсафаи зиндагӣ озмояд. Вай рӯҳи башардӯстонаи халқи худро дар пешорӯи даҳшати харобиовари ҷанг мегузорад ва ба таври бадеӣ, ба воситаи амалу иқдом ва андешаронию натиҷагирии шахсиятҳои достониаш, ҷангро маҳкум менамояд.

Дар ҳикояи «Ватан дар гулдони тухмшакл» бошад, масъалаи танҳоии инсонро дар қиболи сарнавишт ба миён мегузорад. Қаҳрамони ҳикояи мазкур, Миса ба хотири пайдо кардани ҷои мувофиқ аз деҳаи дурдаст ба шаҳри пурғавғои Токио меояд ва дар ин ҷо ба саргардониҳо ва мушкилиҳои зиёди рӯзгор дучор мегардад. Ин ҷо навиcанда дар мисоли сарнавишти Миса ба мушкилоти рӯзгори ҷавонони муосири Ҷопон, ки шабеҳи онро дар гӯшаҳои дигари ҷаҳони муосир ҳам дидаву мушоҳида кардан мумкин аст, ишора менамояд. Масъалаи танҳоии инсон ва азиятҳои рӯҳию равонии он дар новеллаҳои дигари навиcанда ҳам ҷо-ҷо тасвир мешавад, ки онҳо

далели гароиши хос ба таҳқиқи адабию бадеии ин проблемаи муҳими рӯзгори ҳамзамонон доштани нависандаи ҷопонӣ мебошад.

Ин ва дигар масоили муҳими мавриди назари нависандаи маъруф, Т. Миура таваҷҷуҳи мутарҷимро ба худ ҷалб кардааст. Вай ҳангоми ба тоҷикӣ баргардонидани асарҳои ин адиби шинохта кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар бозгӯи тоҷикии ҳикояҳо сабки баён, шеваҳои ҷолиби таҳия ва назокатҳои хоси ҳунари нависандагии муаллифро нигоҳ дорад. Дар ин кор то чӣ андоза муваффақ гардидани тарҷумонро ба қазовати хонандагони соҳибзавқ вогузор менамоем. Ин ҷо танҳо онҳоро ба дунёи рангину нотакрори андешаҳои адиби шинохтаи ҷопонӣ Т. Миура дар бораи сарнавишти инсони муосир ва ҷаҳони ботинию зоҳирии он хайрамақдам гуфта, ба тарҷумони он, рӯзноманигори касбӣ, инсони шарифу соҳибмаърифат Абдуғаффор Қурбонов дар кори заҳматталаб, вале пурифтихори тарҷумаи адабӣ барору комёбӣ таманно менамоем.

**Шамсиддин Солеҳов,**
**Сардори Конуни забони тоҷикӣ**
**ва омӯзиши забонҳои хориҷии**
**Китобхонаи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илми филология.**

# Тэтсуо Миура

## (Шарҳи мухтасари тарҷумаи ҳол)

**Номи Тэтсуо Миура ҳамчуноне, ки ба ҷамъияти русзабонон он қадар маълум нест, ба хонандагони тоҷик низ ошно нест, вале тавре бархе аз мунаққидони адабӣ иброз медоранд, бисёриҳо маҳз аз тариқи эҷодиёти ӯ ба адабиёти Ҷопон шавқу ҳавас пайдо кардаанд.**

Тэтсуо Миура 16 марти соли 1931 дар шаҳраки Хатинохе, ки дар ҷазираи Хонсюи профектураи Аомории минтақаи Тохоку ҷойгир аст, чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Вай дар байни се бародару се хоҳар аз ҳама хурдӣ ба ҳисоб мерафт, вале ду бародари калонӣ беному нишон гум шуданд ва ду хоҳари калонӣ ҳаёти худро бо худкушӣ қатъ карданд.

Соли 1949 Миура ба Донишгоҳи Васедаи Токио дохил шуд, вале баъд аз беному нишон шудани бародари миёнагӣ ба шаҳри худаш баргашт. Маҳз дар ин ҷо, ҳангоме ки ба ҳайси муаллим дар мактаби миёна кор мекард, ба эҷоди асарҳо шуруъ намуд.

Баъди чанд сол, аниқтараш соли 1953 ба Донишгоҳи Васеда баргашт ва соли 1957 шуъбаи адабиёти фаронсавиро хатм кард.

Бори аввал Тэтсуо Миура соли 1955 навиштаҳои худро дар маҷалла ба нашр расонид. Ҳамон вақт ҳикояи вай таҳти унвони “Ман дар понздаҳсолагӣ ва атрофиёни

ман” аз ҷониби романнависи машҳур Масудзи Ибусэ баҳои мусбат гирифт.

Ҳикояи “Дарёи таҳаммул”, ки соли 1960 сазовори мукофоти ба номи Рюноскэ Акутагавӣ гардид, ба нависанда шуҳрати адабӣ овард. Ҳикояи мазкур дар асоси таърихи хонадоршавии муаллиф таҳия шудааст.

Китоби кӯдаконаи ӯ “Юта ва дӯстони хуби ӯ”, ки соли 1971 ба нашр расид, ҳамчунин сазовори баҳои баланд гардид.

Соли 1976 барандаи ҷоизаи ба номи Номи (маҷмӯаи “Туфангча ва 15 ҳикояҳо”), ҳамчунин ду маротиба сазовори ҷоизаи Ясунари Кавабатӣ соли 1990 (ҳикояи “Батат”) ва соли 1995 (ҳикояи “Шапалак-ҳаннот”) гардид.

Ҳикояи “Дарёи таҳаммул” соли 1972 аз ҷониби коргардон Кэй Кумаи филмбардорӣ шуда, соли 1977 бошад аз тарафи Ширкати театрии Шики китоби кӯдаконаи “Юта ва дӯстони хуби ӯ” ба саҳна гузошта шуд.

Соли 1988 Миура ба узвияти Академияи санъати Ҷопон пазируфта шуда, зиёда аз бист сол, аз соли 1984 то соли 2005 аъзои доварони ҷоизаи ба номи Акутагавӣ буд.

Ҳатто баъди паси сар кардани сактаи майна дар соли 2001 Миура эҷоди асарҳоро идома медод. Баъди ба нашр расидани маҷмӯаи эссеҳои вай таҳти унвони “Бибӣ-посбон” дар моҳи июни ҳамин сол, ӯ ҳангоми мусоҳибаи худ ба рӯзномаи “Маинити Симбун” изҳор намуд, ки

мехоҳад боз як роман нависад: “Имсол аҳволам беҳтар шудааст. Агар ман навиштанро қатъ намоям, метарсам, ки ин охири ҳаёти ман хоҳад буд”

Риштаи умри нависандаи сермаҳсул ва номии Ҷопон Тэтсуо Миура 8 августи соли 2010 дар синни 79 солагӣ аз бемории дил дар шифохонаи Токио канда шуд.

Ба забони русӣ асарҳои Тэтсуо Миураро хеле кам тарҷума кардаанд. Ҳикояи “Дарёи таҳаммул” соли 1975 дар маҷмӯаи “Ҳам ишқ буду ҳам нафрат”ва соли 1980 маҷмӯаи “Новеллаи муосири Ҷопон. Солҳои 1945-1978” чоп шуд. Ва танҳо соли 1985 нашриёти “Радуга” маҷмӯаи ҳикояҳои Тэтсуо Миура “Оташаки гумроҳ”-ро ба нашр расонд.

Мутаассифона, ба забони тоҷикӣ осори хеле ғанӣ ва пурмуҳтавои Тэтсуо Миура то ҳанӯз рӯи чопро надидааст. Бояд иброз намоям, ки тарҷумаи ҳикояҳои ин нависанда, аниқтараш тарҳи аввал ё дастнависи онро дар айёми ҷавонӣ ҳанӯз охири солҳои ҳаштодуми асри гузашта, ҳангоми адои хизмати низомӣ дар қаламрави давлати ҳамсоя – Афғонистон шуруъ ва анҷом дода будам. Бо гузашти чандин солҳо ва бо ба даст омадани вақту имконоту шароити муносиб имсол бори дигар онро рӯйи даст гирифта, кӯшиш ба харҷ додам, то бо диди наву андешаи ҷадид амали пешини худро такмилу суфта созам. Ин кӯшиши аввалини банда барои ба хонандаи нуктабину нуктасанҷ ва азизу гиромии тоҷик пешниҳод кардани

чанд ҳикояи нависандаи соҳибистеъдоди Ҷопон ба шумор меравад ва умедворам, ки мутолиаи онҳо барояшон писанд хоҳад омад ва дар лаҳзаҳои фароғат дилашонро шоду табъашонро болида мегардонад.

**Бо арзи эҳтиром ва самимияти бепоён,**

**Абдуғаффор Қурбонов**





# ВАТАН ДАР ГУЛДОНИ ТУХМШАКЛ

## I

Рӯзи якшанбе ягона кори мекардагиаш ин буд, ки дар кӯчаҳои шаҳр саланг-саланг мегашт. Агар ҳаво софу беғубор мебуд, пагоҳӣ дар по пойафзоли сабук аз хона берун мешуд ва агар борон борад, мӯзаҳои резиниро пӯшида, чатри сафедрангро бо худ мегирифту савори трамвай ё автобус ба ягон тарафе мерафт.

Бо вуҷуди он ки тамоку намекашид, аз дӯкони тамокуфурӯшӣ як қуттӣ сигарет мехарид ва аниқ мекард, ки дар наздикӣ хонаи бисёрҳуҷрадор ҳаст ё не. Агар ин

хел хона бошад, аниқ мекард чӣ хел, бо кадом роҳ рафтан мумкин аст ва баъди пайдо намудани хона пурсон мешуд:

-Ин ҷо духтаре бо номи Митобэ Миса зиндагӣ мекунад?

Аз тарси он ки ӯ номашро дигар накарда бошад, симо ва тарҳи рӯяшро бо ду-се  калима шарҳ дода, илова мекард:

Вай ҳаждаҳсола мебошад. Ӯ гурбаи сиёҳ низ дорад.

Маълум мегардид, ки кам пайдо мешавад духтари ҳаждаҳсолае бо гурбаи сиёҳ танҳо дар хонаи бисёрҳуҷрадор зиндагӣ кунад. Бинобар ин, дарбонон ба мӯйҳои парешони қаҳваранг ва свитери обшустаи ӯ нигоҳ партофта, ба зудӣ ҷавоб дода мегуфтанд, ки чунин духтар дар хонаи онҳо зиндагӣ намекунад. Дигарон пеш аз он ки ҷавоб диҳанд, оҳиста ва эҳтиёткорона пурсон мешуданд:

- Шумо кӣ ҳастед?

- Айда Кохэй, - номи аслии худро мегуфт ва натавонист фаҳмонад, ки ӯ ба Миса кӣ мешавад. Мо аз як деҳа  мебошем... – пичиррос мезад ӯ ва ба кӯча баромада, роҳашро идома медод.

Баъзе мавридҳо ӯ фаҳмида наметавонист, ки бо ӯ чӣ ҳодиса рӯй дода истодааст, чаро дар кӯчаҳо сарсону саргардон мегардад ва боз рӯзи якшанбе.

Чаро ин хел шуд?

То торикшавии ҳаво ӯ дар шаҳр бекор мегашт, дар ҷайбҳояш се-чор қуттӣ сигарети нодаркор ҷамъ мешуд. Онҳоро ба хона меоворд ва ба дарбонзани пир медод. Кампир бошад, фикр мекард, ки ӯ инҳоро дар бозии

«патинко»[1] буридааст, таърифомезона мегуфт: «Ташаккур барои тӯҳфа. Фикр мекунам, Шумо дар ин кор устои моҳире шудаед.»

## II

Айда то ин саргардониҳо дар шаҳр тамоми рӯзҳои якшанберо бо савории арғунчак дар боғи хурде, ки дар яке аз кӯчаҳои Фукова воқеъ аст, мегузаронид.

Вале ӯ мисли он бачаҳое, ки болои тахта истода, бо тамоми суръат пасу пеш алвонҷ мехӯрданд, намекард. Ӯ аллакай ҳаждаҳсола шудааст ва агар мехост ҳам наметавонист, зеро дасти росташ ангушти калон ва ишоратӣ надошт, наметавонист мустаҳкам бандро ба даст гирад.

Ӯ болои тахтае, ки бачаҳо рост меистоданд, менишаст ва бандро ба даст гирифта оромона онро ба пасу пеш тела медод. Замоне, ки болои арғунчак менишаст, фикр мекард, ки ин ба ҳаракати сангҳои соати калони деворие, ки дар муқобили хонаи муаллимони мактаби деҳотии онҳо овезон буд, шабоҳат дорад. Баъзе вақтҳо аз чарх задан гуруснаю монда шуда, қаиқсавории худро дар ҳавзи берун аз деҳа ба ёд меовард. Дар ин лаҳзаҳо, арғунчакро мисли қаиқ таккон медод. Вақте дилаш аз гуруснагӣ беҳузур мегашт, ӯ ба ошхонаи зери дарахти ҷалғӯзаи ҳимолой воқеъбуда мерафт ва одэн[2]

1 Автомати бозӣ

2 Навъи хӯроке, ки ба сих кашида шуда, дар об пӯхта мешавад.

мехӯрд. Ҳама вақт бо дасти чапаш нон мехӯрд, дасти росташро дар ҷайбаш нигоҳ медошт. Вале соҳиби ошхона медонист, ки дасти росташ ду ангушт надорад. Дар яке аз рӯзҳо Айда ба ошхона даромад ва адэн барояш чунон болаззат намуд, ки натавонист худдорӣ кунад. Дар охир ба худаш гуфт: «Ана инаш охирин» - сихи навбатиро бардошт, ки соҳиби ошхона баногоҳ эълон кард:

- Дусаду чил иен.

Ӯ ғайри ихтиёр дастро аз ҷайбаш кашид ва ба ҷустуҷӯи ҳамён шурӯъ намуд.

- Дар ҳоле ки пул доред, оромона хӯрок хӯред, саросема нашавед. Соҳиби ошхона табассум намуд. – Ҳайфи даст. Ин ҳодиса чӣ хел рух дод?

Маҷбур шуд нақл кунад, охир ӯ дастро дид.

- Дар фабрика кор мекардам, он ҷое, ки масолеҳ барои бистар тайёр мекунанд. Дастгоҳи мошин ангуштҳоро бурид, - гуфт ӯ соддадилона.

- Масолеҳ барои бистар?

- Бале, масолеҳи бистарӣ. Мӯй, пашм, дамшонаи нейлониро гирифта, бо моэъи резинӣ омехта мекунанд ва ба монанди тахтаи ғафс паҳн намуда, тавассути арраи механикӣ ба порчаҳои калон-калон мебуранд.

- Ҳамин арра бурид?

- Бале, ҳамааш бо айби парешонҳолии худам.

Рости гап, инро ба ӯ соҳиби фабрика ва усто баъди ба ҳуш омаданаш гуфта буданд. Худи ӯ бошад, чизеро дар ёд надошт. Дар ҳақиқат воқеа чӣ гуна сурат гирифта буд,

ӯ фаҳмида натавонист. Фақат метавонист гумон барад, ки арра худаш ба дасти ӯ часпида буд.

- Акнун чӣ, кори шудагӣ шуд, - гиреҳ бар абрӯ кашид соҳиби ошхона. Ангуштон бошанд, аз ҳама зарурашон нестанд. Ҳатман нороҳатиро ҳис мекунед?

Айда одатан нороҳатии зиёд эҳсос намекард, вале вақте дар бораи ояндаи хеш фикр мекард, табъаш хира мегашт. Қалам ба даст гирифта наметавонад, чӣ хел барои зиндагӣ қути лоямут пайдо кунад. Дар бораи шуғли навис-навис аз аввал фикр накарда буд. Аммо бо чунин даст на дастгоҳро роҳбарӣ карда мешаваду на кори дигареро анҷом додан. Фақат кори вазнин, кори ифлос монда буд, вале ин ҷо низ ӯ боварӣ надошт, ки аз ӯҳдааш баромада тавонад.

- Шумо ҳозир ҳам барои бистар масолеҳ тайёр мекунед?

- Не, ман дар матбаа кор мекунам. Дар мошини боркашӣ.

- Мошинро хуб меронед?

- Не, ман ронанда нестам. Дар бор кардану холӣ намудан кӯмак мерасонам.

Соҳиби ошхона бо ҳамдардӣ сар ҷунбонду хомӯшона дасти рости худро нишон дод. Дар он ангушти беном ба чашм намерасид.

- Инро арра набуридааст. Пулемёт зад, гуфт ӯ.

Рӯзи дигар соҳиби ошхона аз ӯ пурсид:

- Дар наздикӣ зиндагӣ мекунед?

- Ман? Дар Канда.

- Дар Канда?

- Ва аз ҳамон ҷо меоед?

-Бале. Бо автобус. Рақами нуздаҳум аз даромадгоҳи ҷанубии саристгоҳи метрои Токио.

- Ана гап дар куҷо! Ман бошам, фикр мекардам, ки дар наздикӣ маскан доред.

Беҳуда напурсид. Ҳар якшанбе ӯ ба ин ҷо меомад ва то ғуруби офтоб дар арғунчак менишаст.

- Ин ҷо дар наздикӣ шиносам зиндагӣ мекунад, - гуфт ӯ ба соҳиби ошхона чашмак зада.

- Ин тавр бошад, чаро доимо танҳо?

- Ӯ дар хона нест.

Дар чеҳраи соҳиби ошхона аломати ҳайрат баръало намоён шуд: охир мумкин аст баъдтар биёяд. Вале ӯ инро нагуфт. Фақат ишора кард.

- Ниҳоят пуртоқатед Шумо, Толоқугиҳо.

Айда ҳайрон шуд, зеро ҳеҷ вақт ба соҳиби ошхона нагуфта буд, ки ӯ аз куҷост.

- Аз шеваи гапзанӣ маълум. Ман дар аскарӣ бо бачаҳои Толоқу хизмат кардам... Ҳамаашон шаҳид шуданд.

Айда хомӯш ба назди арғунчакҳо баргашт. Аз ин ҷо барояш дар он тарафи куча тангкӯчаи назарногир намоён буд. Дар паси лавҳаи бинои якошёнаи пеши даромадгоҳи тангкӯча се тирезаи ошёнаи дуюм, ки дар паси хонаи бо оҳак сафедкардашуда истодаанд, намоён буданд. Тирезае, ки дар мобайн ҷойгир аст, тирезаи хонаи Миса мебошад.

Ӯ дар хонааш кати ниҳоят гаронарзиш ҷойгир карда, бо ҳамроҳии гурбаи сиёҳ бо номи Тама зиндагӣ мекунад.

Гурбаро Миса аз деҳа овард, катро бошад, вақти дар майхона кор карданаш харида буд. Ӯ ба ёд овард, ки чӣ хел аввалин бор ба рӯи ин кат нишаст. Пойҳо худ аз худ ба ҳаво баланд шуданд ва ӯ мисли Дарума[3] пасту баланд шудан гирифтанд.

Айда ниҳоят ба ҳайрат афтод. Дохили курпа аз чӣ пур карда шуда бошад? Ҳеҷ вақт фикр накарда буд, ки кат то ин андоза метавонад мулоим бошад. Дар аввал ӯ нороҳатиро ҳис намуд ва баъд якбора авзояш тира шуд. Акнун ӯ фаҳмид, ки ин оғози бадбахтӣ мебошад.

## III

- Аз ин баъд чунин хоҳад шуд: агар дар тиреза рӯпоккуни сурх овезон бошад, - ман ҳоло хоб ҳастам, яъне заҳмат надиҳед.

Миса ин гапро дар охири тобистон, вақте ки ӯ боре соати даҳи рӯз дари ӯро тақ-тақ кард, гуфта буд.

- Агар рӯпоккуни сафед овезон бошад, - пеши ман баромадан иҷозат аст. Ва агар чизе овезон набошад, ин маънии онро дорад, ки ман дар хона нестам.

Ҳамон рӯз Миса аз паси дар пурсид:

- Кот-ян ин ту ҳастӣ? – каме истода гуфт:

[3] Дар ин ҷо бо маънии бозича.

- Дар боғ интизор шав.

То ин вақт ӯ ҳамеша дарро ба рӯи Кохэй боз мекард, ҳатто лаҳзаҳое, ки ниҳоят монда бошад, мегуфт: «Ман ҳоло хоб ҳастам, медарой?». – «Дар кӯча интизор мешавам», даъватро инкор мекард ва то боз шудани тирезаи Миса дар тангкӯча интизор мешуд. Он пагоҳӣ бошад, ӯ натанҳо дарро боз накард, балки баъд танбеҳ низ дод. Аз вақти ҳамроҳ аз деҳа рафтанашон чунин муомиларо ӯ ёд надошт.

Шояд дар майхона ҳодисае рух дода бошад ё худро бад ҳис менамояд», - чунин қарор доду ба боғ рафт. Баъди чанде Миса бо мӯйҳои парешони  хурморанги сунъӣ давида омаду ҳамоно дарафтод:

- Аз ин баъд чунин хоҳад шуд:

«Дар бораи чӣ ӯ гап мезанад», - фикр кард Кохэй. Маълум шуд, ки дар бораи рӯпоккунакҳо гап меравад.

- Дар акси ҳол, ман аз бехобӣ аз пой меафтам. Ману ту дар олами гуногун зиндагӣ мекунем ва ҳамчунин бо таври худ истироҳат мекунем. Ту бояд маро фаҳмӣ.

Ва бо лаҳҷаи токиёгӣ, ки ӯ аллакай аз худ карда буд, ҳамаи гапҳои дар дилаш ҷамъ гаштаро ба вай гуфт. Пеш Кохэй тасаввур карда наметавонист, ки ӯ дар пеши Миса ҳамин тавр рост истад ва гапҳои тезу тунди вайро гуш кунад. Аз ин сабаб ӯ ба лабҳои рангпаридаи Миса нигоҳ карда, хомӯш буд. Вақте ки Миса гапашро тамом кард, ӯ гуфт:

- Фаҳмидам. Бигузор тавре шавад, ки ту мехоҳӣ. Фақат нагӯй, ки мо дар олами гуногун зиндагӣ мекунем.

Миса милкҳои варамшудаи вазнини чашмони худро поён карда, хомӯш буд.

Барои он ки вазъиятро каме сабуктар намояд ангуштҳои боқимондаи дасти росташро қат намуду ҳушҳолона илова кард:

- Яъне, ранги сурх – ист, сафед – равон шав, агар ягон ишора набошад, - роҳи хонаатро пеш гир. Ростӣ, мисли аломатҳои роҳ.

Вале  Миса ҳатто табассум нанамуд. Ба ҷониби ӯ нигоҳ накарда, бо лаҳни сард гуфт:

- Ту чӣ фикр кардӣ? Ин барои ту роҳи деҳа нест.

Сӯҳбат намечаспид, аз ин сабаб он рӯз каме дар кӯча истоданду пароканда шуданд. Якшанбеи дигар дар тирезаи Миса ҳеҷ гуна рӯпоккунак овезон набуд. Ин маънии онро дошт, ки ӯ дар хона нест. «Шояд ӯ овезон кардани рӯпоккунакро аз ёд бароварда бошад?- фикр намуд Кохэй дар тангкӯча рост истода. – Ҳар кас ба хашм меояд, агар ӯро  новақт аз хоб бедор кунанд. Барои ҳамин ҳангоми хаста буданаш гапҳои пасту баланд гуфт.

Вале ӯ дарк намуд, ки то дари Мисаро тақ-тақ накунад дилаш хотирҷамъ намешавад. Вақте ки ӯ бо зинапоя баланд мешуд,  дари ҳоҷатхона садо баровард ва ҳамсояи Миса – Хаясидасан дар даҳон чӯткаи дандонтозакунӣ ва дар бар кимоно пайдо шуд.

- Миса-тян ба куҷое рафтааст, - гуфт ӯ. Ҳеҷ коре ба ғайр аз хайрухуш кардану рафтан намонда буд.

Маълум мешавад, ки Миса дар бораи аломати ишоратӣ фаромӯш накардааст. Дар тангкӯча пас гашт ва

нигоҳ кард – дар пештоқи тирезаи Миса чизе овезон набуд. «Бирав, ман дар хона нестам», - гӯё мегуфт Миса.

Вале ӯ кӯчаро убур карду ба тарафи боғ равон гашт. Дар он ҷо харакҳо мавҷуд набуданд, ӯ ба арғунчак нишаст. Аз ин ҷо ба ӯ тангкӯча ва тирезаи Миса намоён буданд. Ҷойи рафтанӣ набуд. Дар хонааш бошад, ӯро танҳо борхалтаи тиҳӣ дар утоқи холӣ интизор буд, хоҳиши баргаштан ҳам надошт. «Беҳтараш ин ҷо мемонам, Мисаро интизор мешавам» - фикр намуд ӯ.

Миса бегоҳӣ ҳам барнагашт. Ду якшанбеи дигар низ ин ҳодиса такрор ёфт. Дар пештоқи тирезаи хона ягон рӯпоккун овезон набуд, бо торик шудани ҳаво рӯшнойи чароғ низ ба назар намерасид. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, баъди як ҳафта аз хона берун омада, сӯи боғ раҳсипор гашт. Раҳравон фикр кард, ки имрӯз ҳам ӯ дар хона нахоҳад буд, вале худро боздошта натавонист, баргашта натавонист. Барои дар хона будан ё набудани Миса фақат як бор ба тиреза нигоҳ кардан зарур буду халос. Агар дар хона бошад-чӣ? Шояд дар тирезаи ӯ рӯпоккунаки сафед овезон бошад?

Овораи фикри «шояд» ё «агар» ӯ ба боғ меомад ва то торик шудани ҳаво менишаст. Ин ягона шуғли ӯ дар рӯзҳои якшанбе гашта буд. То нимарӯзӣ ӯ аз савории арғунчак хаста мегашт, вале озурда намешуд. Соҳиби ошхона гуфта буд, ки ӯ ниҳоят пуртоқат аст, аммо гап дар ин набуд. Аз он вақте ки ӯ ба Токио омад, тамоми рӯзҳои якшанберо ҳамроҳи Миса мегузаронид ва шуғли дигареро намедонист.

Ӯ дар танҳоӣ бекор набуд, ӯ интизори Миса буд ва ин ӯро хотирҷамъ менамуд. Ва аз он ки Миса ба ҳар ҳол наомад, ба сари ӯ фикри беҳӯда гузаронидани вақт намеомад. Ҳангоме ки тирезаи хонаи Миса аз нурҳои офтоби ғурубрафтаистода медурахшид, ӯ бӯи хӯрокҳои боллазати ошхонаро ҳис мекарду ноҳат мегашт. Айда то лаҳзаи дар чашмонаш пайдо шудани ашк, оби дар даҳон пайдошударо кӯшиш мекард фӯру барад. Фақат баъд аз ин аз арғунчак баланд мешуд. «Ба зудӣ се хӯрокро фурӯ мебараму пас меоям, - фикр мекард ӯ, вале соҳиби ошхона гуфт:

- Имрӯз ҳам беҳӯда интизор шудед. Шунидани ин қабил калимаҳо барояш тоқатфарсо буд.

Охир ин чӣ кор аст, Миса куҷост? Ӯ ба чӣ кор машғул аст? Ҳатто рӯзи якшанбе дар хона намебошад.

## IV

Рӯзе ногаҳон ба сараш фикре омад. Шояд Миса ин хонаро тамоман тарк карда бошад? Ӯ оҳиста, оромона бо зинаҳо боло баромад. Дар пеши дари хонаи Миса, мисли посбони дар гурба Тама нишаста буд. Тама, ки ин ҷост, Миса ҳам ҳатман бояд дар хона бошад.

Ӯ ором шуд. Бо ангушташ ба сари гурба зад, Тама бошад, аз ҷояш наҷунбид. Фақат бо чашмони пӯшида бесадо мяу кард.

Айда ҳанӯз дар деҳа зиндагӣ карданаш гурбаҳоро бад медид. Тамаро бошад, қарор дод дӯст дорад, зеро ин

гурбаро Миса дӯст медошт. Вале аз ин кӯшиш чизе ҳосил нагашт. Баръакс, гурбаро бисёртар бад дид.

Вақте ки онҳо ба Токиё омаданд, гурба ниҳоят хурдакак буд, базӯр овозаш шунида мешуд. Миса вайро дар сабади хурде овард. Кохэй сарчашмаи асосии бадбахтиҳои Мисаро дар Тама медид. Миса бошад, чунин як сарчашмаи бадбахтиро ба шаҳр овард.

Ҳанӯз дар деҳа Мисаро барои кор ба заводи нон ҷалб карда буданд, вале баъди се моҳ ин шуғлро монда, дар дукони кӯча корро шурӯъ кард. Аз ин байн чор моҳ нагузашта буд, ки ӯ аз ин ҷо низ рафт ва дар ошхонае пешхизмат шуд. Баъди ин сартарошхона, қаҳвахона, ошхона ва боз ким-кадом корхонаҳо, ҳозир бошад, дар майхона вазифаи хосутасу[4]-ро иҷро мекунад. Дар муддати се сол ӯ тахминан даҳ ҷойи корро иваз намуд.

Миса гуфта буд, ки сабабгори саргардониҳои ӯ Тама мебошад. Гӯё аз паси Тама мавриди белутфӣ қарор гирифта, аз кор ронда мегашт. Кохэй намехост фикр кунад, ки Миса сабукпой аст ва барои ҳамин гурбаро бад дид. Дар асл бошад, Миса дар Токио фавран тағйир ёфт, ба он духтаре, ки ӯ мешинохт тамоман шабоҳат надошт. Вале ӯ ин чизҳоро намедид. Ӯ фикр мекард, ки ба ҳамаи ин на Миса, балки гурба – Тама гунаҳгор мебошад. Гумон мекард, ки Тама ба боварии соҳиби хона даромада, ӯро дар шаҳр саргардон кардааст.

---

4 Духтареро, ки меҳмононро саргарми чизе ё коре нигоҳ медорад.

Рости гап, дар пайдо кардани кор бахт бо ӯ ҳамсафар набуд. Аввал ба ошхонае, ки суси[5] медоданд, ба кор даромад, вале ин ҷо аз корҳои масхараомезона мешармид ва чизеро ёд нагирифт. Ӯ ҳеҷ наметавонист бо садои ғурунгосии «Бифармоед» муштариёнро пешвоз гирад, одат накард. Айда хомӯшона таъзим менамуд, баъди таъзим кардан чизе гуфтан, нишони бехирадист. Ӯ аз он ҷо хориҷ шуду аз шармгиниаш халос нашуд. Баъди ошхона ӯ дар корхонаи қаннодии аврупоӣ ва ресторани чинӣ кор кард, аммо дар ҳама ҷо барояш касб наомӯзонданд, балки азобаш медоданд. Он вақт қарор дод ташкилотҳои савдоро тарк карда, ба корхонаи бистарсозӣ ба кор дарояд. Мутассифона, аз байн ним сол нагузашта, ӯ дар ин ҷо ангуштони зарурии худро аз даст дод.

Агар Тама арвоҳи хашмгин барои Миса бошад, фикр мекард ӯ, ба вай низ кадом даррандаи баде часпидааст, вале ӯ наметавонад аз вай халосӣ ёбад, зеро арвоҳ дар бадани ӯ зиндагӣ мекунад.

Акнун Тама чорсола шуд. Ин як гурбаи ғафси густохе буд. Вақте ки Айда Мисаи дар бистари ниҳоят мулоим дароз кашида ва гурбаи болои ронҳои ӯ хобидаро медид, аз онҳо рӯй мегардониду фикр мекард: «Наход ин ҳамон духтарест, ки ҳамроҳи ман се сол пеш аз деҳа ба Токио омада буд?

---

5 Кулчаҳои аз биринҷи дар об пухташудае, ки ба он сирко ва қанд ҳамроҳ карда мешаваду дар болои он моҳӣ, тухм ё сабзавот монда мешавад.

## V

Дар миёнаи моҳи ноябр, рӯзи якшанбе вақт каме аз нимрӯзӣ гузашта буд, сусиро хӯрда овораи ҳисобу китоб бо соҳиби ошхона буд, ки аз паҳлӯяшон Хаясида-сан дар тан кимонои кӯтоҳи аз конгасури[6] дӯхташуда, гузашт. Маълум мегардид, ки Хаясида-сан ба ҳамом рафта буд. Мӯйҳои ӯ тар ва дар дасташ рӯпоккунак дошт. Айда таъзим намуд, Хаясида-сан бо ҳайрат ба ӯ нигоҳ карда, ҳаракашро суст кард.

Айда аз рӯи одате, ки дар ошхона пайдо карда буд, боз як бори дигар таъзим намуду ба тарафи арғунчакҳо равон гашт.

- Мебахшед... – ба ӯ баробар шуда, сухан оғоз намуд Хаясида-сан. Миса се рӯз пеш ба кадом ноҳияи дигар кӯчидааст. Айда мехост даҳон боз намояд, вале чизе гуфта натавонист. Майнааш гиҷу-виҷ буд.

- Ман гумон кардам, ки шумо ӯро интизоред...- гуфт Хаясида-сан. – Дар акси ҳол, хуш бошед.

Ва Хаясида-сан ба тарафи хона роҳ гирифт. Вале Айда ӯро боздошт.

- Ба куҷо кӯчидааст?

- Намедонам. Ӯ нагуфт. Ва дар хона низ касе намедонад, ҳатто мӯйсафеди дарбон.

Хаясида-сан ба Айда нигоҳ накарда, арз намуд, ки ду ҳафта пеш Миса бо хушнудӣ гуфтааст, ки ба хонаи калон

---

[6] Матои пахтагии кабуди сияҳтоб бо гулҳои сафед

мекӯчад. Ин хел хонаҳо дар Токио хеле зиёд аст. Ба Шумо ӯ чизе нагуфтааст? Айда сар ҷунбонд.

- Не... гуфт ӯ бо лаҳҷаи деҳотӣ.

Ӯ намедонист аз ин баъд чӣ кор кунад.

- Ҳеҷ гап не, ба зудӣ ӯ ҳатман хабар хоҳад дод, ки ба куҷо кӯчидааст. Дигар илоҷ нест, бояд интизор шуд, хайр ман меравам. Хаясида-сан босуръат аз дарвозаи боғ берун рафт. Айда низ аз қафои ӯ равон гашт. Дар ин лаҳза ба ёдаш намеомад, ки бояд бо соҳиби ошхона тавассути ишораи даст хайрухуш намояд, зеро шояд ба ин боғ дигар ҳеҷ вақт наояд. Ӯ аз чӣ бошад, ки хунук хӯрд ва гӯшаки гиребони ҷемперро боло намуд.

Ӯ ҳатто нафаҳмид, ки истгоҳи автобусро гузашта ба Монмаэ Никамати расидааст. Ба автобус савор шудан намехост. Ба хонаи холиаш баргаштан метарсид. Барои ҳамин саросема набуд. Ҳамин тавр пиёда равон шуд.

Дар болои дарёи Энёбаси аз тарафи чапи дарё шамоли бошиддат мевазид, ба ӯ чунин намуд, ки шамол ҳозир вайро боло мебарад. Аз тарси он ки ба ким-кадом ҷойҳои номаълум парвоз накунад, ҳол он ки на ӯ, балки Миса аз вай мисли мори коғазии бо риштаҳо пайваст парвоз кардааст, дар назди пояҳои оҳанин истод.

Ӯ то Нихонбаси расид. Ба хона баргаштан ҳоло барвақт буд. Дар роҳрави пеш аз универмаги калон қатори камнашавандаи одамон ба вуҷуд омада буд. Ӯ ба мавҷи дарёи одамон даромехту шино намуд. Дар пеши

даромадгоҳ лавҳачаи «Шоҳкориҳои бонсай»[7]-и ҷопонӣ овезон буд.

Вақте ки ӯ йероглифи «бон»-ро дид, чашмонаш торик шуданд. Ашкҳояшро бо остини ҷемпер пок намуду боз ба лавҳа нигарист. Чӣ хел иероглифи шинос! Дар ватани ӯ ҷашни Бон[8]-ро аз сенздаҳуми август шурӯъ мекарданд. Ва ин ҷашнгирӣ як моҳ баъдтар назар ба дигар ҷойҳо. Лаҳзае, ки ҳаво ба торикшавӣ шурӯъ мекард, ҳама ба қабристони зери кӯҳ меомаданд ва дар пеши қабрҳои наздиконашон гулшанҳои ёдбудӣ меафрӯхтанд. Ва ҳангоме ки тамоман торик мешуд, дар нишебии қабристон зиёда аз 200 оташ чашмак мезадандy зинаҳои сангине, ки ба тарафи маъбад мебаранд, мисли пуле дар болои ҳавзи оташгирифта ба назар мерасид.

Аз он вақте ки ӯ ба Токио омадааст, ягон маротиба ба деҳаи худаш нарафтааст, на дар соли нав ва на дар ҷашнгирии Бон. На, ӯ аз хона нагурехта буд. Ростӣ, ки ӯ намехост ба он ҷо баргардад. Баъди фавти падар ба назди модар як савдогари оворагарди хомӯш кӯчида омад, хона барои ӯ бегона гашт.

Аз ин сабаб мактабро хатм намуда, бо мақсади барнагаштан кӯшиш намуд ҳарчи зудтар аз деҳа биравад ва умуман онро фаромӯш намояд. Вале иероглифи «бон» ба ӯ дуди гулханҳои ёдбудии қабристонро ба ёд овард. Маълум, ки мазмуни иероглифи «сай»-ро ӯ фаҳмида

---

[7] Дарахти ниҳоят хурд, боғ дар гулдон

[8] Ҷашни ёдбуди фавтидагон

наметавонист, қарор дод, ки гап дар бораи намоишгоҳи чизҳои дар иди Бон истифодашаванда дар минтақаҳои гуногуни Ҷопон меравад. Ӯ аз паҳлӯи чунин намоиш гузашта рафта наметавонист.

Вале баъди бо тавассути эскалатор ба толор ворид гаштан ба ғайр аз даҳҳо гулдон бо дарахтони кӯчаки манзаравӣ чизи дигареро надид. Онҳо дар пештахтаҳои паст ҷойгир гардида буданд, дар болояшон матои сафед. Ӯ истод.

- Айда – кун?

Ӯ ҳайратзада баргашт. Ин посбони фабрикаи бистарсозии Суру-сан буд. «Вохӯрии аҷиб дар ҷои аҷиб»,- фикр кард ӯ. Аз афташ Суру-сан низ ҳайрон буд.

- Ман ҳеҷ интизор набудам, туро ин ҷо бинам! - нидо намуд ӯ. – Ту чӣ, бонсайро дӯст медорӣ?

Танҳо ҳамин лаҳза Айда фаҳмид, ки дарахтони хурди дар гулдон ҷойгирбуда бонсай ном доранд.

Бо мақсади халал нарасонидан ба тамошобинон ба тарафе рафтанд ва сӯҳбат оғоз намуданд. Суру-сан аз аҳволи дасти ӯ пурсон шуд. Айда бошад, ноайён дасташро аз кисааш бароварду нишон дод. Ҳанӯз ҳангоми кор дар фабрика Айда нисбати Суру-сани ба қашқалдоқ монанд ақидаи хуб дошт. Суру-сан низ аз афташ ба ҷавоне, ки ду ангушташро аз даст дода буд, ҳамдардӣ мекард.

Азбаски Айда дар намоишгоҳ бори аввал буд, Суру-сан пешниҳод намуд онро якҷоя бинанд, онҳо ба тарафи гулдонҳо равон гаштанд. Суру-сан то ин лаҳза толорро якчанд маротиба чарх зада баромада буд, барои ҳамин ӯ

дар бораи хусусияти нигораҳо ва душвориҳое, ки созмондиҳандагони онҳо ҳангоми омода сохтанашон дучор омадаанд, ба Айда мефаҳмонд. Ӯ ба Айда бо шавқ нақл мекард, ӯ бошад бо завқ гуфт:

- Чӣ хуб, ту ҳама чизро медонӣ!

- Охир ман солҳои зиёдест, ки ба ин санъат машғулам. Ба ростӣ, на ба он дараҷае, ки асарҳои худро ба намоишгоҳ ҷой диҳам, бо вуҷуди ин пеши ман шоҳкориҳо низ ҳастанд. Агар бовар накунӣ, меравем хона, то ки бароят нишон диҳам, - гуфт Суру-сан

Айда фикр мекард, ки дарахтро дар ҳолати табиӣ нигоҳ доштан беҳтар аст, аз он ки шохаю баргҳои вайро тоб дода, ниҳолҳои безеб созӣ. Арчаи ҷопонӣ бо шохаҳои парешон, се хиноки[9], ки паҳлӯи ҳам истодаанд, ниҳоят зебо мебошанд. Ӯро манзараҳо ба худ ҷалб мекарданд, дар як гулдон парвариш ёфтани якчанд дарахти якхелаи ба беша монанд, хушаш меомад. Кэйяки[10]-ҳо дар яке аз гулдонҳо мисли буттазори аслӣ ба назар мерасиданд. Ин худи табиат дар шакли кӯчакаш буд.

Барои ҳамин, вақте ки баъди тамошои намоишгоҳ Суру-сан аз Айда пурсид, ки кадом чиз ба ӯ зиёдтар маъқул шуд, ӯ ба зудӣ чунин ҷавоб дод:

- Манзараҳои табиат.

- Ана гап дар куҷо! Ман ҳам ҳамин хел фикр мекардам, - хурсанд гашт Суру-сан. – Ман ҳам бонсайҳои

---

[9] Дарахти сарви ҷопонӣ

[10] Дарахти қиматбаҳо

манзаравиро дӯст медорам ва онҳоро хуб парвариш мекунам. Мехостам ба ту нишон диҳам. Беҳтараш ягон дафъа ба назди ман биё. Дар хонаи ман дарахтони гуногуни манзаравӣ зиёданд. Суру-сан аз дафтар як саҳифаро дарронда, дар рӯи он нақшаи аз истгоҳи метро то ба хонааш рафтанро кашид.

- Якшанбеи ояда имконияти омаданро дорӣ? – пурсид ӯ.

Даъват ногаҳонӣ буд ва Айда каме даступо хӯрд, вале каме баъдтар ба ёд овард, ки дигар ба ӯ зарур нест ба Фукава раваду дар боғ интизор шавад, вай тамоман озод аст. Дар давоми тамошои намоишгоҳ бо ҳамроҳии Суру-сан Мисаро, ки ӯро партофта дар ҷои номаълум пинҳон шудааст, тамоман фаромӯш карда буд.

## VI

Ҳафтаро ӯ дар ҳолати беамалӣ гузаронид. Вақте ки Миса дар Фукава зиндагӣ мекард, вақт ниҳоят тӯл мекашид. Ҳозир бошад, ҳафта базудӣ гузашт ва рӯзи якшанбе фаро расид. Аз рӯи одати маъмулгашта ӯ аз хона бадар омад, вале ҷойи рафтан набуд. Ва ӯ роҳро ба сӯи хонаи Суру-сан пеш гирифт.

Суру-сан дар яке аз кӯчаҳои ифлоси банди обёрии Аракава зиндагӣ мекард. Айда аз рӯи нақшаи ба ӯ додаи Суру-сан ба зудӣ хонаро пайдо кард. Хона дар дохилтари тангкӯча ҷойгир буда, назар аз тасаввуроти пешинаи ӯ хурдтар буд. Ба ҳавлӣ ворид гашту аз ҳайрат чашмонаш

гирд гаштанд – болои рафҳо дар дохили гулдонҳои бешумор дарахтони кӯчак қомат рост кардаанд. Ба фикраш ҳам омада наметавонист, ки Суру-сан соҳиби чунин коллексия бошад.

Суру-сан махсус барои ӯ тамоми бонсайҳои манзаравиро дар як раф монда буд. Ва дарҳол онҳоро ба ӯ нишон дод. Яке аз манзараҳо Айдаро мот намуд. Дар гулдони ҳамвор, ки ба косаи чуқур шабоҳат дошт аз хок теппачае баланд сохта шуда буд ва аз як тараф баланду аз тарафи дигар пасттар менамуд. Теппачаи баландшуда алафро ба ёд меовард ва дар байни он қариб бист дарахтча меистоданд, ростӣ ба қисмати ҷануби бешаи булутзори деҳаи худаш монанд буд. Айда ин манзараро дида, дар ҷояш карахт шуда монд.

- Чӣ хел? Ягон чиз маъқул шуд? – пурсид Суру-сан.

Айда хомӯшона бо дасташ ба порчаи хурди ватанаш дар миниатюра ишора намуд.

- Ҳа-а балутчаҳо, - гуфт Суру-сан. – Чизи бад нест, вале арчаҳо низ хуб мебошанд, ҳамин хел не?

Аммо Айда ба ҷуз тамошои бешачаи булутҳо ба чизи дигаре назар кардан намехост. Манзара чунон ба бешачаи қисмати ҷанубии деҳаашон монанд буд, ки ӯ аз назди он дур шуда наметавонист.

Чашмонаш якбора аз ашк лабрез гаштанд. Ӯ ин лаҳза фикран дар ватан буд.

- Ба ту чӣ шуд? – гӯён Суру-сан ба китфи ӯ зад ва Айда ҳамон лаҳза ба худ омад. Суру-сан ба рӯи ӯ назар

афканд. Айда рӯй гардониду ашки чашмонашро пок намуд ва шармгинона паси сарашро хорид.

- Тамоман мисли деҳаи мо. Дар деҳаи мо мисли ҳамин бешае мавҷуд аст. Мо бисёрии вақт дар он ҷо бозӣ мекардем.

- Агар ба ин андоза маъқулат шуда бошад, метавонӣ бо худ бубарӣ. Албатта, на барои тамоман. Метавонам тӯҳфа кунам, аммо парваришаш ниҳоят кори сангин аст. Ҳар замоне ба дилат зад, пас меорӣ. Дар як рӯз ду маротиба обёрӣ мекунӣ. Фикр мекунам, аз ӯҳдааш мебароӣ.

Айда сар ҷунбонд. Беихтиёр барои худ тӯҳфаи қиматбаҳо гирифт. Онро бо таксӣ ба хона овард, ҳол он ки бе Миса ӯ хеле кам аз таксӣ истифода мекард.

Он бегоҳӣ ӯ гулдонро дар назди болишт монду дароз кашид ва аз тамошои миниатураи манзаравӣ лаззат бурд. Нафаҳмида монд, ки хобаш бурд. Аз ҳамон вақт сар карда, баъди аз кор баргаштан дар назди гулдон дароз мекашид ва то дер вақт ба дарахт менигарист.

Бонсай гӯё чашмаи гирдшакле буд, ки хотироти Ватанро ба ёд меовард. Лаҳзаҳое, ки ӯ ба вай назар мекард, хотироташ фаввора мезад, мисли оби чашма.

Тамошои бешачаи миниатурӣ машғулияти дӯстдоштаи ӯ гашта буд. Ӯ тасаввур менамуд, ки ушна[11] - ин алафест дар нишебии теппа ва ӯ, Айда тамоман хурд дар болои алаф хоб аст. Чашмони ӯ пӯшидаанд, дастонаш

[11] Як навъ растанӣ

зери сар ва худаш ҳаҷман мисли нисфи қуттии гӯгирд мебошад. Бешаи булут то рафт бузург мешавад ва ана ӯро фурӯ мебарад. Дар болои дарахтон шарах-шарахи шамол, садои дарё ва овози паррандагон ба гӯш мерасад. Дар дуриҳо болға мезананд, садои зангула аз маъбад мерасад...Ӯ оҳиста чашмонашро боз менамояд ва ба боло меафканад. Дар осмони кабуди соф қуллаҳои дарахтони булут ба ҳам печиданд. Ӯ бармехезад ва бо пайроҳа ба дарунтари беша меравад...

Боре ӯ ҳамин хел бо чашмони пӯшида хобида буд, ногаҳон овози занона ӯро садо намуд:

Ко-тэн!

Ӯ сар боло намуд. Аз паси дарахт каме дуртар рӯи зебои Миса ба назар мерасид.

- Ин тӯй? Ту дар куҷо пинҳон шудӣ? – ҳайратзада пурсид ӯ, мехост ба по хезад, вале ба худ омад.

«Мисаро бояд ҷустуҷӯ намуд», - фикр намуд ӯ он лаҳза. Хоясида-сан гуфта буд – бояд интизор шуд, то ӯ дар бораи худ хабар бидиҳад, вале маълум гашт, ки Хоясида-сан ӯро ором мекард. Миса ягон дафъа агар рӯзи якшанбе ба ҷое мерафт, ба ӯ намегуфт. Ҳозир бошад, тамоман нахоҳад гуфт. Бояд худам ҷустуҷӯ кунам.

Ӯ намедонист, ки дар Токио хонаҳои калон зиёд аст ё кам ва агар дар як рӯз ду-се хонаро бинад барои дидани тамоми онҳо чанд сол лозим аст. Ба ҳар ҳол ӯ аз ҷустуҷӯ даст кашида наметавонист.

Ҳар як шанбе ӯ бонсайи худро тарк гуфта, дар шаҳр саланг-саланг мегашт, вале ҳамааш бефоида буд.

## VII

Дар охирин рӯзи якшанбеи пеш аз Соли нав ӯ бегоҳӣ баъди аз пиёдагардии зиёд ниҳоят хаста ба хона омад, ба наздиктарин ҳамом рафт. Захмҳои кӯҳнаи даст дард мекарданд – шояд дар роҳ хунук зада бошад. Дар ҳаммом ниҳоят баъди шустани сару тан тару тоза ба хона баргашт. Аз паси дари фанерӣ овози соҳиби хона баланд шуд.

- Айда-сан, шумо хобед?

- Ҳоло не, ҷавоб дод ӯ ва свитерро, ки мехост аз тан берун кунад, аз нав дуруст намуду дарро боз кард.  Дар паҳлӯи соҳиби хона марди ношиноси миёнасол, ки чашмонаш тез-тез миҷа мезаданд, дар тан болопӯши васеъ дошт, рост меистод. Соҳиби хона он мардро муфаттиш номид. Айда беихтиёр қафо рафт. Фикр кард:  «Барои он ки бе иҷозат ба хонаҳо рафта, аз Миса пурсон мешавам, омадааст, ки ҷазо диҳад.»

- Шумо, Айда Кохэй, ҳамин хел не?  - пурсид муфаттиш бо садои на он қадар ҷиддӣ ва ба тарафи дар қадам ниҳод.

- Шумо занеро бо номи Митобэ Миса мешиносед?

«Муфаттиш аз куҷо Мисаро мешиносад? – ҳайрон гашт Айда ва гуфт, ки мешиносад. Ба саволи ӯ ба Шумо кӣ мешавад, ҷавоб додан мушкил набуд, зеро ҳангоми саргардониҳои худ дар шаҳр ба ин савол одат карда буд.

- Дар рӯзҳои наздик бо Миса вохӯрда будед?- пурсид муфаттиш ва ӯ ҷавоб дод, ки аз моҳи сентябр то ҳол ӯро надидааст.

Муфаттиш сар ҷунбонид ва Айда фикр кард, ки пурсиш хотима ёфт, вале ӯ табассум намуду пурсид, ки дирӯз бегоҳӣ ӯ дар куҷо буд ва чӣ кор мекард.

- Бегоҳӣ? Дар ҳамин ҷо. -Ӯ оромона бо пойи худ болои татами[12] зад.

- Ҳама вақт дар ҳамин хона будед? – чеҳраи муфаттиш гӯё механдид, фақат чашмонаш ҷиддияти худро гум накарда буданд, - ва ба чӣ кор машғул будед?

- Ба чӣ кор? Ба манзара нигоҳ мекардам.

- Ба чӣ?

- Ба бонсай.

- Ҳм, - муфаттиш лабханд кард ва бо тезӣ хонаро аз назар гузаронид. – Дар куҷост вай?

- Ана ин ҷост! - Айда дари шишагинро боз карду панҷараи ларзони онро як тараф тела дод ва ба бонсайи боло айвони тар истода, ишора намуд. Муфаттиш хам шуду бо дастонаш ба зонуҳояш такя намуда, ба гулдон нигоҳ кард.

- Ин магар манзара аст?

- Бале.

- Ин чӣ гуна дарахтон мебошанд?

- Булутҳо.

---

[12] Намади ғафси кохӣ, ки дар хонаҳои муқаррарии ҷопонӣ паҳн карда мешавад.

- Булутҳо? Ҳатто фикр намекунӣ, ки онҳо реша доранд. Гӯё шохчаҳо рост карда шудаанд.

Айдаро як ҳиссиёти лаҳзагие пахш намуд. Кор ранги ҷиддиеро ба худ касб менамуд. Чизе нагуфта нишаст ва яке аз булутҳоро кашид.

- Духтарча бо номи Митобэ Миса мурд. Айда бо тарс даст аз булут пас гирифт.

- Бо дуди газ худро куштааст. Дар хонаи кӯҳна дар минтақаи Мэгуро, - гуфт муфаттиш. Айда хост бархезад, вале аз ҷӣ бошад, ба ваҳшат омад ва дар ҷойи нишастааш истод.

- Худкушӣ?... пурсид ӯ ва зонуҳои худро оғӯш гирифта, ба девори бетоние, ки болои айвон истода буд, нигоҳ намуд.

- Хате намондааст. Ба худкушӣ монанд не. Трубкаи резинии колонкаи газ аз ҷой беҷо шудааст, шояд ҳангоми хоб буданаш бо пояш зада бошад. Ниҳоят маст будааст. Дирӯз иди мавлуд буд-ку.

Муфаттиш мисли пештара хам шуда, бо ду дастонаш ба зонуҳояш такя карда меистод.

Миса- танҳо буд?

- Танҳо. Мегӯянд ҳамроҳи ӯ гурбае зиндагӣ мекардааст. Ана ҳамин гурба ғайб задааст. Дари хона маҳкам набудааст.

Айда рӯяшро гардонид, муфаттиш бошад, қоматашро рост кард.

- Вақте ки пеш аз Соли нав ба деҳа меравӣ, падару модари Мисаро дилбардорӣ намо, - раҳравон ба суйи дар гуфт муфаттиш. – Барои нороҳат карданам бубахш.

Ҳамон бегоҳӣ Айда Кохэй ғайб зад. Пагоҳӣ пиразани соҳиби хона дид, ки ӯ дер боз аз хона берун намебарояд, рафт то ки бифаҳмад ба ӯ чӣ гап шудааст. Ҷойи хоб омода шуда буд, вале аз ӯ дараке набуд. Чароғ афрӯхта, дари шишагӣ ва панҷараҳо кушода буданд. Дар хона ҳама чиз мисли бегоҳӣ, вақте ки ӯ ба Айда шаби хуш хостан омада буд, дар ҷояшон истодаанд. Фақат Кохэйи дар пеши гулдони бешазори миниатурӣ нишаста, ба назар намерасид.

Дар хона ӯ ҷемпер ва ҷӯробҳоро пайдо намуд. Дар қуттии пойафзол бошад, гетиҳо меистоданд. Чӣ, маълум мешавад, ки Кохэй ба куҷое пойи луч ва дар тан як свитер ва шими ҷинс рафтааст? Ба ҷойи кори ӯ телефон кард. Аз он ҷо ҷавоб доданд, ки Кохэй ба кор набаромадааст. Пиразан қуттиҳои мизро ҷустуҷӯ кард – ягон хат пайдо накард.

Ӯ на пагоҳ ва на баъди як рӯз ба хона барнагашт. Рӯзҳои рухсатии солинавӣ мегузаштанд, пиразан фикр кард, ки шояд ба таври таъҷилӣ ба зодгоҳаш рафта бошад. Ба деҳа барқия фиристод. Баъди панҷ рӯз ҷавоб омад: «Кохэй наомадааст». Аз ин байн даҳ рӯз, бист рӯз гузашт - Кохэй пайдо нашуд.

Бонсай чун пештара дар айвой меистод, касе вайро обёрӣ намекард, замини он хушк шуда, ушна гардолуд ва зард гашта буд. Бешача мурда буд.

Ҳангоме ки шамоли хоколуд зада даромад, парвонаи хурди дар шохаи поёни яке аз дарахтҳо овезонбуда, оромона такон мехӯрд.

Ва ҳеҷ касе мутаваҷҷеҳ ҳам нагашт, ки ин умуман парвона нест.

Дар он ҷо тани беҷону мурдаи Кохэй овезон буд.

**ш.Кобул,**
**22 майи с.1988**



# МАН ДАР ПОНЗДАҲСОЛАГӢ ВА АТРОФИЁНИ МАН

Боре ман номаи пеш аз маргамро навиштам. На барои он ки мехостам худкушӣ кунам. Ҳамин хел фикри он ки маро метавонанд аз байн бибаранд, азобам медод. Воқеан, ман каме  муболиға карда истодаам. Ман он хатро, аниқтараш, аз рӯи бефаҳмӣ, дар ҳолати даступо хӯрдагӣ – аз тарси он ки ногаҳон метавонам ба он дунё рахти сафар бандам, иншо намудаам.

Ин ҳодиса дар понздаҳумин тобистони умри ман рух дод.

Боре субҳгоҳон садои даҳшатноке маро аз хоб бедор сохт. «Заминҷунбӣ набошад боз?» - фикр кардам ман ва аз ҷойгаҳ парида хестаму тирезаро боз намудам. Дар рӯ ба рӯи чашмони ман дар осмон бо садои гӯшкаркунанда аҷинаи сиёҳ парида гузашт. Ӯ ба зудӣ дар паси наздиктарин хонаи баланд нопадид гашт ва ман дар зери шикамаш ситораҳои сафедро, ки баръало намоён буданд, дидам. Кимонои шабпӯши худро дуруст намуда, аз тиреза баромадам, дар ҳолати хобида болои хона лағжида поён рафтам ва аз он ҷо бар-бари девор давида, ба дохили боғ паридаму ба паноҳгоҳ даромадам. Он ҷо чунон торик буд, ки бо суръати баланд, ба чизе сарфаҳм нарафта то охири ғор давида рафтам ва бо пешонӣ ба девори чӯбин бархӯрдам. Ба худ омадан замон аз ғор берун шуда, ба тарафи хона баргашта, дод задам: «Ҳамлаи ҳавоӣ! Раҳо ёбед!». Вале танҳо ба назарам намуд, ки ман дод задам. Дар асл бошад, аз гулӯи ман садое берун набаромад. Ин кор тахминан як моҳ қабл аз тамом шудани ҷанг ба вуқуъ пайваста буд.

Он вақт ман дар ошёнаи дуюми флигел иқомат менамудам ва кӯшиши зиёдеро сарф мекардам, то ки афсари хурди ҳавопаймои баҳрӣ шавам. Мактаби ҳавопаймоие, ки ман мехостам ба он дохил шуда таҳсил намоям, дар яке аз ҷазираҳои хурди баҳри дохилии Ҷопон ҷойгир буд. Ман ин ҷазирачаро ҳеҷ гоҳ аз наздик надидаам, лекин як-ду бор ба хобам даромад. Дар болои

кӯҳ казармаи сафед медурахшид, дар болои он бошад, зери шамол байрақи абрешимӣ алвонҷ мехӯрд. Шояд дар тасаввуроти ман хоб ва манзараи майдони ҳавоӣ, ки аз дур дида будам ба ҳам омехта гаштаанд. Ман орзу доштам чунин мактаброро хатм намоям. «Ана ман лётчики баҳрӣ мешавам, - фикр мекардам ман, - ва бе ягон дудилагӣ ҳавопаймои хурди худро рост ба дудбарои киштии душман равона менамоям».

Ман омодаи мурдан шудам.  Дар аввал, мехостам дар кадом ҳолате набошад, бимирам, вале вақте ки каме ба ину он сарфаҳм рафтам, ба ман мегуфтанд, ки бояд бо шоистагӣ мурд. Аз он ки соати марги ман наздик омада истодааст, тамоми ҷонам меларзид. Ва ман аз марг заррае наметарсидам.

Шаб, ҳангоме  ки бо чашмони пӯшида дар ҷойгаҳ дароз кашидаам, тасаввур мекардам, ки чӣ хел хоҳам мурд. Ин манзараи дурахшон буд, зеро аз он хун ба ҷӯш меомаду ҷон ба рақс медаромад.

Ман аз абрҳо ба киштии душман ҳамла меоварам. Туман. Рӯшноӣ. Баҳри кабуд. Қаиқи най. Киштии бозича. Шамоли сахт. Ман меафтам, меафтам. Оташбозӣ. Гулҳои сафед. Оташбозӣ. Гулҳои сафед. Ғулаҳои дуд. Дар гӯшҳо ҷаррангоси сигнал (сирена). Садояш баландтар мегардад. Киштӣ. Дуди сафед. Дуди сиёҳ. Даҳони вулкан. Гирдоби оташ. Алангаи баланд. Ин ҷо дар паси мижаҳои пӯшидаи ман гӯё барфпораҳо ба чарх задан шурӯъ менамоянд. Мисли баргҳои гулҳои олуча. Вале мисли хокистар. Ва, ҳатман, аз ким-кадом гӯшаи ҷон суруде пайдо мешавад:

«Чун ба баҳр мебароӣ – мурдаҳо дар шиноянд». Вақте ки ман дар худ ин сурудро мешунавам, доимо мегирям ва мисли ҳаво сабук гашта, хоб меравам.

Аз ҳамон пагоҳӣ сар карда, тамоми моҳ то охири ҷанг ҳавопаймоҳои баҳрӣ шаҳри моро зери ҳамла қарор дода буданд. Вале баъди се рӯз дидем, ки хатар аз мо дур шуд. Дуртар аз ин ҷо, дар қисмати ғарбӣ майдони ҳавоии низомӣ ва дар муқобили он баъди майдончаҳои хурди шолӣ, дар лаби баҳр заводи ҳарбӣ ҷойгир буданд. Онҳо, махсусан, ҳадафи асосии ҳамлаи душманон буданд. Бомбаафканҳои душман, ки бо суръати баланд аз тарафи баҳр парида меомаданд, бомбаҳои худро дар болои минтақаи завод партофта, ба болои шаҳр паст омада, чарх зада боз ба тарафи сеҳҳо мерафтанд. Баъди ду-се гардиши калон гӯё ба шуш ҳаво пур мекарданд, онҳо ба тарафи ғарб мерафтанд. Осмони болои шаҳр барояшон ҷои истироҳат ба шумор мерафт. Баъзе вақтҳо аз осмон, баъди он ки ҳавопаймоҳо нопадид мегаштанд, ба болои шаҳр борони гилзаҳои дурахшони тӯпи худкор меборид, вале онҳо бадбахтии зиёдро пеш намеоварданд, зеро барои ҳаёт хатар надоштанд.

Аз байн даҳ рӯз гузашт, вале ягон ҳодисаи даҳшатнок рух надод, ҳол он ки аз болои хонаи баланди ҳамсоя баръало намоён буд, ки аз ними биноҳои завод чизе боқӣ намондааст. Инчунин, мегуфтанд, ки ошёнаҳои майдони ҳавоӣ аз тирборони ҳавопаймоҳо ба хоначаҳои занбӯр монанд шудаанд. Махсусан, нақли як коргар, ки гӯё дар завод зарфи кислотадор шикаст ва қисми зиёди

кислотаи сулфат ба паноҳгоҳ, ки сокинони он ҷо аз бомбаборон паноҳ ёфта буданд, ҳамла овард ва зиёда аз 20 нафар бе ягон нишона нопадид гаштанд, ба назарам ниҳоят фоҷианок намуд. Вале ба одамоне, ки дар гирду атрофи ман маскан доштанд, ягон хатар таҳдид намекард. Аз ин каме ваҳшатнок мешуд. Дар шаҳр ким-кадом як хурсандии номаълум ҳукмрон буд. Чунин ба назар мерасид, ки гӯё ҳама кӯшиш мекунанд ғаму андӯҳи дилро дур намоянд. Баъзеҳо аз ноумедӣ кӯшиш мекарданд, ҷасурии худро нишон диҳанд. Онҳо ба болои хонаҳо, дарахтони баланд баромада ба одамони дар поён истода, ҳамсояҳо дар бораи ба болои шаҳр боридани борони снарядҳо нотарсона ҳикоят мекарданд.

Ман қарор додам, ки ҳангоми ҳамлаҳо аз хонаи худ берун набароям. Агар дигарон кӯшиш мекарданд аз рӯи кунҷковӣ ё хунгармӣ бо хатар бозӣ кунанд, ман бошам, мекӯшидам хунсардона ба ӯ туф кунам, зиёдтар аз хоҳиши мурдан. Дар аввал ман аз ногаҳонӣ ниҳоят дасту по хӯрдам, вале баъдтар, вақте ки ба бомбаборонҳо одат намудам ва вақте ки дифои зиддиҳавоӣ қавӣ гашт, лаҳзаҳои ҳуҷум зарурати давутоз аз байн рафт. Ҳавопаймоҳои душман одатан пагоҳӣ пайдо мешуданд. Гоҳ-гоҳе онҳо ҳангоми офтобнишин намудор мегаштанд. Садои бонги хатар, ки аз ҳамлаи ҳавоӣ огоҳӣ медод, баланд мегашт, мо бо суханони зер аз ҷой парида мехестем: «Ана боз пайдо шуданд!» - ва ҳар кас ба ҳар тараф мерафт: баъзеҳо ба паноҳгоҳ, дигарон ба зери хонаи бетонии калон, ман бошам бо зинаҳои садодор ба

ошёнаи дуюм мебаромадам. Рости гапро гӯям, хонаи ман мисли паноҳгоҳ шуда буд.

Ба болои пештахта, ки бо баландӣ ба шкафи деворӣ монанд буд, ду татами (нами ғафси коҳӣ) дар паси фусума бошад, ду китобдонро рост кардам, фақат барои ба хоначаи худ дохил шудан як сурохие мондам. Ҳамин тариқ, дар болои сарам татами истода буданд, аз паҳлуҳо бошад, тахтаҳо ва қисми поёни шкафи деворӣ ба таҳхонаи зери террас монанд шуда буд. Ман дар он ҷо мизи хурд, чароғи рӯимизӣ ва баъзе чизҳои дигарро овардам, ки ин имконият медод ҳар қадаре хоҳам бо корҳои худ машғул мешудам. Дар ин ҷо ман китобҳои англисиро мутолиа мекардам, болои масъалаҳои душвору миёншикани геометрӣ майна об мекардам, аз гулӯи чойник об менӯшидам, нохунҳои худро тоза мекардам. Ва лаҳзаҳои ҳамлаҳои ҳавоӣ ба тахтаҳо бо даст мезадему бо садои баланд суруди низомиро месурудам.

Он рӯз чун ҳарвақта ҳамлаи ҳавоӣ буд. Ман дар кунҷи боғ зери соя нишаста будам ва гули пажмурдаи асагаоро дар кафи даст чарх занонда наззора менамудам. Дар ҳамин вақт садои нолиши бонги изтироби ҳамлаи ҳавоӣ баланд шуд. Ин ҳамлаи одии ҳавоӣ буд. Рости гап, аз пагоҳӣ ниҳоят ҳаво гарм буд.

Роҳравон ба тарафи хона ба боло назар афкандам ва ба назарам бинои баланди дар наздикӣ буда, афтид. Зери шуои офтоб қабатҳои он мисли лундаҳои оташини қандҳо болои ҳам, медурахшиданд. «Чӣ мешавад агар ман ба он ҷо равам», - фикр кардам. Ва ба худ гуфтам: «Ҳозир

мезанаму ба он ҷо меравам», ман аз даричаи қафо баромадаму шитобон ба тарафи бинои баланд равон гаштам. Фикри ба он ҷо рафтан ба сарам ногаҳон пайдо шуд. Чаро ин маро асир намуд, фаҳмонидан ғайри имкон аст. Мегӯянд, ки рӯзҳои охир дар зери бинои мазкур одамони зиёде ҷамъ меоянд, гӯё ин ҷо назар ба паноҳгоҳ салқинтар ва осудатар мебошад. Ва дар ҳақиқат, баъди ворид шудан ба хона ҳис кардам, ки салқин аст ва ростӣ овози одамон ба гӯш мерасид – он ҷо сӣ нафар ҷамъ омада буд.

Дар пеши даромадгоҳ духтарчаи ҳамсоя Наокоро вохӯрдам. Маро дидан замон лаб кaҷ намуда, гуфт:

- Ана, дар охир пайдо шуд!

- Имрӯз гарм ҳаст. Барои ҳамин омадам. Дар наздикии даромадгоҳ болои зинаи торик нишастам. Наоко дар паҳлӯям ҷой гирифт.

- Мегӯянд, ки ту дар шкафи деворӣ пинҳон мешавӣ?

Ман лабханд задам. Баъди ин мо хело вакт хомӯш истодем.

Ҳар боре, ки замин меларзид, гӯё дар зерхона ҳаво меҷунбид. Наъраҳои маторҳои ҳавопаймоҳои душман, ки дар осмон чарх мезаданд, ғирингоси хармагасро ба ёд меоварданд. Баъзе вақтҳо ба аккоси саг монанд мешуд. Ана таркиши пурзарбате ба гӯш расид. Аз арш ба гиребон рег рехт. Наоко ба ман ҷафс шуду дастамро маҳкам фишурд. Дар ҳолати ҷафснишаста бо ман ӯ то охири бомбаандозӣ истод. Дар охир хомӯшӣ оғоз ёфт. Ман

бархестам. Дастони Наоко аз китфи ман поён лағжида, ба дастонам часпиданд.

- Ана вақте ки ҷанг тамом мешавад… - аз поён ба боло нигоҳ карда, гуфт ӯ.

- Бале, - гуфтам ман, зеро медонистам, ки то тамом шудани ҷанг хоҳам мурд.

Ман аз зерхона берун омадам ва дар рӯшнойи дурахшони рӯз, ки сар аз он ба чарх меомад, оҳиста-оҳиста ба тарафи хона равон шудам. Вақте ки дар чоҳ даст мешустам ба ҳавлӣ ҳамсоя Гэн-сан зада омад.

- Расидааст! – инро гуфту ба ман чашм афканд. – Дар паноҳгоҳ нишаста будам, ки ногаҳон чунон сахт таркид! Ҳа, фикр кардам, ки расидааст. Шукр, ки зинда мондаӣ.

Ман як стакан об нӯшидам.

- Снаряд ё чизи дигар зад – давом дод Гэн-сан. Ман ба ӯ нигоҳ кардам.

- Не, ин бомба буд.

Бо ӯ сӯҳбат кардан бароям шавқовар набуд ва ман ба сӯи хона равон гаштам. Гэн-сан аз қафоям омад. «Чаро ӯ ба ман часпидааст?» - фикр кардам ман. Гэн-сан, фармончии дӯкони шолифурӯшӣ, солаш аз панҷоҳ гузашта, буд, ман бо ӯ дӯстӣ надоштам. Дар дари даромадгоҳи хона ман баргаштам, мо ба якдигар чашм афкандем, назари интиҳономез намудем.

- Бояд эҳтиёткор шуд, - гуфт ӯ. Одам намедонад дар кучҷо ва кай хоҳад мурд. Дар ҷое, ки гурехтан ҳатмист, гурез. Ҷони худро халос намо.

Гэн-сан инро гуфта, сарҷунбон аз даричаи қафо баромада рафт.

«Ӯ чӣ мегӯяд? – боз фикр кардаму парешонхотирона бо зина баланд шудам.

Фусумаро як тараф кардаму ба ҷои арш порчаи матои обиро дидам. Каме диққат намуда фаҳмидам, ки ин осмон аст. Осмони гирди обиранг бо лабҳои дарида, масоҳаташ як метр. Ду тахтаи баробаркунҷ, дар паҳлӯҳои сурохӣ овезон буданд. Татами рӯи фарш тамоман зери порачаҳои гулӯла монда буд. Ба назарам чунин намуд, ки бо садои паст фарёд кашидам, ҳол он ки аниқтараш, ба ҷои ба ҳайрат омадан ман оҳ кашидаам. Ман ба тиреза наздик шуда, хостам касеро ба ёрӣ даъват намоям, вале ногаҳон дастам ба чӯби тиреза расиду он ҷо порчаи оҳании гулӯларо, ки мисли сӯзани ғавс буд, дидам. Дар кадом як гӯшаи сина чизе ҳузнангезона нолиш баровард, гӯё чизе канда шуда бошад. Ман фарёд задам: «Гэн-сан!» Аз муҳити марг, ки тамоми хонаро фаро гирифта буд, нафасам танг гашту дар ҷоям карахт шуда мондам.

Бале, Гэн-сан ҳақ буд. Бешубҳа, ин гулӯлаи тӯпчии худкор буд. Вай шифти хонаро сӯрох намуда, тахтаҳои пештахтаро пора-пора карда, ба ҳама ҷо гулӯлаҳои оҳанинро пош додааст. Ба сутунҳо, татами, деворҳо зада даромада, зери шуои офтоб, ки аз сурохӣ медаромад, ҷилои хушке аз худ ҷудо менамуданд.

Ман пушт ба тарафи тиреза гардонида, ба хона нигоҳ мекардам, то бифаҳмам, дар асл чӣ ҳодиса рӯй додааст. Баъдтар, аз чӣ бошад, ки нӯг-нӯги по ба тарафи

шкафи деворӣ равон шудам. Дар фусума, ки шкафро калон менамуд, ду-се захм ба назар мерасанд; гӯё онҳоро бо чанголи тезе карда бошанд. Яке аз порчаҳои гулӯла кунҷи татамие, ки болои тахта истода буд, сӯрох кардааст ва аз ҳамин сабаб шояд суръати афтишаш суст гашта, ба болои болишт – ҷои нишасти доимии ман, хобида буд. Ду порчаи гулӯлаи дигар ба тахтаҳои паҳлӯи шкаф чуқур даромадаанд. Порчаи сарди гулӯларо бардошта болои кафи даст мондаму болои болишт нишаста ба худ шакли маъмулиро гирифтам. «Чӣ мешуд, агар ман чун ҳарвақта дар ин ҷо нишаста мебудам?» - ин фикр ба сарам омаду мӯйҳои танам сих барин хестанд. Ин як ҳиссиёти аҷоибе буд. Назар ба нишонаҳои порчаи гулӯла дар фусума яке аз он бояд синаи чапи маро сӯрох мекард. Дигараш бошад, бояд ба қисми рости шикам мезад, сеюмаш шояд гунаи чапро сӯрох намуда, мисли сих ба забон даромада ба дандонҳо бармехӯраду дармемонд. Чанд лаҳзае гӯё дар хоб будам ва манзараҳои даҳшатоварро ба худ тасаввур менамудам.

Он рӯз тамоман ғайри ихтиёр тасодуфан ман ба тарафи хона не ба зерзамини бинои баланд рафтам. Ва гулӯла рост ба хонаи ман омада задааст, ба хаёлам тасодуф аст. Охир лётчик наметавонист баъди гирифтани хабар дар бораи он ки дар ин бино бачае зиндагӣ мекунад ва дар оянда мехоҳад афсари боистеъдод шавад, маҳз хонаи маро ба нишон гирад. Фикр мекунам, лётчик бисёр ҷавон буд. Шояд барояш ин парвози аввалин ҳисоб мерафт. Дар аввалин ҳамла бомбаро ба ҳадаф заду, худ аз

худ ба ҳайрат омад, бо дили пуртапиш ноаён ба кунҷи шаҳр парвоз намуд ва фикр кард, ки чӣ гуна оромона бе ягон саросемагӣ ба киштии худ бармегардад, ки он ҷо дӯстон барояш қадаҳи шаробро пешкаш мекунад, ӯ бошад кӯҳи панирро хоҳад хӯрд, ин лаҳза беихтиёр тугмаро зер намуд. Бешубҳа, кор чунин шуда буд. Мисли он ки бо табъи чоқ ба кӯча ба сайру гашт мебароему зери орзуҳои осмонии худ сангеро бо пои худ мезанем.

Ман ногаҳон Наокоро ба ёд овардам. Имрӯз ман аввалин бор вазни тани ӯро ҳис намудам ва бӯи арақи ӯ ба машомам зад. Ман худро ҳам оғушта ба хун бо забони баромада болои миз овезон аз зарбаи порчаи гулӯлаи оҳанин ва ҳам дар байни Наоко ва девори бетонии сард нишаста, тасаввур намудам.

Ҳақ ба ҷониби Гэн-сан: дар куҷо ва кай хоҳӣ мурд, - маълум нест, марг тамоман наздик буд, бо даҳони хунхор омада буд. Маълум мегардад, ки ман то ҳол воқеаҳои асрорангезро – тасодуфиро ба назар намегирифтаам. Маълум мешавад, ки бадбахтӣ ва мусибат тамоми монеаҳоро моҳирона бартараф намуда, ногаҳон ба сари мо меоянд. Ин кашфиёт маро такон дод. Ростӣ, бо як гӯшаи чашм ба чуқурии бетаг назар афкандам. На, ман аз мурдан намеҳаросидам. Маро марги бемазмун, бемаънӣ азоб медод, метарсонд.

Ана ҳамон шаб ман номаи алвидоии худро иншо намудам. Онро дар ҳолати изтироб бо мӯқалам ба рӯи қоғаз навиштам. «Падар ва модар, инчунин ҳамаи он касоне, ки маро нигоҳубин кардаанд! – нидо кардам.

Аслан ин хел бояд намешуд. Ман намехоҳам мисли сагу гурба бимирам. Чунин марг барои ман тоқатнопазир аст. Вале маълум нест, ки дар кучо ва кай туро хоҳанд кушт. Барои ҳамин чунин ҳодиса рӯй дод. Тамом, ин он чизе буд, ки мехостам бароятон бигӯям».

Ман кӯдаки ниҳоят худсаре будам. Чунон бадзот будам, ки агар ягон хоҳишам иҷро нагардад, одамони наздики худро аз таҳти дил бад медидам. Баъди гӯшмоли падарам аз кампири ҷодугар хоҳиш менамудам, ки ба ӯ касалие фиристад. Ба падарам баъди гардонидани пушташ забонамро нишон медодам, беақлаш меномидам. Девонагиҳои зиёдеро дар бораи худ ёд доштам. Дар қатори хотироти хуб оиди айёми кӯдакӣ, бепарвоӣ, боз хотироти вазнини миёншикан дар тангкӯчаҳои майнаи сар якумрӣ нақш бастаанд; сол аз сол онҳо чуқуртар дохил мешуданд ва гӯё ба наздикӣ тамоми ҷонамро пур хоҳанд кард. Барои ҳамин, фикр мекардам, агар ман мисле, ки орзу доштам, ҳавопаймои баҳрӣ мешудаму дар вақти иҷрои ягон қаҳрамонӣ ҳалок мегаштам, дар он вақт тамоми гуноҳҳоям бо ҳамроҳии вуҷудам нопадид мегардиданду ман ба таври бояду шояд дар назди волидайн гуноҳҳои худро мешустам. Бароятон ошкор месозам, ки ман хоҳиши ниҳоние доштам – барои аз ин дунё рафтан мехостам аз марги барои Ватан истифода барам, – чунин меҳисобидам, ки фақат марг метавонад ҷонро тоза намояд.

Дар бораи амалҳои беақлонаи худ муфассал нақл намуда, мактуби алвидоии худро бо узр барои ду марги

шармандаомези худ ба охир расонидам. Номаро гирд давр занонида ба конверт андохтам. Хат ба силиндр монанд гашт. Ман ӯро бо докаи сафед, ки аз пакети захмбандӣ гирифта будам, бастаму болои миз мондам. Акнун вай як порчаи устухонро ба ёди ман меовард. Ба ман чунин намуд, ки ман ба устухони худ, ки аз танам кашида гирифтаанд, нигоҳ карда истодам. «Ана акнун, метавон бо хотири ҷамъ ба рӯҳи осуда мурд» - фикр кардам ман. Тамоми ҳаёти понздаҳсолаи ман дар як буғча ғунҷид, аз ман бошад рӯпӯше боқӣ монд, мисли пиллаи холие, ки аз дохилаш кирм баромада рафта бошад. Тирезаро боз намуда, болои пешгаҳи он нишаста, бо пои худ бозикунон ба ҳуштаккашӣ шурӯъ намудам. Шом чунон ба назар мерасид, ки гӯё ҳамин лаҳза ягон ситора ба замин хоҳад афтид.

Баъди даҳ рӯз ногаҳон ҷанг ба охир расид. Хабари ба охир расидани ҷангро дар пешайвони холии дӯкони мевафурӯшӣ, ки кайҳо боз рӯи меваро надида буд, шунидам. Зиёда аз даҳ ҳамсояҳо, ки зери радиои болои тахта мондашуда ҷамъ омада буданд, бодиққат онро гӯш мекарданд. Аз радио садои бегона мебаромад, маълум набуд, ки чӣ гуфта шуд. Баъзе вақт порчаҳои нутқ ба гӯш мерасид, кадом овозе чизеро бо садои паст мехонд.

Вақте ки барнома ба охир расид, касе ногаҳон болои гӯши ман гуфт: «Бохтанд!». Ман баргаштам. Аз қафои ман доруфурӯши пир меистод. Ӯ оҳиста чашмони сахт пӯшидаашро боз намуду ба ман нигарист. Ман аз чӣ бошад, ки шармгинона ришханд задам. Мӯйсафед ба

дуриҳо назар афканду фаҳмо такрор намуд: «Япония бохт». Ӯ инро хеле паст гуфт, гӯё нафасаш гирифта бошад, вале ногаҳонии суханони мазкур маро ба ларза оварданд. Гӯё гирдбоди яхин ба синаам зад. Ришханди худро хомӯш намудаму ба пирамард нигаристам, оромона аз дӯкони мевафурӯшӣ бадар шуда, бо кӯчаи оромгашта бо тамоми қувва ба тарафи хона давидам.

Ба хона дохил нашуда, ба ҳавлии паси бинои назди заранг рафтам. Шохаҳои ғафси он ба замин соя меандохтанд. Ман дар зери дарахт пуштро ба он такя намуда, зонуҳои худро ба оғӯш гирифта нишастам. Аз паси анбар осмони беабр ба назар мерасид. «Чӣ хел соф аст» - фикр кардам ва оқибат нимшунаво гуфтам.

«Ҷопон бохт…» аз пуштам мурчаҳо давиданд. Аз ин суханҳо худро ким-чӣ хел ҳис намудам. То ин андоза бароям онҳо ногаҳонӣ буданд. «Бохт…» маълум, ки ҷанг тамом шуд. Барои ба куллӣ дарк кардани ин каме вақт лозим шуд. Ва вақте ки ман тамоман ҳамаи инро фаҳмидам, дарк намудам ба нодонии худ ҳайрон гаштам. Чашмонро пӯшида ба садоҳои гирду атроф гӯш андохтам. Ин хомӯшии дилгиркунанда чӣ маънӣ дошта бошад? То рӯзи гузашта ҳама чиз ба ранги дигар буд. «Дирӯз ва имрӯз, Дирӯз ва имрӯз». – оҳиста гуфтам ман.

«Ба ҳар ҳол, акнун аминам, ки намемурам. Маро намекушанд. Барои он ки ҷанг тамом шудааст. Дар ин ҳолат чӣ шудааст? – саросемавор фикр кардаму худро гум кардам. Дар ҳолате ки ман намемурдаам, маълум мегардад ба ғайр аз зиндагӣ кардан дигар роҳе надорам.

Аҷоиб, чанд сол ман зиндагӣ мекарда бошам? Шояд на танҳо як даҳсола. На танҳо як даҳсола! Ба назарам чунин намуд, ки танам аз замин канда шуда, ба ҳаво баланд гашта истодааст. Ман ҳеҷ гоҳ фикр накарда будам, ки ба ман лозим меояд дуру дароз зиндагӣ намоям. Ҳамаи мо итминони комил доштем, ки зиндагии дуру дароз – ин шармандагист. Умри бача дароз нест, тавре ки моро меомӯзонданд мисли барги олуча мебошад. Ва мо баъди ду-се  сол бояд мемурдем. Даҳҳо сол зиндагӣ! Ман номаи алвидоии худро аз ҷомадони дар кунҷи паноҳгоҳ пинҳон карда будам, гирифта ба оташе, ки рӯи он хӯроки шом тайёр мешуд, партофтам. Ман ба дуди сафед назар мекардам, ин лаҳза рӯҳи ман мисли вараќи сафед буд. Марг ба ким кадом дуриҳо рафт. Барои чӣ акнун зиндагӣ кард, алҳол маълум набуд. Ҳамаи ҳодисаҳое, ки то дирӯз аз сари ман гузашта буданд, ба назарам гӯё дар хоб буд. Ман маргро ҳам фаромӯш кардаму, ҳам номаи алвидоии худро. Наоко низ шояд маро фаромӯш карда бошад. Понздаҳ соли умри ман мисли оби бочкае, ки поёнаш паридааст, рехта рафт. Акнун онро пас ба даст овардан аз имкон дур аст. Илоҷи дигаре ба ғайр он ки бе ягон фикр ба фазои беохире, ки ногаҳон дар пеши ман пайдо шудааст, шино кунам, нест.

Замоне ки ба шаҳри мо қувваҳои ишғолгар омаданд, шавқи ман нисбати онҳо афзуд.

Баҳори соли оянда ба хонаи тағоям кӯчидам. Корҳои падарам дар давраи баъдиҷангӣ каме суст шуданд ва оила

маҷбур гашт барои якчанд вақт дар яке аз деҳаҳои наздик зиндагӣ кунад.

Тағоям дар маркази шаҳр мағозае дошт, ки асосан газвор мефурӯхт. Бинои сеошёнаи оҳану бетонии мағоза дар давраи ҷанг ба корхонаи истеҳсоли самолётҳои чӯбӣ табдил дода шуда буд. Баъди ҷанг бинои мазкур ба дасти ҳокимияти ишғолгарон гузашта буд. Тағоям кӯшиш намуд, ки аз сари нав мағозаро ташкил намояд, вале натавонист. Бинои мағоза то ҳадди фарққунанда тағйир ёфта буд. Онро ба тарзи сарам дилам ранг намуда, ба ҷои вақтгузаронии аскарон табдил доданд. Дар ошёнаи якум дӯкони пивофурӯшӣ ва дар ошёнаи дуюм зали рақс ташкил карданд.

Утоқи ман дар ошёнаи дуюми бинои истиқоматӣ ҷойгир буд. Собиқ он ба амакбачаам тааллуқ дошт. Ӯ дар ҷанг як сол қабл аз итмоми он ҳалок гардид, баъди худ Намии бева ва ду бачаи хурдро мерос монд. Аз тирезаи кушодаи утоқ бинои мағоза намоён буд. Дар кӯдакӣ дар ёд дорам, боре ба ҳавлӣ як санги хурд овардам, барои ин тағоям адабамро дода буд. Ҳоло бошад, ҳавлӣ пур аз қоғазҳои сафед гаштааст, онҳо дар қаъри ҳавзчаи хушкшуда, дар рӯи шохҳои дарахтон овезон мебошанд. Баъди каме торик шудан аз тарафи рости тиреза, аз он ҷое, ки собиқ ошхона ҷойгир буд, садои оромонаи мусиқӣ ба гӯш мерасад. Ин барои мани дар маршҳои низомӣ тарбияёфта, ғайри муқаррарӣ ба гӯш мерасид. Онро шунида ман ба зудӣ ором намешудам, кори дигаре ба ҷуз

дар паси миз нишаста, рӯямро ба дастонам такя кардан, намемонд.

Баъди се рӯзи ба хонаи тағоям кӯчиданам, дар бинои мазкур ҳодисае рӯх дод. Кадом як аскари америкоӣ пинҳонӣ ба анбори ҳавлии қафо даромадааст. Баъди як рӯз бегоҳӣ мисли ҳамин як ҳодисаи дигаре рӯй дод, ки ман шоҳиди он гардидам.

Ҳамон бегоҳӣ ман ғӯтавори фикр дар паси миз нишаста будам, ки ногаҳон аз роҳрав ба девор задани зарбаи вазнине ба гӯш расид, баъд дутои дигар паси ҳам ва ҷарангоси оҳан ва роҳрави каҷу килеби рӯи фарши хароб шунида шуд. Мусиқии паст баландтар гардид ва ман фаҳмидам, ки дари байни собиқ ошхона ва бинои истиқоматӣ шикаста шуд. Дари мазкур аз рӯзи ба ошхона табдил ёфтани мағоза баста шуда буд. Ман ҳаросон аз ҷой бархостам. Садои қадаммонӣ дар роҳрав ба утоқи ман наздик мешуд. Садои пой назди дари ман хомӯш гашт ва баъди лаҳзае дар оҳиста боз шуд.

Ногаҳон ман бо аскари бузурге рӯ ба рӯ шудам. Чанд лаҳзае ҳайратзада якдигарро наззора кардем. Дар камари ӯ мисли ҳамаи М.Р[1]. муқаррарӣ туфангча овезон буд, гарданаш бо матои сафед печондагӣ ва аз рангу рӯи ҳарангааш маълум мегашт ин М.Р. аз ҳамаи аскарони америкоие, ки ман дидаам, майзадатар аст.

- Ба шумо чӣ лозим? – пурсидам ман.

---

[1] M.P. (Military Police)  (пулиси низомӣ) англисӣ

Ӯ бо чароғи барқии кисагӣ ба навиштаҷоти дар дасташ М.Р., нишон доду ким-чӣ нофаҳмо гуфта, дарро пӯшид ва саросема нашуда, бо роҳрав дур шуд. Дар ҳавои пеши дар бӯи пасти нӯшокӣ ба машом расид. «Бале ӯ маст аст» - фикр кардам ман.

Рӯзи дигар баъди нимрӯзӣ бевазан Мами ва ман бо ҳамроҳи тарҷумони пири шиносамон ба аркони пулиси низомӣ, ки дар ошёнаи сеюм ҷойгир аст, рафтем. Мо мехостем аз болои аскари М.Р. ба командирашон шикоят кунем. Ман ҳамчун шоҳиди ҳодисаи шабона омада будам.

Ба аркон даромадан замон ман даррав америкоии бадафти динарӯзаро дидам. Ӯ дар кунҷи хона дар паси мизи аз ҳама калон нишаста буд ва маълум мегашт, ки бо омӯзиши кадом аснод масруф аст. Оромии ӯро дида, худро бад ҳис намудам. Моро назди мизи ӯ бурданд.

- Капитан! – муроҷиат намуд ба ӯ тарҷумон ва рӯй ба мо бигардонд ва гуфт: - Ин командири қитъа мебошад.

Ман қариб буд дар ҷоям нишинам.

Капитан аз санадҳо чашм боло намуд, ба Мами бева чашм дӯхт ва назарашро каме баъдтар ба ман табдил кард. Мо аз динарӯз дида зиёдтар бо ҳайрат ба якдигар назар мекардем. Баъд ӯ абрувони худро боло намуду ба пуштаки курсӣ такя карда, бо писханди фақат ба ман маълум гуфт: «Хелло бэби!». Акнун дар рӯшноии рӯз назар ба шаби гузашта хеле калонсолтар менамуд. Писханди худро давом дода, ваъда дод, ки чораҳои зарурӣро хоҳад андешид ва такроркунон «О кей! О кей» гуфту ба ман чашмакӣ зад.

Ҳангоми бозгашт дар зинапояи ошёнаи дуюм занеро вохӯрдам, ки ба Сигэ монандӣ дошт.

Вақте ки ман ҳафт сол доштам, Сигэ дар хонаи мо хизматгор буд. Ин як зани қоматбаланд, қомати зебо дошт аз ин сабаб ӯро ландахӯр ва агар табъам хира мебуд, рӯбоҳ меномидамаш, зеро рӯи дарозу чашмони танги кунҷҳояш болокашида дошт.

Бо як дасташ домани пироҳани сурхи баландашро нигоҳ дошта, бо дигараш чӯбро дошта, зан бо зинапоя баланд мешуд. Ҳангоме ки байни мо ду-се метр монд ӯ ба ман нигоҳ карду ҳайратзада дар ҷояш истод. Ман бошам, овораи наззораи китфони бараҳна ва пироҳани чашмхиракунандаи ӯ, фақат нимнигоҳе ба рӯи дарозаш намудам. Ва танҳо баъди аз якчанд зина поён шудан ба ёдам омад, ки ин занро дар куҷое дидаам, ногаҳон ба сарам зад: ӯ ба Сигэ монанд аст! Вале Сигэ наметавонад дар ин вақт ин ҷо бошад. Ман рӯ гардонидам. Домани пироҳани сурхи баланд дар пеши дари аркон ба назар расид.

Ман шояд, метавонистам ин занро ба зудӣ фаромӯш кунам, - зеро, он вақтҳо онҳо маро на он қадар ба худ ҷалб мекарданд. Вале ҳар гаҳе рӯи ҳайратзадаи ӯ ба ёдам меояд, худро бехуд ҳис менамудам ва ҳатто кӯшиш мекардам ким-чиҳоро тасаввур намоям. Ҳол он ки хоҳиши боз як бори дигар бо ӯ вохӯрдан дар ниҳодам пайдо нагашта буд. Боре, рӯзи софу беғубор дар назди тирезаи кушодаи хонаи худ машғули китобхонӣ будам. Ногаҳон ба хона як буғчаи сафед парида омад. Вай болои

татаҳо афтоду ба якчанд лундаҳои тиллоиву нуқрагӣ тақсим шуда, ба ҳар тараф пароканда гаштанд. Ман ҳайрон шудам, ба тиреза назар афкандаму занеро дидам, ки аз тирӯзаи бинои муқобил, ки аз хонаи ман боғи дохилӣ ҷудо мекард, ба ман нигоҳ мекард. Масофае, ки моро аз ҳам ҷудо мекард, зиёдтар аз 10 метр набуд ва ман баръало дар рӯи ӯ чуқуриҳоро дидам. «Бале ин Сигэ аст» - фикр кардам ман. Вале баъд фаҳмидам, ки ин зан ҳамон занест, ки дар зинапоя дида будам. Зан даст боло карда, ба ман даст афшонд. Баъд бо ишора ба дохили утоқи ман нишон дод, сарашро ба як тараф хам карда, оҳиста хандид ва ба паси пардаи гулобӣ ғайб зад.

Аз ҳолати ҳайронӣ берун нарафта, ман лундаҳои тиллоиву нуқрагини паҳну парешонро чида гирифтам. Яке аз онҳо, ки шакли дарозтаре дошт ба қоғази тунуки сафед печонида шуда буд. Ман онро боз кардам, дар он бо ҳусни хати занона навишта шуда буд:

«Шумо машғули кор ҳастед? Дирӯз шуморо дида, хеле ҳайрон гаштам. Рӯҳи ман аз назокат лабрез гашт. Тирезаи Шумо дар рӯ ба рӯи тирезаи ман ҷойгир аст, акнун ман метавонам ҳар рӯз шуморо бинам. «Бомба»-и имрӯза – бахшиши хурдакаки ман барои чой. Нана».

Нана? Шояд ин ном барои толори рақс бошад. Маълум мешавад, ки вай дар ҳақиқат Сигэ аст. Аз худи ҳамин як  фикр ба ҷони ман гармӣ даромад. Ба ёд овардам, ки ӯро даҳ сол боз надидаам. Фикр кардам: «Чӣ ҳодисаҳое бо одамон рӯй намедиҳанд». Машғули хотироти гузашта шуда,  ғайри ихтиёр лундаҳои тиллоӣ ва

нуқрагиро яке аз паси дигаре боз карда ба даҳон мебурдам ва то аз ширинӣ сер шудан онҳоро хӯрдам.

Қарибиҳои бегоҳ Нана тирезаро боз карду гӯё ғайри ихтиёр ба ман ҳуштак кашид. Баъди ин ман низ тирезаро боз намудам. Маро дида Нана сарашро ба як тараф хам намуду оҳиста хандид. Чашмони мо бо ҳам бархӯрданд. Дар танаш боз ҳамон пироҳани кушода буд. Ва вақте ки ӯ пушташро ба тарафи ман гардонд, дидам, ки мӯйҳои кушодаи ӯ аз китф поён афтидаанд. «Ин барои он ки гардан намоён нагардад», - ба зудӣ пайхас кардам ман, ба хотир омад, ки дар гардани Сигэ доғи захм монда буд. Зери нурҳои офтоби ба ғуруб рафтаистода Сигэ ба назарам бениҳоят зебо намуд. Дар ҳолати мотгашта ба ӯ назар мекардам, чашм аз ӯ канда наметавонистам. Дар тасаввуроти худ ҳеҷ тасаввур карда наметавонистам, ки ин ҳамон Сигэ аст, ки кадом вақте дар бар момпе[1]-и базеб бо мӯйҳои ҷамъкарда сари зону оташ мегиронд.

Ду ҳафта ҳамин ҳолат давом кард. Аз ин вохӯриҳои худ бо Нана ман ҳолати ношиносеро ҳис намудам. Гоҳе ман тирезаро дар роҳрав боз карда Нанаро мушоҳида менамудам, ки абрувонашро таранг карда ба тирезаи бози хонаи ман, ки кадом нишонаи зиндагӣ надошт, назар мекард. Гоҳо мехостам ба ҳуштакҳои Нана нигоҳ накарда пуштнокӣ ба тиреза нишаста, хоҳиши тиреза боз карданро дар худ кушам.

---

[1] Момпе – либоси кории занона.

Ва боре дертар аз бегоҳӣ ҳиссиёте, ки маро фаро гирифта буд халос ёфта натавониста, як кори бадро фикр карда баромадам.

Тирезаро каме боз намуда, итминон ҳосил кардам, ки дар утоқи Нана чароғ рӯшан аст, ман оҳиста аз утоқи худ бадар шуда, мисли дузд аз роҳрав гузашта дастаи дареро, ки дар рӯзҳои наздик капитани пулиси низомии америкоӣ шикаста буд, зер кардам. Чи хеле ки тасаввур карда будам, дар бесадо боз гашту маро торикии ошхона ба оғӯш гирифт. Ваҳшатзада аз бешармии худ, ман ба ин торикӣ дохил гаштам, гӯё касе маро ба он ҷо мекашид. Хонаро, ки хуб медонистам, фақат рӯшноии сусти аз тиреза намоёнро нишона гирифта, рост ба тарафи утоқи Нана равон гаштам. Фарши бо кафел пӯшонидашуда сард буд. Дар ошхона садои шалап-шалапи пои лучи ман баръало ба гӯш мерасид.

Ман пеши даре, ки аз он рӯшноӣ мебаромад бо дасти болошуда истодам ва гӯш додам. Баъд се маротиба дарро тақ-тақ кардам.

- Come im![1] садои занона баланд шуд.

Ман оҳиста дарро боз намудам. Бӯи ширини сигарет ба димоғ мерасид. Утоқе, ки собиқ вазифаи ошхонаро иҷро мекард, ҳозир ба таври бошукӯҳ зиннат дода шуда буд. Нана дар тан пироҳани сафед нишаста буду мӯйҳои худро шона мезад.

---

[1] Дароед! (анг).

- Джесси? – рӯй нагардонида пурсид. Нана. Дасти худро ба рӯи дилам, ки омода буд ба пораҳо тақсим шавад, зер кардам ва оромона пеши дар истодам. Шона задани охири мӯйҳои дарози худро, ки болои синаҳо мехобиданд, давом дода, Нана зери чашм ба ман нигоҳ карда, ҳамон лаҳза аз ҷояш парида хест. Шонаи ҷилодиҳанда аз мӯйҳои ӯ лағҷида ба рӯи фарш афтида, садо баровард. Ман гӯё дар хоб ба тарафи ӯ равон шудам.

- Дер боз якдигарро надидаем, Сигэ. – Ман дасти худро ба ӯ дароз кардам, вале мафтуни ҳусни зебояш гаштам ва дастам дар ҳолати дароз кардашуда, шах монд.

Нана табассум намуд.

- Хуш омадед, Осаму, - дасти маро фушурда гуфт ӯ.

Ӯ маро бо исми бегона ном гирифт. Ман писханди талхе задам. Фаромӯш кардааст, ки чӣ ном дорам, - ба ҳар ҳол даҳ сол гузаштааст.

- Ман Осаму нестам. Ту аз хотират баромадааст.

- Ман медонам, ки ту Осаму нестӣ. Вале ту ба ӯ ниҳоят монандӣ дорӣ, - гуфт Нана.

- Кӣ ҳаст ин Осаму? – пурсидам ман.

- Бародари хурдии ман. Ягона одами ба ман наздик ва ӯ ҳам дар ҷабҳа ҳалок гардид. Шумо ба ӯ мисли ду қатраи об монанд ҳастед.

Симои Сигэ, ки дар дили ман маскан гирифта буд, баногоҳ хира шудан гирифт. Ман ҳис кардам, ки нафасгир шуда истодам. Ба назар чунин расид, ки гӯё ҳама чиз шакли дигар гирифта истодааст. Ва зани дар пеши ман

истода ва ба Сигэ ниҳоят монанд дар пеши чашмонам ба кимкадом зани дигаре табдил шудан гирифт.

- Маълум мешавад, ки маҳз барои он ки ман ба бародаратон монандӣ дорам, чунин калимаҳои пурназокат дар хат навиштед.

- Бале.

Ман хастаҳолона ба ҷои худ нишастам. Нана бархост то аз ҷомадон пакети қоғазиро бигирад.

- Ана ин расми бародарам ва хати охирини ӯ. Ҷавон дар тан либоси тобистона дошт, то ҳол бистсола нашуда, бо сари баланд зери дарахти банан истода буд ва парешонҳолона табассум дошт. Чанд дафъа ман худро дар ҳамин либос тасаввур карда будам! Чашмони калон ва дандонҳои аҷоиб сафеди вай дар рӯи ӯ намоён мешуданд – шояд зиёд офтоб хӯрдааст.

Ман ба акс нигоҳ карда, фикр намудам: монанд аст.

- Ба ростӣ монанд аст? – пурсид Нана.

- Заррае ҳам не, - луқма партофтам ман.

Нана хушнудона ханда кард.

- Не, монанд аст. Инро касе медонад, ки бо ӯ солиёни дароз зиндагӣ карда бошад.

Назар дӯхтам ба номаи охирини ӯ, барои ман шавқовар буд. Чунин номаро бо маънои муайян ҳамчун номаи видоӣ ҳисобидан мумкин аст. Маълум шуд, ки он мактуби кушода будааст. Аз рӯи нишонии он фаҳмидам, ки Нана номи аслии ин зан аст. Дар рӯи мактуби кушода мӯҳри яке аз қисмҳои ҳарбӣ-баҳрӣ воқеъ дар ҷазираи

Кюсю зада шуда буд, вале хат шояд аз қароргоҳи ҷабҳаи ҷанубӣ навишта шудааст.

«Хоҳари азизи Нана! Шояд ҳозир дар Ҷопон ҳавои хеле хуб аст, сиҳату саломат ҳастӣ ту? Се рӯз пеш туро дар хоб дидам. Ман дар сар кулоҳи хасин ту бошӣ дар сар рӯймоли сурх доштӣ. Дар гирду атроф гову гӯсфанди зиёд мечариданд. Ман пагоҳ пагоҳӣ парвоз мекунам. Сиҳатманд бош. Пагоҳ нуздаҳсолагиам пурра мешавад. Осаму».

Аз бепарвоёна навишта шудани нома дар ҳайрат афтодам. Нома ниҳоят хушнудона навишта шудааст, гӯё дар бораи шаби хурсандие хабар медиҳад.

Ман худро дар давраи ҷанг ба ёд овардам, дилам аз дард ба ҷунбиш даромад. Чӣ қадар одамони ҷавон ба оғӯши марг рафтанд, ҳамин хел бепарвоёна, гӯё ба шабнишинӣ мерафта бошанд!

- Ман то вақте ба дилатон назанам ба Шумо бародари хурдиатон мешавам, - ба рӯи Нана нигоҳ карда, гуфтам ман.

- Ба ростӣ? Ман хушнудам.

Нана дасти худро ба китфам монда, якчанд маротиба маро такон дод. Чашмони ӯ ҷило доданд. «Рафтан зарур», - фикр кардам ман.

- Ман бошам гумон кардам, ки Шумо Сигэ ҳастед, - рости гапро гуфта, аз ҷой бархостам.

- Сигэ кӣ ҳаст?

- Хизматгор. Хеле вақт пеш дар хонаи мо зиндагӣ мекард.

Аз дур Шумо ба ӯ хеле монанд ҳастед, аз наздикӣ ниҳоят зебоед.

Нана баланд хандид.

- Аҷоиб! Ҳарду одамони шиноси худро ба ёд овардем.

Дар пеши дар баргаштам.

Медонед чӣ, дар паси гардани Сигэ баъди ҷарроҳӣ доғи захм монда аст.

- Ба ростӣ? То набинӣ дилат қарор намегирад?

Нана писханд заду дасти маро гирифта ба зери мӯйҳояш даровард. Пеши чашмонам гардани мисли алмос сафед намоён гашт, аз рӯяш ким-кадом бӯи хуше ба машом мезад. Гардани борики Нана тамоман маҳин буд.

- Чӣ хел? Доғи захм ҳаст?

Дастро пас нагирифта ба рӯи ӯ нигоҳ карда, табассум намудам. Ман акнун лабони ӯро намедидам, пешонии ман сӯзон шуда буд.

- Шаби хуш, - гуфтам ман.

Пои луч шалап-шалапкунон аз торикии ошхона ман ба тарафи даре, ки бо роҳрав мебаромад, равон шудам. Роҳравон ба худ мегуфтам: «Бигузор Сигэ набошад, бигузор Сигэ набошад!».

Нана ҳар шаб ба хобам медаромад. Баъзе вақтҳо тамоми рӯз ягона коре, ки мекардам, ин буд, ки дар бораи ӯ фикр мекардам. Се маротиба тоқат накарда ба утоқи ӯ зада даромадам. Нана мутафаккирона ба ман нигоҳ мекард, дар бораи бародараш нақл мекард ва вақти хайрухуш дар пеши дар аз пешонаам бӯса мекард.

Вақте ки дафъаи чорум ба утоқи ӯ дохил гаштам, Нана ниҳоят маст буд. Ӯ баланд механдид, ҳол он ки чашмонаш аз ашк пур буданд, ногаҳон шишаи холи вискиро дар даст чарх гардонида гуфт:

- Аз чунин зиндагӣ, мурдан беҳтар!. – Баъд гуфт:

- Ман ба ту рақс карданро ёд медиҳам, - синаҳои худро ба рӯи ман ҷафс карда, ларзонида бо ман рақс кард.

Вақте ки ман омодагии рафтанро доштам, дарро кӯфтанд. Нана санг гашта, баъд утоқро бо нигоҳи тез аз назар гузарониду бо тарс ба ман нигоҳ карда, бо овози ларзон даъват кард.

Дар боз гашту ба утоқ капитан М.Р. зада даромад.

- Джесси! – оромона садо баровард Нана.

- О, - ҳайратзада садо кард ӯ маро дида ва мо бори сеюм бад-бад ба якдигар нигоҳ кардем.

- Ту чӣ хел ба ин ҷо баромадӣ? – бо қароҳат пурсид ӯ.

- Бо ҳамон даре, ки Шумо дар рӯзҳои наздик бо поятон шикаста будед, - ҳамон лаҳза ҷавоб додам ман.

Абрувонаш боло шуданд, ӯ бо ҳайрат чашмак задан гирифт. Нана хост чизе гӯяд, аммо ӯ ба вай назари хунуке карду ҷоғ зад:

- Хомӯш! – Баъд даст ба пушт бурду омирона фармон дод: Гум шав аз ин ҷо!

Ман ба Нана назар андӯхтам. Ӯ рӯ тарафи тиреза истода буд.

- Тавре кун, ки Джесси мегӯяд, - гуфт Нана.

- То боздид! – гуфтам ва рафтам.

- Ва дигар бор набиё! – дод гуфт аз қафо Джесси.

- Маълумдор аст, намеоям, - баргашта гуфтам ва саросемавор аз утоқ берун гаштам.

Дар роҳрав дарро пӯшида ба он пушт зада дер боз истодам. Баъд ба утоқи худ рафта ба тиреза нигоҳ кардам. Дар утоқи Нана рӯшноӣ ба назар намерасид. «Дигар акнун гумон аст, ки ман бори дигар ба ин тиреза нигоҳ кунам», - фикр кардам ман. Тамоми бегоҳ аз пушти Нана азоб кашидам. Аввал ман чизеро нафаҳмидам. Баъд каме фаҳмидан гирифтам. Вақте ки тамоман дарк намудам, ки гап дар кучост, тамоман тоқатнопазир шуд.

Рӯзона дар зери офтоби сӯзон зери обу арақ ғӯта зада, овора шуда мегаштам. Бегоҳӣ аз дӯкони канори шаҳр ширинӣ ва меваҳои гардолуди арзонро харида ба боғ мерафтаму бо чор-панҷ нафар якҷоя шуда гулӯ даронда, бо тамоми овоз суруди низомиро ҷор мезадам. Ҳамин хел ман норозигии худро оиди бохти Ҷопон дар ҷанг нишон медодам.

Боре субҳи аввали тобистон ман ногаҳон сӯзиши ҷонкоҳеро дар шиками худ ҳис кардам. Аз дарун хун мерафт, чашмонам сиёҳӣ мезаданд. Аз дарди тоқатнопазир зери обу арақ ғӯта мезадам, гӯё касе дарунамро механошид, чарх мезанонад. Ман медонистам, ки бо ман кадом ҳодисаи баде рӯй дода истодааст. Ман қобилияте доштам, ки бадбахтиро ҳис мекардам. Барои ҳамин, вақте ки бо азобе пеши духтури шинос рафтам ва номи дардро шунидам, ҳеҷ ҳайрон нашудам. Обрӯйи амакамро ба назар гирифта, хешовандон маро пинҳонӣ ба яке аз шифохонаҳои шаҳр хобониданд.

Ин ҷо, дар палата ман гармтарин моҳи тобистонро сипарӣ кардам. Ин барои ман роҳи халосӣ буд. Тамоми фикру зикрам дар бораи беморӣ буд, оиди чизи дигаре фикр намекардам. Ва дар ҳақиқат, ҳама чизро фаромӯш намудам. Ва ҳангоме ки Нанаро ба ёд овардам, қариб буд хӯрдагиҳоям берун бароянд.

Боре шаб аз ним гузашта буд ва кор ба сиҳатшавӣ наздик мешуд барои ба ташноб рафтан бо кӯмаки пиразан бархостам. Дар оинае, ки дар болои ҷойгоҳи ман меистод акси рӯи ким-кадом нафареро дидам. «Худоё»! Ин кӣ аст? Чӣ қисм одами ҳақир аст!» - фикр кардам ман.

Ҳарду тарафи рӯ фурӯ рафтаанд, чашмон бошад, ба бузургии мисли мушт гаштанд. Бодиққаттар нигоҳ кардам ва дидам, ки ин  худи ман ҳастам. Ба рӯи тағийрёфтаи худ нигоҳ мекардам. Ва ин лаҳза акси рӯй аз оина нопадид гашт, ман беҳуш шудам. Чанд вақт беҳушии ман давом кард дар ёд надорам, вале вақте ки бедор шудам, худро дар рӯи фарш бо дастони ба ду тараф афтида, дарёфтам ва дар зери ман пиразани бечора беҳолона дасту по мезад. Бархостаму ҳароратсанҷро гирифта хостам ҳарорати худро бисанҷам. Вай дар охири панҷаҳои ман меларзид ва дидам, ки риштаи ғафси сурх аз аввал то охири ҳароратсанҷ давида рафтааст. Ман шитобон ӯро такон додам. Пиразан пурсид чанд аст, вале ман ҷавоб дода натавонистам. Шояд, ихтилоҷи (рагкашӣ) сабуки рагҳои мағзи сар бошад, - гуфт зан.

Ман бо сари оташгирифта хобида, парешонҳолона ба арши хона нигоҳ мекардам. Аз арш чароғи бо рӯшноӣ

заиф овезон буд. Арши сиёҳ бо суръати даҳшатангез ба боло ҳаракат мекард, рафта-рафта ба баробаркунҷи хурде табдил меёфт ва баъд бо суръати тез ба поён меафтиду тамоми хонаро мепӯшонид. Вай торафт калон мешуду калон мешуд ва ҳар дафъа поёнтар меомаду дар болои сари ман овезон мегашт… «Мемурам», - фикр кардам ман. Ва ин дар тамоми давраи маризиам аввалин бор буд, ки ин хел  шуд. Аз ин бадтар маргеро фикр карда баровардан амри маҳол аст. Нафастанг гаштам.

- Холаҷон!  Қалам ва қоғаз, - хоҳиш кардам ман. Бо душвории зиёд ба шикам хобидам дар паси қоғазе, ки номи доруро менависанд навиштам:

«Мурдан намехоҳам».

Қаламро бо даст фушурда, парешонҳолона гирду атрофро аз назар гузаронидам. То чӣ андоза ин калимаҳо даҳшатоваранд! Ба ҳар ҳол онҳо аз умқи қалб берун мешуданд. Дар охир боз чӣ нависам? Ба қалами лағҷонак сахттар часпида, як ибораи дигар навиштам: «Нанаи камақл».

Бо ҳайрат ба ду сатри навиштаам нигоҳ кардам. Ин чӣ аст? Чӣ гапи гуфтанӣ надорам? Пеши чашмонамро сиёҳӣ гирифт, қалам аз дастам афтод, сарам вазнинона ба болишт фурӯ рафт.

Агар фикр кунем, баъди ҷанг ягон рӯзи хуши зиндагиро ёд надорам, ҳаёту марг ҷойҳои худро иваз мекарданд. Ман фақат ба гирду атроф назар мекардам, дар мавҷҳои зиндагӣ алвонҷ мехӯрдам. Ва ин замон аз

тасаввуроти хомӯшгаштаи ман ногаҳон фиғоне, ки ҳеҷ вақт набаромада буд, баланд гашт:

**Ман мехоҳам зинда монам!**

**Ман зинда хоҳам монд!**

**Халос кунед маро!**

Хушбахтона, аз чанги марг халосӣ ёфтам.

Аз ин байн ҳафт сол сипарӣ шуд. Ин солҳои шармандагӣ ва тавба буданд, вале аз он вақт то ҳозир ҳеҷ муяссарам нагаштааст, ки хати пешазмаргии касеро бихонам ё худам нависам.

Охир ин хушбахтии бузург аст!

**ш. Кобул,**
**11 октябри с. 1988.**



# Д О М А Н И  С У Р Х

## I

Рёсаку хаёл ҳам накарда буд, ки Хидэ, хоҳари хурди ӯ даъваташро ҷиддӣ фаҳмида, ба зудӣ ба Наора хоҳад омад. Ӯ фақат мехост дар дили хоҳари аллакай арӯсаш, ки дар деҳа пеши модари бемор танҳо монда буд, умеде барои оянда ҷо ниҳад. «Наметавонад ӯ магар боре ба шаҳр биёяду шабро ин ҷо гузаронида аз давуғеҷиҳои деҳа фориғ гардад? – навишта буд Рёсаку ба хоҳараш. Ин калимаҳо фикр мекард ӯ, хоҳарашро, ки дар зиндагӣ ҳеҷ гуна хушнудие надидааст, дилбардорӣ хоҳанд кард.

Вале аз номи Хидэ ба зудӣ номаи кушода омад. Ӯ хабар дод, ки модар барои як шаб ҷавобаш додааст ва рӯзи шанбе бо поезди пагоҳӣ меояд. Ин хабар барои Рёсаку тамоман ногаҳонӣ буд. Ӯ каме дасту по хӯрд, ҳол он ки худаш хоҳарашро даъват карда буд.

Худро гум кардани ӯ на аз он ҷиҳат буд, ки омадани Хидэ барояш нороҳатӣ хоҳад овард. Вай тамоман ҷои ӯро танг намекунад. Ба ҳар ҳол пайдо шудани хоҳараш, ки дар деҳа пеши модари бемор пойбанд буд, метарсонд. «Боз пинҳонӣ аз хона нагурехта бошад?»… Шояд ман дар вай ҳисси кӯдаконаеро бедор кардам?» Ана ҳамин ӯро азоб медод.

- «Не, - фикр кард ӯ, - Хидэ чунин духтар нест. Вай аз он қабил духтароне нест, ки пинҳонӣ аз модар кадом ҳодисаеро сар занад».

Номаи кушод бо қалам навишта шуда буд, вале калимаҳо гӯё мерақсиданд. Иероглифҳои мисли туш сиёҳ ба чашм мезаданд, шояд дубора ё себора хат кашида шудаанд. Ба ӯ чунин намуд, ки чӣ гуна тапидани қалби хоҳари ҳаждаҳсолаашро мешунавад. Номаи кушодро бори дигар хонду дилаш лабрез гашт.

Рёсаку ҳамоно шитобон ба омода сохтани утоқ шурӯъ намуд. То рӯзи шанбе чор рӯзи дигар аст, метавонист рӯфтани утоқро ба вақти дигар мавқуф гузорад, аммо ӯ дар як ҷо нишаста наметавонист. Вай дар яке аз утоқхонаи киштисозии хурде воқеъ дар канори бандар дуредгар шуда кор мекарду ҳамин ҷо зиндагӣ менамуд. Дар утоқе, ки масоҳаташ се тамама буд ва дар

ошёнаи дуюми хонаи ҳақиронае, ки асбобҳо нигоҳ дошта мешуданд, зиндагӣ мекард.

Маҳз барои ҳамин ки уток хурд буд, онро бояд ба тартиб овардан лозим меомад.

## II

Рӯзи шанбе аз чӣ бошад, ки то баромадани офтоб бедор шуд. Дохили уток торик буд. Дар осмони сафедшуда истода, ки аз тирезаи бепарда намоён мегашт, ситораҳои хомӯшшудаистода хира рӯшноӣ мекарданд.

Ба ситораҳои хира нигоҳ карда, фикр кард, ки ҳамин замон Хидэ аз хона баромад. Барои он ки ба поезди пагоҳӣ савор шавад, бояд торик аз хона барояд ва бо пайроҳаи танг поён шуда, ба стансияи воқеъ дар пешдомани кӯҳ биояд. Деҳаи онҳо дар болои кӯҳҳои баланд ҷойгир аст.

Дари чӯбини ақиби хонаро боз мекунӣ – рушноӣ аз берун ба торикӣ зада медарояду сояат ба пеш баромада дароз мешавад ва меларзад. Ҳавои сарди кӯҳӣ ҳамон лаҳза аз гиребон мегирад.

Пагоҳии барвақт аз хона баромадану ҳис кардани сардии ҳаворо баръало тасаввур намуда, кӯрпаи тунукро то биниаш боло кашид.

Дар шаҳр зиндагӣ карда, аз ин ҷо ғами хоҳарро хӯрдан ҳеҷ маъное надорад. Шояд ҳоҷати безобиташавӣ низ набошад. Хидэ аз модар иҷозати пеши бародар

рафтанро гирифта, ҳозир савори поезд ба ин ҷо шитоб дорад.

То тамоман рӯзи равшан шудан ҳоло вақти зиёд буд. Ӯ чашмонашро пӯшида, қарор дод, каме хоб равад, вале ногаҳон ким-кадом садоеро шунид. Чашмонро боз намуд, сарашро бардошт – чизеро надид,  садо хомӯш гашт. «Шояд ба назар чунин намуд», - фикр кард ӯ.

Сари худро болои болишт гузошт, чашм пӯшиду боз садои шур-шурро шунид. Чашмонро боз накарда, бодиққат гӯш андохт. Аз куҷо баромадани садо маълум набуд. Ҳам аз пеши гӯш, ҳам аз ким-куҷои дуриҳо ба гӯш мерасид.

Ин чӣ бошад? Гӯё гурба аз коса шӯрборо нӯшида истодааст. Шояд дар баҳр шамоли субҳӣ сар шуд. Шамол зада дарояд баҳр садо мебарораду мавҷҳо оромона соҳили устохонаи киштисозиро мелесанд. Вале барои мавҷи баҳрӣ ин садо хеле тезтар ба гӯш  мерасид.

Ӯ чашм боз кард. Аз тиреза осмони ситоразори субҳ намоён буд. Ва ин лаҳза ӯ фаҳмид, ки ин чӣ аст. Ин садои қадаммонии хоҳараш аст. Вай саросемавор аз кӯҳ поён мешуд, дар по пойафзоли сабук бо пайроҳае, ки болояш шабнам рехта буд, шарах-шарахкунон меомад.

Ӯ ҳайрон шуд. Ҳеҷ мумкин нест, ки касе дар кӯҳҳои аз ин ҷо даҳҳо ри[1] дур қадам занаду садояш баръало шунида шавад. Чашмонашро пӯшиду боз шарақ-шарақ шунида шуд… бале ин қадаммонии хоҳараш мебошад.

---

[1] Ри – воҳиди дарозӣ, қариб 4 км.

Бо чашмони пӯшида ғамгинона табассум карда, фикр намуд: «Хоҳарамро ниҳоят ёд кардам, барои ҳамин ҳарчӣ ба назарам мерасад». Аз ин сабаб ногаҳон ними шаб бедор шуд ва назараш чунин намуд, ки гӯё ӯ меояд. Одатан вай бо баромадани офтоб, вақте ки нурҳои субҳӣ ба мичаҳояш мезаданд, бедор мегашт. Аз ҳамин сабаб аз барвақт бедор шуданаш имрӯз ҳайрон шуд. Аз шунидани садои шарах-шарах ба ваҷд омада, дигар хоб рафта натавонист. Аз ҷойгоҳ парида хест, либос ба бар карду берун баромад. Кадом коре надошт. Ӯ бар-бари бандар ба тарафи заводи ҳамсоя, кадом як хел масолеҳи оҳану бетон мебаровард, равон гашт. То андозае дур рафту истода фикр кард «Хуб аст, ки рӯз соф мешавад».Баҳр ором буд, осмон бошад, мисли шамшери дарози ба шакли якпаҳлу монда сардона ҷило медод.

«Хидэ ба деҳа бармегардад, зимистон ҳам дур нест» - якбора ин фикр ба сараш омаду аз сардӣ ба ларза даромад.

## III

Поезде, ки ба он Хидэ нишаст ба стансия наздики соати ёздаҳу панҷоҳупанҷ дақиқа меомад. Рёсаку инро ҳамон рӯзе, ки аз Хидэ номаи кушода гирифта буд, рафта аниқ кард. Соат аз ёздаҳ гузашта буд, ӯ бошад, маътал дошт. Охирон соҳиби хона ба ёди ӯ овард:

- «Эй! Ҳамин лаҳза соат ними дувоздаҳ мешавад. Бирав хоҳаратро пешвоз гир охир».

Рёсаку аз утоқхонаи киштисозӣ баромаду кисаи ҷемпери худро дошта, бо тамоми қувва давид.

Агар ӯ рост ба стансия мерафт, шитоб намудан зарур набуд. Вале борояш лозим буд ба кассаи амонатӣ даромада, каме пул бигирад. Рӯзи шанбе буд, почта тамоми рӯз кор намекард, агар Хидэ пешвоз гирифта баъд меомад, дер мекарду пул гирифта наметавонист.

Ӯ ба почта зада даромаду аз кисаи ҷемпер дафтарчаи амонат ва мӯҳри шахсиро гирифта ба тоқчаи контролёр гузошт, вале  мӯҳр лағжида ба фарши бетонӣ афтод. Ҳамон лаҳза онро гирифта, пуф карду ба тоқча монд. Зан-назоратчӣ ба ӯ бо шубҳа нигарист. Аз хастагӣ ҳашҳаш дошт.

- Бубахшед. Бисёр шитоб доштам… - гуфт ӯ таъзимкунон.

- Номи Шумо?

- Итиномори Рёсаку. Бисту як сол.

Ӯ синну соли худро низ гуфт, ҳол он ки касе инро напурсида буд, фикр кард: «Барои чӣ номи маро пурсид, вай дар китобча навишта шудагӣ-ку?». Назоратчӣ китобчаро аз назар гузаронида абрӯ чин намуд ва мӯҳрро гирифта ба наззораи он шурӯъ кард. Ӯ безобита шуд. «Чӣ чизи аҷоибе пайдо кард?».

- Хоҳарам аз деҳа меояд. Ана барои ҳамин… - инро саросемавор гуфту фаҳмид, ки гуфтани гапҳои мазкур зарур набуд.

- Хуб шуд, ки булӯрин нест.

Зан ба Рёсаку нимнигоҳ карду бо кунҷи лабонаш табассум намуд. Вай дар бораи мӯҳр мегуфтааст, фаҳмид Рёсаку. Агар булӯрин мешуд баъди афтидан пора-пора мегашт. Ӯ оҳи сабук кашид ва ба ҷои ҷавоб шармгинона табассум намуд: мақсад мо куҷову мӯҳри булӯрин куҷо!

- Одии арзон… гуфт ӯ ва аз камарбандаш рӯпоккунро гирифта сару гардани арақинашро пок кард.

Аз почта баромада бо шитоб давид.

## IV

Хидэ аз шарм чашмҳояшро нимпӯш карда, дар байни мусофирони зиёд аз перрон баромад. Рёсаку, ки ӯро дар назди дӯкони рӯзномафурӯшӣ интизор буд, хоҳарашро дида, дар ҳолати аз вокзал берун шуданаш дарёб кард. «Эй – садояш кард аз қафо. Хидэ аз тарс дар ҷояш истод ва аз шуои офтоб бо чашмони нимпӯш ба ӯ нигоҳ кард.

- Ана ман омадам, - гуфт ӯ. Чашмонаш аз об пур шуданд.

То ҳол Рёсаку на хешу табор на каси дигареро пешвоз нагирифта буд ва намедонист, ки дар чунин ҳолатҳо дар бораи чӣ гап занад. Чашмакзанон танҳо гуфт:

- Ташаккур.

Мӯйҳои Хидэ мисли собиқа печонида шуда дар тан курткаи бофтаи сиёҳ ба мардона монанд ва кӯтоҳ, аз зону боло, шимми ранги мушӣ пӯшида буд. Дар дасташ буғчаи вазнине дошт.

- Рафтем! – гуфт Рёсаку ва бӯғчаро аз дасти ӯ гирифт. Дар назари аввал буғчаи гирдшакл сабук менамуд, дар асл хеле вазнин будааст. Аз вазнинӣ буғчаи кашиш ёфта дароз шудааст.

- Ту дар ин ҷо чӣ дорӣ? – баргашта пурсид Рёсаку.

Хидэ давон-давон ба ӯ расида гирифта, гуфт:

- Меваи кастона ва биринҷ. Нимаш ҳамчун тӯҳфа ба хӯҷаинат, нимаи дигараш барои ту.

- Барои чӣ биринҷ, - фикр кард ӯ. Маълум гардид, ки модар фармудааст, то хоҳар хароҷоти ӯро зиёд накунад.

- Модарҷон то ҳол ғами моро мехӯрад, хандид ӯ. Ва ҳис кард, ки рангу рӯяш дигар шуд, ба пеш назар дӯхта пурсид: Чӣ, модар сиҳат саломат ҳаст?

- Сиҳат ҳаст.

Рёсаку хомӯшона сар афшонд. Ӯ фаҳмид; модари дер боз бемораш феълан аҳволаш бад нашудааст. Дардаш, ки сабук шудааст, барои ҳамин ӯро рухсати омадан додааст.

Онҳо майдонро гузашта, чи хеле ки фикр карда баромада буд, ба қаҳвахонаи «Кит» даромаданд. Вақти нимрӯзӣ буд, ҳама ҷо аз одам пур. Хушбахтона, як нафар аз паси миз хеста рафт, онҳо ба ҷои вай нишастанд.

- Чизе мехоҳӣ фармоиш деҳ, - оҳиста ба гӯши Хидэ гуфт ва ба кисаи ҷемпераш нигоҳ карду бо дасташ зад»: мақсад ғами пулро нахӯр.

Хидэ ба варақаи фармоише, ки дар девор часпонида шуда назар карда, баргашта шармгинона оҳиста гуфт:

- Барои ман фарқе надорад. Барои худат чизе гирӣ барои ман низ ҳамонро гир.

Зери арши қаҳвахона дуди аз моҳии бирёни Сайра баромада шино мекард. Ва ӯ фикр кард: «Агар фарқ надошта бошад моҳии сайра низ мешавад. Дар деҳа онҳо моҳӣ намехӯранд. Фақат гоҳ-гоҳе савдогарон ба хонаҳо меоварданд, он ҳам бошад, хушкашро. Моҳии тару тозаро дар деҳа ҳатто бо чашм надидаанд. Хидэ, бошад, моҳии сайраи бирёну намакинро дар умраш начашидааст.

- Ду хӯрок сай… сай… сайра ва биринҷ барои ду кас, - канда карда садо кард соҳиби қаҳвахона ба тарафи ошхона.

Имрӯз, ки Рёсаку аз ҳарвақта дида барвақттар хеста буд, бештар гурусна шуда косаро гирифтан замон ба Хидэ: «Канӣ хӯр!» гуфту ба ӯ нигоҳ накарда, ба хӯрдан шурӯъ кард. Бо вуҷуди ин, Хидэ аз ӯ дида, пештар косаро холӣ кард.

- Аллакай хӯрдӣ? – пурсид ӯ чӯбчаҳоро монда. Хидэ шарм дошт.

- Ман аз пагоҳӣ чизе нахӯрдаам.

Дар косаи ӯ аз сайра танҳо каллаи моҳӣ ва устухонҳои ғавси он монда буду халос. Боқимонда ҳамааш нопадид гаштанд, ҳатто устухони пушт.

- Бомазза буд?

- Бомазза фақат… - Хидэ рӯ турш намуда, ба даст ба гулӯ ишора намуд.

Ӯ ғамгинона табассум намуд.

- Кабурғаро фурӯ бурдан душвор буд?

- Не, гулӯямро чизе мехарошад. Гӯё сих даромада бошад.

«Ин хел бошад, устухон дармонда аст», - фикр кард Рёсаку. Бояд каме биринҷро нохоида фурӯ бурд. Вале косаи Хидэ холӣ буд.

- Аз биринҷи ман гирифта як лундаро фурӯ бар. Тезтар фурӯ бар!

Рёсаку косаи худро ба ӯ дод. Дар деҳа дар ҳолати мазкур чунин мегӯянд: «Бо оби чашм фурӯ бурдан». Шояд аз он ҷиҳат бошад, ки вақте одам гиря мекунад хоида наметавонад.

Хидэ даҳонро аз биринҷи косаи ӯ пур карда чашмонаш пӯшида фурӯ бурд. Ӯ бошад, ба гирду атроф назар карда, оҳиста ба пушти Хидэ мезад. Вақте ки устухон тамоман парида рафт дар коса низ биринҷ намонда буд.

- Ман ҳам баъди ба шаҳр омаданам доимо дар гулӯям устухони моҳӣ дармемонду боиси хандаи атрофиён мегаштам, бо ин гапҳои дили Хидэи шармгинро бардоштан мехост, баъди баромадан аз қаҳвахона. – То одат кардан ҳама ҳамин хел мешаванд, сокинони шаҳр бошанд, вақти меваи костона (каштан) хӯрдан забонашонро яра мекунанд.

Аз кӯчаи калон онҳо ба соҳили баҳр баромаданд ва ӯ ғайри ихтиёр дид, ки Хидэ ҳамон тавре роҳ мегардад, ки ӯ имрӯз пеш аз субҳ шунида буд. Дар пояш пойафзоли кӯҳна бо пошнаҳои хӯрдашуда оҳиста болои асфалт шарах-шарахкунон роҳ мерафт.

- Албатта,… - оҳиста гуфт ӯ.

- Чӣ?

- Ҳамин хел, чизи муҳиме нест.

## V

Онҳо назди соҳиби устохонаи киштисозӣ даромаданд, Хидэ намоишкорона худро шинос намуд. «Нигоҳ кун, чи хел мустақил шудааст!» - фикр кард Рёсаку ва ба ёд овард, ки чанд сол пеш худаш ким-чӣ нофаҳмо гуфту фақат таъзим карда буд.

Дар ошёнаи дуюми бинои ҳақирона меваҳои костонаи дар об пухташударо хӯрда истода, Хидэ якбора оҳиста хандид.

- Ба ту чӣ шуд? – пурсид Рёсаку, вале Хидэ мисли ӯ, ки дар кӯча гуфта буд, ҷавоб дод:

- Ҳамин хел, чизи муҳиме нест.

- Магар мумкин аст бидуни кадом сабаб хандид, боз дар сари нон пеши одами дигар? – озурда шуд ӯ. Баъд аз ин Хидэ донаи кастонаро аз тиреза ба кӯча туф карда гуфт:

- Ҳамин хел, ман фикр кардам, ки тез ба марди ҳақиқӣ табдил ёфтаӣ.

- Албатта.

Ӯ ҳис кард, ки сурх шуда истодааст. Дид, ки Хидэ низ аз шарм ранг табдил намудааст, ҳайрон гашт. Аз чӣ

бошад, ки каме худро аз даст дод, вале ба ин аҳамият надод.

- Ту ҳам дар шаҳр се сол зиндагӣ кунӣ, зани ҳақиқӣ хоҳӣ шуд, - гуфт ӯ.

Ӯ хӯрдани меваи кастонаро давом дод ва вақте ки сар боло кард, дид, ки Хидэ пеши тиреза истода баҳрро тамошо дорад. Ӯ акнун намехандид. Аз лунҷҳояш сурхӣ нопадид  гашт. Тарзи истоданаш ниҳоят ғамангез буд, ҳеҷ гоҳ Хидэро дар чунин ҳолат надида буд. Дили Рёсаку фиғон баровард.

- Ба ту чӣ шуд? Дигар меваи кастона намехоҳӣ?

- Не, дигар меваи кастона намехоҳам, - гуфт Хидэ ба баҳр чашм дӯхта. Ва каме хомӯш истода, оҳиста пичиррос зад: - Дар шаҳр мегӯӣ…

Рёсаку фаҳмид, ки гапи гуфтааш беҷо буд. Ба духтаре, ки маҷбур аст дар деҳаи дурдасти торик зиндагӣ кунад, гуфтани ин калимаҳо беадолатист:  “ Се сол дар шаҳр зиндагӣ кунӣ…” Аз тарафи дигар ӯ гуфта наметавонист, ки аз барои бемории бенатиҷаи модар худро зинда ба зинда дар деҳаи дурдаст гӯр кунад.

- Хайр ғам нахӯр. Ба наздикӣ ту ҳам ба шаҳр хоҳӣ омад. Каме сабр намо.

Ӯ бо ин гапҳо мехост дили хоҳарашро бардорад, вале вай бештар озурда гашт, Хидэ тамоман ногаҳон оташ гирифт:

- Ту мехоҳӣ гӯи, ки каме интизор бош, мақсад то мурдани модар вақти зиёд намондааст?

Ӯ оҳ кашида хомӯш монд. Онҳо хеле вақт хомӯш монданд.

**VI**

Қарибиҳои бегоҳ Рёсаку Хидэро ба соҳили баҳр бурд, хост каме ӯро дилбардорӣ намояд. Ин ҷо он қадар макони диққатҷалбкунандае набуд – халиҷи хурди сарди шимолӣ, вале сайругашт ғайри ихтиёр рӯҳияи Хидэро баланд намуд. Худи баҳр барои вай ғайри оддӣ буд. Хидэ аз регҳои назди соҳил гулмоҳиҳои (ракушкаҳои) хурдро чида гирифта, бо мавҷҳои пешомада бозӣ мекард, дар болои регҳои тар бо чӯбча расму иероглифҳо мекашид – хуллас мисли кӯдакон ба шавқ омада буд, ҳол он ки кӯдакони аз 5-сола калони ин ҷо ба ин дараҷа бозӣ намекарданд.

Ба Хидэ назар карда, дилаш хотирҷамъ шуд, вале боз аз раҳм дилаш фушурда гашт. «Ман бояд зиёд кор кунам, - фикр кард ӯ. – Хеле хуб кор хоҳам кард ва модару хоҳарамро пеши худ меорам».

Ҳамон бегоҳӣ Хидэро ба ҳаммом овард. Дар деха моҳе як ё ду маротиба дар бочкаи оби гармдошта нишастан кифоя буд, ин ҷо бошад тез-тез ба ҳаммом омадан зарур меояд. Хидэ ваъда дод, ки як соат оббозӣ мекунад, вале ним соат зиёдтар истод.

Ниҳоят Хидэ аз ҳаммом давида баромаду роҳравон узр хост. Ӯро дида Рёсаку аз ҳайрат чашмонаш зада баромаданд. Пеши ӯ духтари тамоман дигаре меистод. Шояд аз он сабаб бошад, ки ӯ мӯйҳояшро тоза шуста буд, ё баъди ҳаммом сурх гашта буд, ҳаминаш маълум буд, ки Хидэ ба худ ҳеҷ монандӣ надошт.

- Ана акнун зебоякак шудӣ, - рост не? – гуфт Рёсаку.

Хидэ ришханд заду забонашро нишон дод. Ҳатто лабони ӯ ба шакли дигар ба назар мерасиданд.

- Мешӯям, мешӯям, ҳеҷ не ки чирк тоза шавад.

- Ана кори ғалатӣ!

Дар деҳаи онҳо ба ҷои «Чӣ шармандагие!» мегӯянд: - Ана кори ғалатӣ. Калимаҳои шинос бегоҳии деҳаи азизашро ба ёд оварданд. Ба хона баргашта Рёсаку ба паҳн кардани ягона матраси худ хомӯшона шурӯъ намуд.

- Болиштро ту мегирӣ, - гуфт ӯ ба ҳоҳараш.

- Хидэ як ҷойгаҳро дида, хомӯш буд, вале гуфт:

- Ту бе болишт чӣ хел хоб мекунӣ?

Ӯ ханда кард.

- Боке нест. Бигузор ақаллан болишти ту ҳақиқӣ бошад. Аз деҳа овардам. Бо барги марҷумак пур кардагӣ.

Рости гап соҳиби хона барои Хидэ ба Рёсаку ҷойгоҳ пешкаш карда буд, вале ӯ инкор кард, ҳеҷ гап не як шаб аст. Ӯ аз заҳмат додани соҳиби хона шарм медошт. Фикр кард: як ҷойгоҳ ҳам, кифоят мекунад. Дар деҳа ӯ бо хоҳараш дар як ҷойгоҳ мехобиданд. Аз кӯдакӣ ҳамин хел буд, ба ин одат кардаанд.

Вале он бегоҳӣ Хидэро дар як пироҳан ва тагпӯш дида ғайри ихтиёр чашмонашро гурезонд. Хидэ барои ӯ ноаён ба духтари ҳақиқӣ табдил ёфтааст: синаҳо калон шуда, ронҳояш расидаанд, пойҳояш таранг гаштаанд. Онҳо паҳлӯи ҳам ба пушт дароз кашиданд, ба якдигар расидани танашон барояшон ноҳинҷор буд. Рёсаку худро тамоман бад ҳис мекард. Ханда карда пурсид:

- Чӣ хел, аз ҷойгаҳ, намеафтӣ?

- Не, ту чӣ?

- Бепарво бош…

Аз тани тоза шустаи Хидэ бӯи ношиноси ширине мебаромаду димоғро сих-сих мекард. Ӯ кӯшиш мекард ба ӯ нарасад, вале бидуни ихтиёр ягон ҷояш мерасиду ҳис кард, ки пӯсти ӯ гарм ва маҳин аст.

- Фикр мекунам, ин хел беҳтар аст, - инро гуфта пушташро гардонида оҳ кашид. Онҳо хомӯш шуданд.

- Бародари ҷон, ту намехоҳӣ зан гирӣ? – пурсид Хидэ. Овозаш хандаомез буд, вале ба саволи шӯхиомези Хидэ ҷавоб додан намехост.

- Ягон вақт зан мегирам, - гуфт ӯ.

- Кай охир?

- Намедонам. Агар надонам маълум мешавад, ки дарояндаи наздик не. Охир ман ҳоло шогирд ҳастам. Алҳол дар ин бора фикр накардаам. Хидэ хомӯш буд. На аз он сабаб, ки дигар гапи гуфтанӣ надошт. Он чизе ки дар дилаш фиғон дошт ба бародараш гуфтан наметавонист.

- Барои ту, шояд, одамони зиёде  хостгор меоянд, - дар навбати худ гуфт Рёсаку. Хидэ каме хомӯш истоду баъд гуфт:

- Бештар мардони аз чил боло.

Акнун хомӯш истодан навбати Рёсаку буд. Дар бораи чӣ пурсад. Ба ӯ зодаи деҳа бе ин ҳам ҳамааш маълум аст. Ҳамаи хостгорҳо аз чилсола, ки боло бошанд, дар тамоми деҳаҳо ягон домоди ҷавон намондааст. Ҳол он ки мардони аз панҷоҳсола боло, ки то ҳол оиладор нашудаанд, зиёд аст. инҳо мардони калонсоле мебошанд, ки додару хоҳарони онҳо барои кор ба шаҳр омадаанд. Рёсаку яке аз ҳамин нафарҳо буд, бинобар ин наметавонист Хидэро дилбардорӣ кунад, барои он ки агар дар деҳа бародари бузург ҳам медошту ӯ мемурд, ба ҳеҷ ваҷҳ ба деҳа бозгаштан намехост.

Нафасгирӣ барояш душвор гашт.

- Биё пагоҳ дар шаҳр мегардем, - мавзӯи сӯҳбатро дигар кард ӯ.

- Бароят ягон чиз мехарем. Ту чӣ мехостӣ?

- Ягон чиз аз пӯшокӣ, - хушнудона ҷавоб дод Хидэ ва Рёсаку оҳи сабук кашид.

- Кимоно?

- Не, аз либосҳои ғарбӣ. Фақат пироҳан набошад. Ман онҳоро напӯшидаам. Камзӯл ё доман (юбка)…

Рёсаку ба хотир овард, ки Хидэ дар тан шими аз зону боло дошт, гуфт:

- Ман барои ту мехарам.

- Нимдоман? – нидо кард Хидэ аз хурсандӣ.

- Ту кадом рангро дӯст медорӣ?

- Ранги «чароғи дастии хитои»-ро ба зудӣ ҷавоб дод Хидэ.

- Оҳо! Яъне, нимдомани сурх.

Хидэ гӯё ба ӯ бовар намекард, каме хомӯш монд, баъд оҳиста рӯи худро ба пушти бародараш часпонид. Чанде баъд хобаш бурда, нафасгириаш ба гӯш расид.

## VII

Рӯзе баъд аз 10 рӯзи рафтани Хидэ ба деҳа Рёсакуро хешашон пирамард Ёго аз деҳаи ҳамсоя хабар гирифт. Рёсаку дар ҷои холие дуртар аз бандар болои алафҳои хушк шолчаро паҳн карда, тахта метарошид. Ва вақте дид, ки пирамард Ёго худро кашолакунон омада истодааст, рӯзи бе ин ҳам хира ба назараш тиратар гашт.

- Бобоҷон! – пичиррос заду аз ҷояш парида хест. Пирамард ба ӯ наздик шуда, ҳатто салом надида гуфт:

- Ба деҳа меравем!

Ин гап барояш ногаҳонӣ буд, Рёсаку хомӯш монд, чизеро намефаҳмид.

- Хидэ мурд, - фаҳмонд пирамард.

Рёсаку бо чашмони калон кушодашуда хомӯшона назар мекард.

- Дар дарахти шоҳбулути паси хона худро овехтааст, - илова намуд пирамард.

Рёсаку лабонашро ҷунбонд, вале ягон садое набаромад, гӯё калимаҳо дар гулӯяш дармонда бошанд.

- Дар танаш юбкаи сурхи ту харида буд, дар гарданаш бошад, гарданбанд аз гӯшмоҳии хурд.

Рёсаку сар заду мисли барги дарахт ларзид.

- Дурӯғ аст! Ҳеҷ мумкин нест! Ҳамааш дурӯғ аст!

- Не, ҳамааш ҳақиқат аст, - устуворона гуфт Ёго. Рёсаку аз ларзиш боз монду хастаҳолона ба пирамард чашм дӯхт. – Аз кисаи Хидэ хати ба ту навиштаро пайдо карданд.

Пирамард аз ҷайби шими барои аспсаворӣ дӯхташуда номаи якчанд маротиба қатшударо баровард.

Рёсаку варақро боз намуд. Дар он бо ранги сурх якчанд сатр навишта шуда буд. Вале дастонаш чунон меларзиданд, ки чизеро хонда натавонист, барои ҳамин хатро ба пеши чашмонаш наздик овард. Дар варақ сатрҳои зерин навишта шуда буданд:

**Намудам домани сурхина дар бар,**
**Ки савғо карда буд, онро бародар,**
**Ҳама пайроҳаи деҳро сипардам...**
**Касеро рӯ ба рӯ пайдо накардам,**
**Касе сӯям назар нанмуд боре.**

**Чу бар ҳамсоядеҳ вақте расидам,**
**Дар он ҷо ҳам ягон фарде надидам,**
**Касе дар деҳи сеюм низ намонда,**
**Хамӯшии гароне ҳукм ронда.**

**Басе рафтам, ба тан кӯтоҳ-доман,**
**Миёни кӯчаҳои хуфта ҳайрон,**
**Ягон марде, ки гардад ҳамдами роз,**
**Наёмад пеши ман аз баҳри пешвоз.**

*(Тарҷумаи Саидии Ҳисорӣ)*

Рёсаку парешонҳолона ба пирамард нигоҳ кард. Ӯ бошад, номаро аз дасти ӯ гирифта, ба кисаи шимаш андохт.

- Ман-ку ӯро накуштаам, - пичиррос зад Рёсаку ва аз гиребони пусти сагонаи курткаи пирамард гирифта таккон дод. Бобоҷон, гӯй. Ман Хидэро куштам?

- Беҳудагӯӣ накун, - гуфт пирамард оромона.

- Ту танҳо барояш юбка харидӣ. Хидэ бошад онро пӯшида мурд. Фақат ҳамин, на чизи дигар.

Зонувони Рёсаку меларзиданд. Ӯ базӯр дар пояш меистод, пирамард, ки саросемааш мекард, равон гашт. Ва ин лаҳза аз қафо садои қадаммониро шунид. Ӯ истоду ба атроф назар кард. Охир Хидэ мурдааст, ин ҷо буда наметавонист. Ин шамоли хеста буд, ки мавҷро ба соҳил мезад. Аз соҳил дар дуриҳо баҳр ҳукм меронд. Ин ба Рёсаку қомати ғамгинонаи дар назди тиреза истодаи Хидэро, ки ба назди ӯ ба меҳмонӣ омада буд, ба ёд овард.

**ш.Кобул,**
**12 октябри с.1988**



## З А Н Б Ӯ Р

Кори Сима омад накард. Рӯзе, ки шавҳараш баъди ҷудоии дарозмуҳлат бояд ба хона меомад, занбӯр синаашро газид.

«Ҳеҷ набошад динарӯз мегазид! – фикр кард ӯ. Ё дар рӯзи дигар. Он вақт майлаш се-чор бор мегазид. Ҳозир бошад ана, ба ту! Акнун дигар ягон илоҷ нест. Ана бадбахтӣ чӣ гуна аст!».

Занбӯр дар дохили остини юката (пироҳан) пинҳон шудааст.

Пагоҳӣ Сима онро дар хонаи хушккунии биринҷ овехта буд. Ва вақте ки онро ба болои кимонои тагпӯш пӯшид, ногаҳон нешеро ҳис кард. Сима бо тарс ба синаҳои худ задан гирифт – дар зери по болои татами (гилеми болои фарши хона) дурушт чизе афтид. Ин занбӯр буд. Он рӯ боло мехобиду по мезад.

Сима пештар мушоҳида карда буд, ки занбӯрҳо ба хонаи хушккунӣ даромаду баромад доранд ва гумон намекард, ки метавонанд ба юката дароянд.

Ӯ ҳамон лаҳза занбӯрро маҷақ кард. Дарди кунди нолишовар дар сина зиёдтар мегашт. Ҷои газидашуда намоён набуд, вале гирду атрофи нӯги сина карахт гашт.

То ҳол ӯро занбӯр ягон бор ҳам нагазида буд, барои ҳамин намедонист дар чунин ҳолатҳо чӣ бояд кард. Вай ангушташро бо оби даҳон тар намуда, ба нуги сина молид. Дар кӯдакӣ, вақте ки ӯро хомӯшакҳо мегазиданд, модари марҳумаш ҳамин хел табобаташ мекард.

Бо мақсади аз ресмон гирифтани кимонои шабона даст бардошт. Ҳамин лаҳза Сима дар синааш дарди сахтеро ҳис намуд, гӯё ба сина чизи тезе даромада бошад. Дард ҳамоно паҳн мегашт, акнун вай дарди кунд набуда, балки сахттар мешуд. «Пеш аз пӯшидани кимоно онро бояд нағзакак тагу рӯ кардан зарур буд», - бо алам фикр мекард Сима роҳравон сӯи хона. Аз утоқи охир садои гиряи кӯдак баланд шуд.

- Ҳозир майдаякам, тоқат кун!

Сима кӯдаки гуруснаро болои зонуяш монда тугмаи куртаашро боз намуду бо тарс фарёд зад: сина сурх гашта

варам карда буд, нӯги сина тамоман ноайён гашта, сурхӣ мобайни синаҳо поён рафтааст.

- Ба ту чӣ шуд?

Модари шавҳараш, ки бо баҳонаи хоб чашмашро пӯшида буд, онро боз карда, ба Сима нигоҳ кард.

- Ана… занбӯр газид, - парешонҳолона гуфт Сима. Ва боз фикр кард: «Мисли кӯдаки хурд!».

- Туф! – бо қаҳр гуфт модари шавҳар ва аз нав чашмонашро пӯшид. Вақте ки кӯдак дар синаи сиҳати келин ором шуд, ӯ чашм кушода гуфт: - Ақаллан давои заҳри мор бимолаш.

Давои заҳри мор доруи хонагии барои ҳамаи бемориҳо ба ҳисоб мерафт. Онро мисли сакэи морӣ тайёр менамуданд, фақат дар спирт шири морро нигоҳ медоштанд.

Кӯдакро хӯронда, Сима аз пештоқ шишаи давои заҳри морро гирифту оҳиста сарпӯши онро кушод. Ба димоғаш бӯи тез зад, чашмонро ба сӯзиш овард. Сима ангуштро ба дору тар кунонду шавҳараш ба ёдаш омада, дудида шуд. чунин бӯйи «хуш» гумон аст ба касе маъқул шавад. Агар аз вай чунин бӯй ояд, шояд рӯй гардонад. Беқарории номаълум дар дилаш сокин гирифта буд. Вале вақти фикр кардан набуд.

«Хайр аст. Ҳамсояҳо имрӯз ба ҳаммом даъват кардаанд, - фикр кард, ӯ, - ҳамаашро бо собун тоза мешӯям». Ва як бори дигар ангушташро ба даво тар намуд.

Дар назари аввал шавҳари бепарво дар зери бағал ҷомадони сафарӣ аз поезд ба замин парид. Занашро дар

пушташ кӯдак дида, хост табассум намояд, вале табассум ҳамон лаҳза аз лабонаш дур гашту бо рӯи ҷиддӣ ба пешвози онҳо пеш рафт.

- Ана ман омадам, - гуфт ӯ куллоҳи шикориро аз сар гирифта.

- Хуш омадӣ! – Сима табассум намуд, вале дар чашмонаш ашк пайдо шуду рӯ гардонда, кӯдакро алвонҷ додан гирифт. Кӯдак хоб буд, сараш аз як тараф ба тарафи дигар таккон мехӯрд. Бо вуҷуди он ки падар онро ним сол боз надида буд, як нимнигоҳе карду роҳро давом дод.

Аз байни шолизори сабз бо пайроҳаи хурде рост ба тарафи хонаашон, ки дар канори шаҳр воқеъ буд, равон гаштанд.

Сима хомӯш роҳ мерафт. Бояд гапҳои зиёдеро ба ӯ нақл мекард, аммо рӯи норозиашро дида, худро аз даст дод.

Шавҳараш дар Токио дуредгар шуда кор мекард. Онҳо якдигарро ним сол боз надидаанд, фаромӯш кардаанд. Ӯ барояш бегона менамояд. Ҳатто аз роҳгузари оддӣ низ бегонатар менамуд. Шавҳар пеш ҳам чақ-чақӣ набуд, ҳоло бошад, тамоман даҳон накушод, чунон тез пеш мерафт, ки ба Симаи бечора лозим меомад гоҳ-гоҳе давон-давон роҳ равад.

Вақте ки онҳо ба пули рангпарида наздик шуданд, шавҳар қадаммониашро суст намуда, занро пеш гузаронд. Сима фикр намуд, ки ӯ дарёро тамошо дорад, вале шавҳар ба рӯи кӯдак нигоҳ мекард.

- Дар хоби ширин аст, - гуфт ӯ.

Дар чеҳраи шавҳараш мисли ним соли гузашта, пеш аз ба кор рафтанаш парешонҳолӣ намудор гашт. Сима хурсанд гашт.

- Калон шудааст, ҳамин хел не?

- Бале, калон шудааст.

Вале дид, ки чашмони шавҳараш мутаваҷҷеҳи рӯи кӯдак мебошад, ногаҳон аз тарс сард гашт. Наход ӯ ҳам мисли ҳамсояҳои сангдил гумони баде дошта бошад? Наход, ба монанд будани кӯдак ба худаш шубҳа дошта бошад?

Сима пешдастӣ карда, қабл аз он ки шавҳараш чизе гӯяд, хушнудона гуфт:

- Ҳама мегӯянд, ки майдаяк рӯз то рӯз ба ту бештар монанд шуда истодааст.

- Шояд, - кӯтоҳ гуфт ӯ.

Ба хона омадан замон болои сари модараш чорзону нишаста, бо ӯ сӯҳбатро шурӯъ намуд. Дар утоқи ҳамсоя нишаста Сима кӯдакро меҷунбонид, шунид, ки модари шавҳараш пурсид:

- Қуттии асбобу анҷомат куҷост?

- Ба Хоккайдо фиристодам, - ҷавоб дод шавҳар. Ана гап дар куҷо! Маълум мешавад, ки ӯ ба Хоккайдо меравад.

- Кай меравӣ? – пурсид модари шавҳар.

- Пагоҳ бо поезди рӯзона.

Дили Сима фушурда шуд. Кор ба ин шакл шуданашро фикр ҳам накарда буд. Модари шавҳар низ маълум аст, ҳайрон гашт. Шавҳар бошад, гӯё ягон ҳодиса нашуда бошад, фаҳмонд, ки кор дар Токио тамом шудааст

ва дар Хоккайдо имконияти пул кор кардан аст. Ӯ бо ҳамроҳии хӯҷаинаш ба он ҷо меравад ва бо иҷозати вай барои як рӯз ба хона омад.

Ҳамин хел дар хат менавишт, намешуд! Ӯ бошад, телеграмма фиристод: «Пагоҳ соати …меоям», дигар чизе не. Дигар чӣ аст, касе намедонад. Сима умед дошт, ки шавҳараш як ҳафта ё даҳ рӯз дар хона оромона истироҳат мекунаду баъд барои пул кор кардан меравад. Ӯ бошад, барои як шаб омадаасту пагоҳ боз ба ҷойҳои дур меравад.

Сима аз чӣ бошад, ки хандид. Шавҳар гӯё чизеро мепоида бошад, дома[1] – ро аз назар гузаронид.

- Ба ту чӣ лозим? – пурсид Сима.

Вале ӯ ҷавоб надода, ба ҳавлӣ баромад. Шояд, ба сӯи анбор равон шуд. «Ӯ чиро мепоида бошад?» - сабзавотро барои мисосиру[2], резакунон фикр мекард Сима. Шавҳар боз аз дар сар халонда нигоҳ кард.

Боз дома-ро аз назар гузаронид.

- Ба ту чӣ лозим? – корро бо корд бас карда,- пурсид Сима.

- Вай куҷо гум шудааст? – зери бинӣ пичиррос зад шавҳар.

- Чӣ куҷо гум шудааст? Ту чиро меҷӯй?

Сима кордро монда ба дома фаромада кафши сабук пӯшида ба рӯи ҳавлӣ баромад. Шавҳар бо дастони болои синаҳо қатшуда ба ҷониби анбор равон гашт. Сима

---

[1] Дома – утоқи бо фарши заминӣ, ки аз ошхона каме поёнтар воқеъ гаштааст.

[2] Мисосиру – шӯрбои ғафси лубиёдор.

дастони тарашро бо пешдоманаш пок карда аз паси вай рафт.

Шавҳар ба анбор даромада, чунин вонамуд сохт, ки гӯё ба кунҷи торик нигоҳ дорад, ҳангоми Сима ба он наздик шуд, баргашта ӯро хомӯшона ба оғӯш кашид.

- «Ана гап дар куҷо будаст» - Сима ниҳоят фаҳмид, ки ӯ чиро меҷустааст, вале ҳамин лаҳза дарди нешзане ба синааш даромад, кӯшиш кард аз оғӯши ӯ берун шавад. Ҳарчи кӯшиш мекард дастони қавии шавҳараш ӯро бештар нигоҳ медоштанд. Сима дигар ба дард тоб оварда натавониста, фарёд зад.

- Дард ёфтам! – гуфт ӯ бо овози гиряомез. Шавҳар ҳайратзада дастонашро суст кард. Ба поён нигоҳ кард, шояд пояшро зер карда бошад?

- Он ҷо не охир. Ин ҷо дард мекунад. Сима вазнинона нафас кашида, бо даст синаи варамкардаашро нишон дод. Шавҳар бо чашмони аз ҳайрат калонгашта, ба ӯ менигарист.

Занбӯр газид.

- Занбӯр?

- Аҳа. Мисли кӯдаки хурд. Ҳатто шармам меояд. Ва Сима канда-канда, чӣ гуна занбур газиданашро нақл кард. Шавҳар хомӯшона ӯро гӯш кард. Сима хаёл кард, ки шавҳараш хоҳад хандид, аммо ӯ бошад, баръакс каме лаб инҷ карда гуфт:

- Канӣ, ин ҷо биё.

Сима пеши тирезаи анбор омад, шавҳар фармуд синаашро нишон диҳад. Ӯ итоаткорона пеши кимоноро

кушод. Дар паси тиреза ҳоло равшан буд, маҷбур шуд чашмонашро нимпӯш намояд.

Ӯ оҳиста мисли он, ки тугмаи занги хонаи сарватдореро пахш мекарда бошад, ба нӯги сина даст расонид. Нӯги он ба синаи варамкарда ғарқ шуда рафт. Шавҳар бо тарс дасти худро пас кашид.

- Дард ёфтӣ?

Сима аз ба сина даст расонидани шавҳараш дардро ҳис накард.

Албатта, агар мисли ҳозир ту барин ба оғӯш гирифта, сахт зер кунӣ....

Сима акнун сабаби ноҳинҷории худро вақти молидани давои захри мор ба таври баръало фаҳмид.

«Бале, синаи ӯ оғӯши шавҳарро бардошта наметавонад, - фикр кард Сима ва мехост гиряи талх кунад. Дар зери нурҳои офтоби воридшаванда сина ранги бунафшро дошт ва ба олуи пӯсида монанд буд. Канда гиру аз тиреза парто.

- Кифоя аст, пӯшон. – Шавҳар чашмак зад.

– Бӯи давои заҳри мор мекунад. – Ӯ ангушташро бӯй кард.

- Модарҷон тавсия дод, - гиребони кимоноро дурусткунон гуфт Сима.

- Маро ҳам дар кӯдакӣ тез-тез занбӯрҳо мегазиданд, - шавҳар ба тарафи дар равон гашт. Сима ба он ҳам қонеъ шуд, ки ӯ ба ҳар ҳол аз вай рӯй нагардонид.

Ҳамон шаб шавҳар бо хушдоман пеши гулхан каме сакэ нӯшида, биниашро ба пушти занаш монду хобаш бурд.

Фақат як бор бо эҳтиёт дасташро ба занаш расонид. «Кафи дастони ӯ аз як дафъа то дафъаи дигар шахшултар шуда истодаанд.» - фикр кард Сима. – Шояд, барои он ки ӯ фақат бо тахтаҳо сару кор дорад». Ва чашмонаш зери мижаҳо аз ашк тар гаштанд. Симаро ҳеҷ хобаш намебурд, бисёр зиёд дар ҳаммоми ҳамсоя нишастааст. «Наход ҳеҷ кор кардан нашавад? – аз худ мепурсид вай. – Охир ягон хел кардан мумкин ку…». Аммо ба сари ӯ ягон фикр наомад.

Ва бисёр фикр карда ҳам наметавонист. Тан аз гармӣ месӯхт, гулӯ хушк гашта буд. Ӯ қарор дод: бигузор шавҳар ягон чӣ фикр карда барорад, ман интизор мешавам.

Ва ӯ пуртоқатона интизор шуд. Вале чизе аз интизорӣ ба даст наомад. “Маълум, ки фикр кардан ба дилаш заду дар паси ман хобаш бурд. Хаста шуд магар?” – фикр кард Сима ва ӯро ҳам хоб бурд.

Пагоҳӣ, баъди он ки шавҳараш аз китфаш дошта ҷунбонид, бедор шуд.

Сима баргашта мехост пурсад, ки чӣ мехоҳад, аммо шавҳараш пешдастӣ карда пурсид:

- Манзили занбӯрҳо куҷост?

- Зери бом.

Ҳоло барвақт буд, вале шавҳар бархосту шимро пӯшида, аз утоқи хоб берун рафт.

Дар рӯи ҳавлӣ чирчиракҳо садо мебароварданд. Сима бо нигоҳи парешон ӯро гусел кард, вале баъд беқарор гашта, бо кимонои шабона аз утоқи хоб берун баромад.

Дар дома шавҳар курткаи кории модарашро пӯшида дастпӯшакҳоро ба даст кашид.

- Рӯйпоккунро гирифта ба шавҳараш дароз кард. Шавҳар бо он рӯяшро печонид.

- Халтаи  биринҷгириро деҳ.

Сима дасту по хӯрда, фармоишҳои кӯтоҳи ӯро иҷро мекард. Ӯ хомӯш берун баромад. Сима низ хомӯшона аз қафои ӯ шуд.

Қуллаҳои дарахтон аз нурҳои пагоҳии офтоб мисли дандонаҳои шона медурахшиданд. Он ҷою ин ҷо чирчиракҳои беқарор садо мебароварданд.

Шавҳар зинаро зери бом монда, мисли ҳарвақта бо он боло шуду халтаро болои лонаи занбӯрҳо партофта, онро печонида поён шуд.

Сима бо тарс ӯро мушоҳида мекард.

- Нагазиданд? – пурсид ӯ, вале шавҳар чизе ҷавоб надод.

Ӯ аз анбор табарро оварда, тарафи ҷарии лаби дарё рафт. Он ҷо халтаро бо лонаи занбӯрҳо ба замин монда бо тарафи кунди табар ба халтаи варамшудаистода задан гирифт. Бо шитоб, вале баробар мезад ва каме баъдтар матои сафед аз хуни занбӯр ва тухмҳои он лолагун гашт. Зарбаҳои табар акнун мисли пештара садо намебароварданд.

Сима каме дуртар истода, ба шавҳараш нигоҳ мекард. Ба ӯ чунин менамуд, ки агар ӯ ҳозир ягон чиз гӯяд, табар ба тарафи вай мегардад. Офтоб баланд шуд ва рӯи шавҳарашро равшан кард.

- Ту арақ кардӣ, - гуфт Сима.

Танҳо ин вақт, гӯё бекувват шуда бошад, бо мушкилӣ табари болокардаашро ба замин партофт.

Ана, ягона рӯзи баъди ҷудоии нимсола гузашт. Шавҳар пояш ба хона нарасида, бояд ба роҳ бароядд.

Бо душвории зиёд ба шавҳараш, ки бо қадаммонии тез аз байни шолизори сабзшуда мегузашт, расида мегирифт, охир тоқат накарда, Сима ғурунгос зад. Вай худро гунаҳгори асосӣ меҳисобид, вале чӣ тавр инро гӯяд, намедонист.

- Ҳоҷати гиря кардан нест! – баргашта гуфт шавҳар.

- Боз меоям.

- Охир ин кай мешавад? Шояд ним сол гузарад, ё аз ин бештар.

Поезд расида омад.

- Хайр, ман рафтам, - инро гуфта шавҳар ҷомадонро зери бағал гирифта, ба осонӣ ба вагон парид. Диданаш ҳамон буд. Ӯ аз тиреза худро нишон надод. Шавҳараш ҳеҷ гоҳ худро аз тиреза нишон намедод, хайрухӯши дуру дарозро дӯст намедошт.

Садои гудоки поезд баланд шуд. Кӯдаки дар пушташ буда, бедор шуду гиря кард. Сима кӯдакро алвонҷ дода, табассум намуд – шояд шавҳараш аз ягон тиреза нигоҳ кунад, - ва якчанд қадам баробари поезд роҳ рафт.

**ш. Кобул,**
**13 октябри с.1988**



## Р Е В О Л В Е Р (ТУФАНГЧА)

### I

Модари ман ба наздикӣ ҳаштодсола мешавад. Вақтҳои охир ӯ аз вазнинии санги ба назар ноаён, ки баъзан якбора ба китфи чапаш меғелад, дар азоб аст. Ин мисли он аст, ки зарфи калонро болои сабзавоти намаккарда гузоранд.

Аз дигар ҷиҳат барои синну солаш хеле бақувват аст, кампир, худаш риштаро ба сӯрохии хурди сӯзан мегузаронад, медӯзаду хонаро рӯбучин менамояд. Вақти ҳавои хуб тағораро аз об пур карда, ҷомашӯӣ менамояд,

баъзе вақтҳо бошад, бо корд то се моҳии баҳриро тоза карда метавонад. Вале аз он вақте ки синнаш аз ҳаштод гузашт, агар дар ҳавои соф ба ҷое дуртар равад ё каме зиёдтар бо об сару кор намояд, ҳатман дард ёраш мешавад.

Ҳамин, ки корро тамом карду оҳи сабуке кашид, ҳамон лаҳза санг ногаҳон мечаспад – ҷои гурез нест. «Ана боз шурӯъ шуд!» - фикр мекунаду кӯшиши онро партофтан менамояд, вале бефоида. Дарди тоқатнопазир ба пушт лағжида, ба дил мечаспаду онро фишор медиҳад, набз чунон задан мегирад, ки ҳама ҷоро ба ларза меорад, дил сих мезанад, даҳшатовар аст ва ӯ дод мезанад: «Боз ба сарам омад». Садояш каме баъдтар ба хур-хур табдил ёфта, канда мешавад.

Хуб аст, агар дар чунин ҳолатҳо хоҳари бузургам, ки дар шаҳрчаи ҳамсоя студияи мусиқӣ дораду бозиро дар кото[1] ёд медиҳад, дар хона бошад. Садои фарёди модарро шунида, ҳамоно ба кӯмак ҳозир мешавад ва ӯро ба ҷойгаҳ мехобонад. Вақтҳои дар хона набудани вай аҳвол хеле бад аст. Модар бо хоҳар зиндагӣ мекунад ва агар ӯ набошад, фарёди кунӣ ё не касе ба додат намерасад. Агар дард дар меҳмонхона гиребон гирад, модар ду болишти дастрасро гирифта, қат шуда, якпаҳлу мехобад. Агар дар роҳрав ё боғ дард гирад, дигар илоҷ нест дар ҷояш ба зону менишинад. Тамоман тоқатнопазир шавад, ба замин менишинад. Ва ӯ маҷбур аст, интизор шавад, то касе

---

[1] Кото – асбоби мусиқӣ, ки сенздаҳ тор дорад.

биояду санги ноаёнро аз китфаш бардорад. Вале баъзе вақтҳо лозим меояд хеле зиёд интизор шуд! Чунон зиёд, ки пешонӣ аз арақ тар, ангуштҳои по сард ва пеши чашмон сиёҳӣ мезананд…

Модар чунин меҳисобад, ки санг кори ӯро тамом мекунад.

Гирифтани дард ин нисфи бадбахтӣ аст, вақтҳои охир ба дил часпида, онро фишор медиҳад. Ба дили худ модар он қадар боварӣ надорад.

Аз солҳои ҷавонӣ ӯ якчанд захмро дар дил бо худ овардааст. Ӯ боварӣ дорад, ки дар дилаш шаш сӯрохӣ мавҷуд аст. Ва вақте ба ӯ мегӯянд, ки агар чунин мебуд, умраш то ба ин синну сол намерасид, модар мефаҳмонад, ки захмҳо монанди зарбаи раъду барқ хурд, вале чуқур ҳастанд.

Дутои он вақти таваллуд ёфтани духтаронаш – калонӣ ва сеюмӣ пайдо шудаанд – ҳардуи онҳо гирифтори бемории албинизманд. Дутои дигараш вақти мурдани духтаронаш (ҳардуи онҳо бо воситаҳои гуногун худкушӣ карданд) пайдо гаштанд.

Ду захми дигар баъди он ки ду писараш – калонӣ ва дуюмин пинҳонӣ аз хона рафтанд (ва то ҳол барнагаштаанду маълум нест, дар куҷо мегарданд) ба вуҷуд омаданд.

Барои ҳамин модар чунин мепиндорад, ки дилаш аз дили дигарон дида,  хеле сустару заифтар аст ва санг ба ӯ расида мегирад. Ана он вақт халосӣ нахоҳад буд. Ин хел, ки бошад барои мурдан омодагӣ бояд дид. Умри худро

дар ин дунё дидам, кифоя аст, набояд ба дигарон халал расонам, - фикр мекунад ӯ ва оҳиста-оҳиста омодагӣ мебинад. Ва вақте ки баъзе корҳоро иҷро карда натавонад ба ман хат менависаду ба шакли деҳотӣ ишора мекунад: «Ту намехоҳӣ маро хабар гирӣ? Оиди баъзе масъалаҳо бояд сӯҳбат кард. Агар тавонӣ биё».

Як моҳ пеш хоҳарам навишта буд, ки модарро боз ҳамон дард азоб додааст. Чун ҳарвақта барои модар тӯҳфа харида, барои як рӯз ба ватан рафтам. Ана ҳамон вақт модар дар бораи чизи даҳшатноке, ки дар хонаи мо нигоҳ дошта мешуд, нақл кард. Ҳар вақте ба ёдам меомад, ки ҳамон чиз дар наздикиҳост ба гирду атроф назар мекардам. Ин чизи даҳшатнок – туфангчаи кӯҳна будааст.

## II

Пеш аз он ки оид ба туфангча сӯҳбатро оғоз намояд, модар гуфт:

- Барои саволи ногаҳонӣ маро бубахш, ба ман намефаҳмонӣ, ки модэруган[1] чӣ маъно дорад?

Якчанд рӯз пеш хоҳар аз шаҳрчаи ҳамсоя баргашта, модарро дар ошхонаи нимторик дар ҳолати нишаста ёфтааст. Модар мисли кӯдак, ки бозии пинҳоншавак мекунад, бо кафи дастонаш рӯяшро пӯшонида, нишаста буд. Дард аз ҳарвақта дида, сабуктар буд, зеро вақте ки ман ба шаҳри худ омадам, модар аз ҷойгоҳ хеста, пеши

[1] Модэруган – туфангча-бозича (калимаи вайроншудаи англисӣ /.

оташдон моҳӣ мепухт. Баъди пурсупоси сиҳатӣ ва саломатии аҳли оилаам ӯ ҳамин саволи аҷоибро дод.

Дар аввал ман дасту по хӯрдам, вале ба ёд овардам, ки чун одати дерина ягон калимаи хориҷии дар газета хондааш ё аз ягон кас шунидаашро пурсон мекунад. Ман чун ҳарвақта кӯтоҳ ба ӯ фаҳмонидам: модэруган – ин модели ба таври сунъӣ сохтаи туфанг ё туфангча мебошад, яъне бозича барои калонсолон. Баъди ин ӯ ба ман дар бораи дар шаҳрчаи ҳамсоя ба ғораткорӣ машғул шудани бачаи навҷавон, ки чунин туфангча доштааст, нақл намуд. Ғоратгар ба сар ҷӯроби нейлонӣ кашида, ба се хона даромадааст. Ӯ туфангчаро ба одамони хоббуда равона карда, (албатта, касе намедонист, ки туфангча ҳақиқӣ нест) пулу чизҳои онҳоро меситонидааст. Дар хонаи чорум ӯро бачаи соҳиби хона доштааст, вақте ки ҷӯробро аз сараш канда гирифтанд, маълум гашт, ки бача нав мактаби миёнаро хатм кардааст. Туфангчаро бошад, вақти ба Токио барои экскурсияи таълимӣ рафтанаш пинҳонӣ пайдо кардааст.

Дар аввал ман фикр кардам, ки модар барои он дар бораи ғоратгариҳо нақл мекунад, ки дар хона ду зани бе мард худро бе мудофиа ҳис менамояд. Вале маълум шуд, ки ӯ тамоман дигар мақсад доштааст. Модар чунин меҳисобид: дунё, ки чунин шудааст, ҳатто кӯдакон бо чунин туфангчаҳо ғораткорӣ мекунанд, ҳоло ҳам дер нашудааст он чизро аз сари худ соқит бисозем.

Ман нафаҳмидам, ки ӯ чиро дар назар дорад, пурсидам:

- Ин ҳамон чиз чӣ аст?

- Туфангчаи падар охир, - нидо кард модар ва ҳатто аз тарс ба худ печида.

Ва ин лаҳза ман фаҳмидам. Модар туфангеро дар назар дошт, ки аз падари марҳум мерос монда буд. Албатта, ин на бозича, балки туфангчаи ҳақиқии шаштира бо барабани чархзананда, калибраш 9 миллиметр ва хеле вазнин буд.

Вале падари ман вақти зинда буданаш на одами ҳарбӣ буду на ғоратгар. Ӯ ҳамагӣ шуда, як савдогари оддии ҳаққоре буд. Ва дӯкони мануфактураи хурде дошт дар шаҳрчаи на он қадар калон.

Баъди ҷанг ӯ дӯкони худро аз даст дода, тамоман ба деҳа кӯчида омаду сокини деҳа гашт, аз субҳ то шом ҳезум мешикаст, моҳӣ медошт, фақат зоҳиран худро шаҳрӣ нишон медод. Ва вақте, ки хоҳари калонӣ дар шаҳрчаи ҳамсоя студияи омӯхтани асбоби мусиқии каторо кушод, падар ба пирамарди кӯҳансоле табдил ёфта буд. Ва инак, падаре, ки дар зиндагиаш ангушташро ба яроқи оташфишон назадааст, баъди худ на чизи дигар, балки туфангчаи ҷилои сарддор ва як қуттӣ панҷоҳ тири ҳақиқӣ мерос гузошт.

Ин тирамоҳ мо ҳабдаҳумин соли марги падарро қайд намудем, туфангча ва тирҳо бошанд, то ҳол дар хонаи мо истодаанд ва чӣ хеле ки модар мегӯяд шонздаҳ сол худамон бехабар чизи даҳшатнокеро нигоҳ медоштем, ки метавонист аз камтарин хунукназарӣ ба силоҳи ғоратгарӣ табдил ёбад.

Барои фаҳмидани то чи андоза пухтани моҳиҳо модар сихҳои моҳидорро аз болои ангушт кашида гирифта, ба ман шикоят кард, ки бо ин мероси падар хеле азоб кашид. Ӯ ба ҳама гуна таҷовуз бо чашми бадбинӣ назар мекард ва баъди пайдо кардани туфангча хеле норизо шуд. Норозигии ӯ рӯз то рӯз зиёд мегашт, зеро овозаҳо паҳн мешуданд, ким-кӣ аз чунин туфангчаҳо дар ҳолати ҳуҷум истифода кардааст, ё онро каме такмил дода, касеро захмӣ кардаанд ё оқибат аз силоҳи ҳақиқӣ касеро куштанд. Ва акнун чунон ки мебинем, мероси падарро лаънат мехонд.

Модар медонист, ки мувофиқи қонун соҳибони силоҳҳои сард ва оташафшон бояд ҳатмӣ онҳоро ба пулис супоранд. Вале, мутаассифона, ҳар қадар худро талқин намуд ба он ҷо рафта натавонист. Гап дар он аст, ки вай аз паси гуноҳҳои бачаҳояш якчанд бор дар идораи пулис буд ва азобҳои зиёде кашид. Фақат аз як худи фикри он ки ба пулис равад, дилаш ба дард медаромад.

Сабабаш на он буд, ки пулисро чашми дидан надошт, балки намехост бо вай сару кор дошта бошад.

Ва дар баробари он нигоҳ доштани яроқ дар хона барояш азоби ҳақиқӣ гашта буд. Мабодо касе онро аз хона пинҳонӣ гираду ба берун барорад, он гоҳ вай аз даст ба даст хоҳад гашт? Ба дасти одамкушҳо меафтад. Ана баъд мебинӣ, нохушиҳои бузург рӯй медиҳанд. Ин эҳтиёткориҳо, албатта, аз як тараф ба каси холис хандаовар менамояд, вале кӣ медонад чиро интизор шавад. Ин ҷаҳон то чӣ андоза нофаҳмо аст. Ҳама кор

шуданаш мумкин. Майлаш, писаронашро ба ёд намеорад, охир ҳодисоти гуногуне рух мезананд-ку…

Барои мисол, ба хона метавонад ғоратгар дохил шавад. Агар ӯ аҳли фаҳм бошад, мефаҳмад, ки ин ҷо барои ӯ коре нест. Агар дузди кӯчак бошад, баръакс шояд хонае барояш зарур аст, ки фақат занон зиндагӣ мекунанд. Ҳатто duздҳое ҳастанд, ки фақат хонаҳоро ғорат мекунанд. Баъди он ки чизи ҷолиби диққатеро пайдо накард, дузди кӯчак хонаро тагурӯ менамояду туфангчаро пайдо менамояд. Шояд, аввал каме ҳайрон шавад, вале баъд онро ба камар мезанад, зеро бо дасти холӣ баргаштан намехоҳад.

Шояд бо ин туфангча дар ягон ҷо ҷинояте содир шавад? Дар он вақт чӣ бояд кард? Пулис ҷустуҷӯро шурӯъ менамояд, аз куҷо пайдо шуд туфангча, он вақт дузд муфаттишро ба хонаи онҳо меорад. Нохушиҳо оғоз меёбанд.

Дар болохона мушҳо зиндагӣ мекунанд, зери айвон гурбаҳою сагҳо пинҳон мешаванд. Агар дар хона ҷои бехатарре пайдо шавад, ки дасти касе ба он ҷо нарасад, дасти модар низ ба он ҷо намерасад. Барои ҳамин ҷое нест, ки туфангчаро пинҳон кунад. Ва сӯхтор низ даҳшатнок аст. Оташ аз хонаи ҳамсоя парида мегузарад – модару хоҳар ҳамаро партофта мегурезанд. Агар хона то хокистар сӯзад ҳам ногаҳон сӯхторхомӯшкунакҳо аз байни хокистар туфангчаро пайдо кунанд-чӣ? Боз нохӯшиҳо….

Барои ҳамин модар вақтҳои охир шабҳо бо ёди туфангча бедор шуда, дигар хобаш намебарад. Гоҳе фикр мекунад, ки бояд онро фаромӯш кард, ҳар чӣ бодо бод, вале фаромӯш карда наметавонад. Чиз, чизе шавҳари марҳумаш барои ҳамин худро ҷавобгар меҳисобад. То вақте дар хона туфангча ҳаст ӯ осуда ин дунёро тарк гуфта наметавонад. Ягон роҳи халос шудан аз вай нест магар?

- Албатта, нохуш аст? – гуфтам ман. – Аз ҳама хубаш – онро ба пулис бурдан аст. Дар чунин ҳолат на метарсӣ, ки ҷинояте содир мешавад, на ҳис мекунӣ, ки ҳама вақт дар тори мӯе овезонӣ. Мумкин аст аз баландие туфангчаро ба дарё партоӣ ё дар канори ҳавлӣ гӯр кунӣ. Вале ин баробар ба он аст, ки мори заҳрдори бемадоргаштаро ба озодӣ сар диҳӣ.

Модар бо китфони хамида хастаҳолона нишаста буд, илова намудам:

- Албатта, ба идораи пулис меравам ман.

- Фақат ба пулисхонаи мо не.

- Ман онро ба Токио бурда месупорам. Ин тавр беҳтар мешавад. Албатта, онро бо худ кашола карда гаштан хуб нест, аммо илоҷи дигар ҳам нест.

Ман ҷои нигоҳ доштани туфангчаи фалокатро пурсида, аниқ кардаму барои гирифтани он ба хонаи охирин рафтам.

Туфангча бо панҷоҳ тир  ба рӯзномаи зардшуда мисли шонздаҳ сол пеш дар таги сейфи дӯстдоштаи падар аз давраи бо савдо машғул буданаш,  истода буд. Бӯғчаи бо қоғаз печонидашударо кашида гирифта ба ёд овардам,

ки ҳамон рӯзи тақсими мероси падар ман онро аз сейф гирифта будам. Он вақт дар бӯғча чӣ буданро касе аз мо намедонист. «Ин қадар вазнин!». Шояд тангаҳои тиллоӣ бошанд»-шухӣ кардам ман ва рӯзномаро кушодам. Ин лаҳза пеши чашмони ҳайрони мо чизе боз гашт, ки касе интизори он набуд.

Ман ҳатто фикр карда ҳам наметавонистам, ки падар туфангча дошта бошад. Вале модар гуфт, ки ин чиз ҳақиқатан ҳам аз ӯст. Дар ҷавонӣ падар барои мол ба Токио пеши савдогари яклухтфурӯш мерафт ва аз он ҷо туфангчаро овард. «Нигоҳ кун, ман чӣ пайдо кардам» - таъриф кард ӯ. Модар аз тарс ларзид – яроқи оташфишонро ӯ бори аввал медид.

Падар гуфт, ки онро барои худдифоъкунӣ харидааст. Он вақтҳо ӯ моҳе як бор барои ҷамъоварии пулҳои барои молҳои ба қарз додааш ба деҳаҳо мерафт. Дар пайраҳаҳои кӯҳии дур пиёда рафтан лозим меомад, дар ин роҳҳо бошад, ҳама чизро интизор шудан мумкин. Илова бар ин, вақти бозгашт бо кисаи пури пул бармегашт. Хоҳиши харидани туфангча ҳодисаи ғайри муқаррарӣ нест.

Модар ҳамон лаҳза ин чизро бад дид, вале тан дод, зеро туфангча барои худдифоъкунӣ харида шуда буд. Вале ҳеҷ маълум набуд, ки падар аз вай истифода кардааст ё не. Туфангчаро модар дигар ягон бор бо чашмаш надид. «Шояд куҷое бурд ё ба касе барои ягон мӯҳлат дод? – фикр кард ӯ. Рости гап, барои ӯ оромтар буд, дар аввал чунин вонамуд намуд, ки туфангчаро фаромӯш кардааст, - баъдтар бошад, дар ҳақиқат фаромӯш кард. Ана баъд аз

вафоти падар туфангча ба чашми модар пайдо гашт, ҳол он ки ӯ хаёл мекард, ки вай кайҳо боз нест. Модар инро ҳамчун фиреби даҳшатовар қабул намуд. Туфангча ҳамаро гузошта, боз ба дасти ӯ омад… Модар онро бо нафрат аз назар гузаронида, баъд онро хомӯшона печонида, дар таги сейф гузошт. «Бигузор ҳамин ҷо хобад. Зарур шавад мегирӣ»- гуфт ӯ ба ман.

Дар он вақт ман бистуҳафт сол доштам, ба ҳамроҳии ҳамсарам дар кунҷи Токио дар хонаи бисёрҳуҷрадор зиндагӣ мекардем ва ҳамон рӯзҳо итминон доштам, ки қуввати рӯҳиям барои нигоҳ доштани чунин мероси хатарнок мерасад. «Боз беҳтар! Барои Буддо ҳам осудатар хоҳад буд» - гуфтам ман. Аз ҳамон вақт инҷониб дигар туфангчаро ба ёд наовардам. Ва фикр ҳам надоштам, ки то ин андоза модарро озор медиҳад.

Ман туфангчаро гирифта баргаштаму болои зону монда, дар пеши оташдон аз назар гузаронидам. Баъд онро ба даст гирифтам, ба назарам аз пештара дида вазнинтар намуд, ҳол он ки ин тавр шуданаш ҳеҷ мумкин нест. Туфангча занг зада буд, ҳарфҳои ду сатри дар болояш навишташударо бо чашмони оддӣ дида намешуд. Дар қуттӣ панҷоҳ тир мехобид. Яъне, ба он касе даст нарасонидааст. Таги тирҳо аз равған ё гард каме сабз шудаанд.

- Фақат як қуттии тир буд? – пурсидам ман аз модар.

Ӯ гуфт, ки аз дигарҳояш хабар надорад. Агар ин тавр бошад, маълум мегардад, ки падар ягон бор аз туфангча напаррондааст, ҳол он ки онро барои худ харида буд.

Охир ӯ метавонист барои имтиҳон кардани туфангча якду бор тир кунад, вале накард. Пас барои чӣ то охири умр ӯ мавҷудияти туфангчаю тирҳоро дар пинҳонӣ нигоҳ дошт? Ва ин лаҳза ба хотир овардам, ки баъди марги падар бори аввал ин чизро дида фаҳмидам, ки он дар куҷост.

Баъди он ки хабар ёфтам,  маризии падар барқарор гаштааст, ман ба ватан баргаштам ва рӯз ба рӯз хомӯш гаштани чароғи умраш ӯро мушоҳида карда, фикр менамудам: ӯро чӣ зинда нигоҳ медошт? Ӯро, писари деҳотро, домоди савдогари мануфактури шаҳриро, ки ду духтари гирифтори албинизм дошт, падареро, ки духтаронаш худкушӣ карданду писаронаш аз хона гурехтаанд? Ин лаҳза ман туфанги аз сейф гирифтаро дида, ҳамаашро фаҳмидам.

Ин туфангча барои зинда мондан барояш қувва мебахшид. Онро, ки дошт, метавонист ҳар лаҳза бимирад. Ва ӯ метавонист то синну соли худ зиндагӣ кунад, зеро ӯро фикри он ки васоили хуби тарк кардани зиндагиро дар ихтиёр дорад, қувват медод.

Ман тирҳоро аз қуттӣ бароварда онҳоро аз назар гузаронида, гузаштаро ба хотир меовардам.

- Бо онҳо чӣ кардан мехоҳӣ? – пурсид модар.

- Ҳеҷ чиз… Ҳамин хел аз назар мегузаронаму халос.

- Боз ба оташ напартоӣ.

Ва модар ҷиддиёна ба ман назар дӯхт, гӯё бо кӯдаки ҳаштсола гап мезада бошад.

Пагоҳӣ аз стансияи шаҳрчаи ҳамсоя ба поезде, ки ба Токио мерафт савор шудам. Вақте ки ман аз платформа мегузаштам, ҳис намудам, ки мисли бачаи гуноҳ содиркарда ларзида истодам. Вале назоратчии ҷавони кулоҳ дар паси сарашбуда намедонист, ки аз пешаш одаме гузашт, ки ғайриқонунӣ туфангча ва панҷоҳ тирро бурда истодааст. Ва ӯ мисли лӯлизани бо шақшақаи чӯбин рақскунанда, чолокона чиптаро сӯрох кард.

**ш.Кобул,**
**16 октябри с.1988**



## ПАНТОМИМА

Вақте ки Моё бори аввал туфлиҳои ҳамон занро дид, аз ҳайрат чашмонаш калон-калон кушода шуданд: Чӣ хел гулҳои бузурги настаран! Ба таври бояду шояд диққат надода буд, ки онҳо туфлиҳои оддии сурх буданд, қарор дод: настаран шукуфтааст. Вале баъд ба зудӣ фаҳмид, ки иштибоҳ кардааст.

Ба ин шаҳрчаи шимолии Наори фақат даҳ рӯз пеш баҳор омада буд. Ва то шукуфтани настаран ҳоло дур буд. Инчунин настаран дар қумзор месабзад, ин ҷо бошад, дар

канори халиҷи хурди заводи татраподҳо[1] ҷойгир буда, ҳама ҷо асфалтпӯш аст. Дар макони асфалтпӯш настаран намесабзад. Моё ҳамагӣ нӯҳ сол дошт, вале духтарча тасаввур кард, ки гули настаранро не, балки чизи дигареро мебинад. На барои он ки инро медонист. Ӯ мушоҳида кард, ки гулҳои зебо ким-чӣ хел ҳаракат мекунанд.

Одатан вақти вазидани шамол гулҳо сар меҷунбонанд, на ин ки рӯи замин ҳаракат мекунанд, гӯё реша надошта бошанд. Ба замми ин, ҳарду гулҳо тамоман як хел ҳаракат мекунанд: дар аввал аз якдигар дур, баъд аз чӣ бошад, якбора ба якдигар наздик шуданд. Гулҳои настаран чунин намешаванд, - фикр кард Моё.

Вай он вақт дар завод дар байни ҷангали тетраподҳо буд. Тетраподҳо – ин конструксияҳои бетонӣ дар чор пой. Онҳоро бо таври хеле сода месозанд. Қолаби оҳанӣ месозанду баъд ба он бетонро мерезанд, вақте он хушк шуд, қолабро мегиранд.

Чунин истеҳсолот мошинаҳои калонро талаб намекунад, бетон бошад, аз аз берун оварда мешавад. Бинобар ин, дар майдончаи завод на биное ба назар мерасиду на қубуре. Дар рӯзҳои боронӣ болои майдончаи завод пӯшида мебуд, хуб мешуд, вале тамоми сол чунин ҳавои бад нест, аз ҳамин сабаб тетраподҳоро дар ҳавои кушод низ сохтан мумкин аст. Гузашта аз ин, тетраподҳои

---

[1] Тетрапод – конструксияи бетонӣ барои мустаҳкам кардани соҳилҳо аз обшӯй.

тайёрро дар ҳавои кушод ба мошинҳои бузурги боркашӣ бор кардан осонтар аст.

Як муддат тетраподҳо дар соҳил зери офтобу шамол хушк мешуданд. Онҳо дар соҳил дар майдони калон ба шакли қаторҳои ҷафс меистоданд. Се пои онҳо ба бетон такя мекарданд, яктояш бошад, дар ҳаво овезон буд. Ба ҳар тарафе ки онҳоро чарх занонӣ, онҳо як хел ба назар мерасиданд. Мисли роботи лаванд.

Тетраподҳо ба се қисм тақсим мешуданд: бузург, миёна ва хурд. Вале ҳатто майдааш аз Моё дида, хеле баланд буд, калонаш бошад, се маротиба. Ва барои ҳамин, вақте ки Моё дар байни онҳо бозӣ мекард, ба назараш чунин мерасид, ки вай дар ҷангали аҷоиби беранг роҳгум задааст.

Моё дар ин ҷангали аҷоиб танҳо бозӣ карданро дӯст медошт. Ӯ дар байни он ба зону нишаста, бо сангчаҳо болои бетон расми одамчаҳоро мекашид. Дар ин ҷо ба кӯдакон бозӣ кардан иҷозат набуд, вале ба Моё аз паси панҷа нигоҳ мекарданд, зеро модараш дар ҳамин завод кор мекард.

Вақти аз мактаб баргаштан агар борон ё барф намеборид, Моё ба хона надаромада, рост ба ҷангали тетраподҳо меомад. Чунин мешуд, ки ӯ аз дарсҳо худсарона мегурехт. Дар хона танҳо нишастан наметавонист, зиқ мешуд. Падари Моё моҳигир буд ва аз он вақте ки дар обҳои наздик моҳӣ кампайдо шуд, ӯ тамоми сол бо мақсади пулкоркунӣ ғайб мезад ва фақат дар Бон ва соли нав хона меомад. Моё кӯдаки ягона буд,

дугонаи хуб барои бозӣ дар наздикӣ надошт, телевизор ё китоби расмдор дар хона набуд, барои ҳамин дар хона танҳо нишаста наметавонист. То мактаб Моё одатан бо бачаҳо дар соҳил даводав мекард, вале дар мактаб бо касе дӯст нашуд. Ҳама ӯро девона меҳисобанд ва масхарааш менамуданд.

Хонданаш бад буд – майл надошт ва аз ин ҷиҳат ӯ гунаҳгор буд, вале барои он ки мӯйҳояш сиёҳи сурхтоб ва рӯяш безебу танаш чорпаҳлӯ буд, ҳеҷ гуноҳе надошт.

Ба ҳар коре, ки даст мезад, акси кори дигарон мешуд. Дар мусобиқаҳо низ, ҳарчанд кӯшиш мекард, боз охирон мешуд.

Оҳиста-оҳиста Моё аз рафиқҳои собиқаш дур гашт – охир ба кӣ мефорад, ки масхарааш кунанд, - ва танҳо бозӣ мекард. Назар ба соҳил, ки дар паси ҳар каиқ касе пинҳон аст ва тайёр аст, масхарааш кунад, ҷангали холии тетраподҳо ба назараш биҳишт барин менамуд. Аз рӯи одати кӯдакона, ҳамин ки ҳаво гарм мешуд, танҳо як юбка мепӯшид ва ин ҷо ором буд ва вақте ки ӯ бе либоси таг ба замин менишаст, касе ба ӯ ишора намекард, масхарааш намекард.

Чӣ коре, ки накунад тетраподҳо хомӯш буданд, вақтҳои охир Моё низ мисли онҳо безабон гашта буд. Вале шунавонияш ниҳоят хуб буд. Ҳамон рӯз нимарӯзи шамоли на онқадар сахт бархост, садои мавҷҳо баланд гардид. Бо вуҷуди ин, Моё овози одамонро шунид. Ӯ баргашта ба он тарафе, ки овоз меомад, нигоҳ кард.

Ва ин лаҳза болои бетон байни пойҳои тетраподҳо духтарча ду ранги зебои сурхнаморо дид. «Чӣ хел гулҳои бузурги настаран!»- ҳайрон шуда буд, вай он вақт.

Вақте Моё дарк кард, ки онҳо гул нестанд, ба зудӣ чӣ буданашонро нафаҳмид. Ҳатто ба ёдаш омада наметавонист, ки онҳо метавонанд туфлӣ бошанд. Чунин туфлиҳои зеборо ӯ дар шаби хобаш ҳам надида буд. Дар берун сурхӣ ҷилло медод, гӯё зинда бошад. Ва танҳо баъди дар паҳлӯи гули сурх туфлии сиёҳи мардонаро мушоҳида кард, фаҳмид, ки туфлиҳои занонаро мебинад. Дар паси тетрапод марду зан ба якдигар ҷафс рост меистоданд.

Ва бо вуҷуди ин, Моё наметавонист бовар кунад, ки инҳо гул нестанд «Агар чунин дар расм ё дар китоби қиматбаҳо кашида мешуд, ман бовар мекардам. Вале дар ҳаёт чунин туфлиҳои зебо набояд бошад» - фикр кард ӯ.

Моё то ин лаҳза пойафзоли кӯҳнаи худро аз по кашида буд, аз ҷой бархост ва дуздона аз пеши тетрапод гузашт. Ва тавре ки гумон дошт, дар паси тетрапод марду зан дар оғӯши якдигар рост меистоданд. Лабони мард ба лабони зан мерасиданд. Вале барои Моё ин ҳеҷ аҳамият надошт. Ӯ мехост воқеан итминон ҳосил намояд, ки дар пои зан ҳақиқатан ҳам туфлӣ ҳаст – аҷоиб гӯё аз ким-кадом олами дигар. Вақте боварӣ ҳосил намуд, боз чашмонашро калонтар кушод.

Чӣ хел зебо! Наход чунин туфлиҳои зебо дар олам вуҷуд дошта бошанд?

Ба пушти Моё мурчаҳо давиданд, ӯ ларзид. Бисёр мехост ба туфлиҳо наздик шуда, онҳоро бо дасташ дорад. «Вале мард ба қаҳр омада, ӯро ҳатман мезанад» - фикр кард вай.

Моё бо ҳарду даст тераподро молида оромона ба ҷои пештарааш баргашт. Аз ин ҷо низ туфлиҳои сурх ба хубӣ ба назар мерасиданд. Акнун ӯ ба таври дақиқ медонист, ки онҳо туфлӣ мебошанд. «Маълум мешавад, ки дар сарам чизе намерасад, зеро дар аввал онҳоро гул гумон кардам» - қарор дод духтарча.

Моё аз туфлиҳои сурх чашм канда наметавонист. Бо вуҷуди он ки туфлиҳо баланд буданд, зан ба нӯги пойҳояш хест. Марду зан аз ҷояшон намеҷунбиданд. Ин ниҳоят хуб буд, зеро Моё метавонист дуру дароз ба онҳо нигоҳ намояд, вале аз чӣ бошад, ки ӯ бо қаҳр бо худ гуфт – оҳ ин мардҳо! Барои чӣ онҳо бӯсобӯсиро то ин андоза дӯст медоранд?

Аз он вақте ки Моё аз рафиқонаш дур шуда, танҳо дар соҳил мегашт, на як бор дидааст, ки ҷавонони аз шаҳру деҳоти наздик барои тамошои баҳр омадаанд, ҳамсафарҳои худро дар сояҷазираҳои киштиҳои шикаста ба соҳил баровarда ё паси шоху дарахтҳо мебӯсанд.

Ва на танҳо ҷавонон бо ин кор машғуланд. Мӯйсафед, соҳиби завод низ чунин рафтор мекунад. Ҳафтае як бор аз бозор моҳии арзон харида, пеши модари ӯ меояд.

Барои чӣ лабони занона барояшон ширин менамояд? Моё ҳам зан аст ва аниқ медонад, ки онҳо тамоман ширин нестанд. Дар лабҳои ӯ доимо рег хобида аст.

Оқибат марду зан оҳиста-оҳиста дур шуданд. Моё низ гӯё бо риштаи ноаёне ба туфлиҳои зан баста шуда бошад, аз қафои онҳо рафту пешониаш ба пои тетрапод бархӯрд. Ва ин лаҳза ӯ садои гиряи занро шунид.

Зан мисли калонсолон каме шунаво гиря мекард. Баъд туфлиҳо дар байни тетраподҳо ғайб заданд.

Моё аз чӣ бошад, оҳ кашид. «Ин мард ҳам занро азоб медиҳад, - фикр кард ӯ. – Модари ӯ низ баъди рафтани соҳиби завод кӯрпаро ба сар мекашаду оромона гиря мекунад».

## II

Бо туфлиҳои сурх рӯзи дигар вақти баргаштан аз мактаб боз вохӯрд.

Ӯ гурусна буд ва барои ҳамин ба ибодатгоҳе, ки худои киштиҳоро эҳтиром доранд, даромад. Ҳар вақте ки чизе хӯрдан мехост, ба ин ҷо медаромад. Барои он ки диққати одамонро ба худ ҷалб нанамояд, ӯ зангӯларо назад, фақат кафи даст ба кафи дигар зада, дар ҳамин ҳолат қуттии хайротдиҳӣ ва гирду атрофи онро аз назар гузаронид. Хушбахтона, имрӯз ҳам ӯ чанд тангаи афтода – чиҳил иен пайдо кард.

Худоро шукр! Онҳоро ба зудӣ гирифта, ба зинаи сангӣ давида баромада, аз дӯкони ширинифурӯшии назди дарвозаи муқаддас ду кулчаи ширин харид. Баъд то нисфи

зинаҳо баромада, ба рӯи пояи санге нишаст. Ин лаҳза дар поёни зинапоя он ду нафари дирӯза пайдо шуданд. онҳо бо зинаҳо боло шуда, ба тарафи ибодатхона мерафтанд.

Имрӯз ҳам дар пои зан ҳамон туфлиҳои зебои сурх буданд. Онҳо ба пироҳани сафеди кӯтоҳи то зону ҳамоҳанг буданд, ба ин зани ҷавони аҷоиб мезебиданд. Тарҳи рӯи ин одамонро ӯ бори аввал медид, бо вуҷуди ин ба онҳо нимнигоҳе карда, кулчаро аз ёд баровард ва чашм ба туфлиҳо дӯхт.

Зан ба дасти мард такя намуда, аз назди Моё гузашт. Туфлиҳо чунон ҷило медоданд, ки чашм аз онҳо канда намешуд. Онҳо намнок ба назар мерасиданд, гӯё даст расонӣ, дар нуги ангушт ранги мисли хун сурх боқӣ мемонад. Марду зан хомӯш буданд.

Баъди он ки туфлиҳо дар ҳавлии ибодатгоҳ аз чашм нопадид гаштанд, Моё оҳ кашид. Дилаш бо садои баланд мезад. Вай ба хӯрдани кулча шурӯъ намуд, вале гуруснагие, ки пеш аз ин азобаш медод, гум шуда буд.

Моё кулчаро ба халта монда, фикр кард: ин ду нафар кӣ бошанд? Дар шаҳри онҳо занон туфлии сурх намепӯшанд. Ва одамони таҳҷоӣ дар рӯзи равшан барои ишқварзӣ ба анбори тетрапод намеоянд. «Ба гумонам, онҳо аз ин ҷо нестанд» - фикр кард Моё. Ва аз тарҳи рӯяшон ба зудӣ фаҳмид, онҳо бегонагонанд.

Онҳо ҳарду ким-чӣ хел рангпарида буданд. Рӯи мард мисли чакаи аз лубиё пухташуда, сафед буд, аз зан бошад, мисли тухми дар об пухташуда. Мард ба назар хаста менамуд, маълум, ки аз ҷои дур омадааст. Зери чашмонаш

сояи сиёҳӣ дида мешуд, бо зинаҳо бо душворӣ баланд мешуд.

Зан бо вуҷуди дар пой туфлӣ ва дар тан пироҳани зебо дошт, сурхию сафедӣ намолида буд. Абрувони борики базӯр намоён дошт, лабонаш лолагуни камранг буданд, шояд мард бо бӯсаҳояш безор карда буд.

Моё аз чӣ бошад, қарор дод, ки мард мариз асту зан ҳамшираи шафқат. Барои исбот чизеро пеш оварда наметавонист. Аз шакли зоҳирии онҳо чунин қарор дода буд, Моё. Бемор ба баҳр аз шаҳри калон барои дар ҳавои тоза нафас кашидан омадааст, ҳамшира бошад, бо хоҳиши волидайни мард ӯро нигоҳубин мекунад.

Пас чаро ҳамшира чунин туфлии зебо дорад? Ва чаро бемор бо ҳамшира дур аз чашми одамон дар байни тетраподҳо оғӯшкашӣ мекарданд? «Агар ин ду нафари зоҳиран хушлибосу чунон рангпарида бемори камбағал ва ҳамшираи он бошад, инҳо дар асл кӣ мебошанд? - дасту по гум кард Моё.

Ӯ бидуни ихтиёр ба кулчаи дохили халта тақ-тақ зада фикр мекард, ҳамин замон аз қафо садо поймониро шунид. Он ду нафар поён мефаромаданд. Баъзе қадамҳо оддӣ буданд, дигарҳояш каме бо садои баландтар: там-тарам, там-тарам. Ин садои пошнаҳои баланди занона ба пояҳои сангӣ.

Там-тарам, там-тарам… Ҳарду хомӯшона аз пеши Моё гузаштанд. Туфлиҳои зан гӯё тар бошанд, ҷило медоданд. Моё аз чӣ сабаб бошад, аз ҷояш баланд шуд.

Он рӯз Моё ба майдончаи тетраподҳо рафта наметавонист. То нишастани офтоб ӯ аз паси туфлиҳои сурх дар соҳили баҳр овора гашт. Ва ба ӯ бори дигар муяссар шуд боварӣ ҳосил намояд, ки ин ду нафар он одамоне нестанд, ки ӯ гумон мекард.

Онҳо бе мақсад дар соҳил, бе дастгоҳи аксгирӣ, бе албоми расмкашӣ мегаштанд ва бо ин корашон ба бемору ҳамшира монанд буданд. Вале, ҷойҳои хатарнокро, ки одамон ба он ҷойҳо наздик намешаванд, мисли тухми овезони болои баҳр, қуллаи дандоншикан, ки мавҷҳои баҳр зада пора-пора мешаванд, мард кӯшишҳои хатарнокеро, ки ба бемор монанд  нест, анҷом медод.

Аз монеаҳои панҷарадор гузашта, бо шикам ҳаракат карда, ба лаби ҷар наздик шуда, ба поён назар медӯхт. Ё озодона аз як санг ба санги дигар парида, ба қуллаи шух мерафт ва аз он ҷо тамоман тар шуда, бармегашт. Оё беморҳо чунин мешаванд? Ва оё ҳамшираи шафқат метавонад оромона ба ҳамаи ин нигоҳ кунад?

Ба ҳамшираи шафқат монанд  набудани ин занро он вақте фаҳмид, ки вай бо гурбаи мурдаи аз мавҷи баҳр ба соҳил партофта, рӯ ба рӯ шуд. Зан фиғон бардошта, аз гурба худро дур гирифта, рӯяшро бо дастонаш пӯшиду дуру дароз гиря кард.

Оё ҳамшираҳо ба ин дараҷа сустирода мешаванд? Вақте ки Моё ҳоло мактаб намехонд, дар ошхона шунид, ки ҳамшираи шифохонаашон лапша хӯрда истода, ба кампири аз деҳа омада, дар бораи дароз будани рӯдаҳои одам нақл мекард.

Ҳамшира будан ё набудани ин зан барои Моё, рости гап, ҳеҷ фарқе надошт. Диққати ӯро фақат туфлиҳо ба худ ҷалб карда буданд. Ӯ мехост, аққалан, як бор ба онҳо даст расонад. Онҳоро бо дастонаш молиш диҳад. Ва агар мумкин бошад, пӯшида даҳ қадам роҳ равад. Барои ҳамин ӯ аз паси онҳо то бегоҳӣ овора гашт.

Оқибат туфлиҳо дар паси дари меҳмонхона нопадид шуданд ва офтоб нишаст.

## III

Субҳидам Моё  хоб дид, ки дар пояш туфлиҳои сурх мебошанд. Зан ба пӯшидани онҳо иҷозат додааст. Ӯ онҳоро пӯшидааст, вале онҳо ногаҳон ба шиша табдил ёфта, шикастаанд.

Моё дар кафи пояш тариро ҳис карду дасташро дароз кард – дар байни ангуштҳояш хун буд. Мисли туфлӣ зебо буд, шояд шиша бурида бошад…

Дар майнаи сараш афсонаи Золушка ва туфлиҳое, ки тамоми рӯз аз онҳо чашм наканда буд, омехта гаштанд. Моё бедор шуда дид, ки ғайри ихтиёр ҷойгаҳро тар кардааст.

Дар чунин ҳолатҳо бояд ҷойгаҳро ҷамъ намуда, аз хона берун рафт. Моё то тамоман рӯз шудан мунтазир шуда, ҷойгаҳро ҷамъ карда, ба шкаф монду баромад. Аз он вақте ки соҳиби завод ба хонаи онҳо омаданро шурӯъ кард, ӯ дар кунҷи амбор хоб мерафт ва дар чунин ҳолатҳо барояш қулай буд.

Ҳаво ниҳоят оличаноб буд, дар осмон ягон абр ба назар намерасид. Аз нурҳои офтоби навбаромада чашмонашро нимпӯш карда, Моё қарор дод, ки имрӯз ба мактаб намеравад. Дар чунин ҳавои хуб зани туфлии сурхдор, шояд ба дасти мард такя намуда, дар шаҳр сайругашт кунад. Дар чунин ҳолат Моё низ метавонад тамоми рӯз туфлиҳои сурхро тамошо кунад.

Духтарча қарор дод баромадани онҳоро дар пеши пули бетонии пеши даромадгоҳи меҳмонхона интизор шавад. Вақте ки соати ба мактаб рафтан  расид ӯ дар ҷангали ибодатгоҳи тудаи киштиҳо пинҳон шуд, аз он ҷо меҳмонхона ба хубӣ ба назар мерасид. Баъд қарор дод, каме наздиктар ояд, вале дар ҳамин лаҳза он ду аз меҳмонхона баромада, ба тарафи баҳр рӯ ба рӯи вай равон шуданд.

Моё ба паси девори сангӣ пинҳон шуд, ҳол он ки ҳоҷати ин кор набуд. Дар нӯги туфлиҳои зан нурҳои офтоби пагоҳӣ меларзиданд, зеро онҳо ранги сурхи баланд доштанд.

Моё аз пасашон шуд, вале масофаи муайянеро нигоҳ медошт. Аз шаҳрчаи моҳигарон баромадан замон, он ду ба якдигар ҷафс шуданд. Ҳамин хел зиёд роҳ рафтанд, бо вуҷуди ин ки дар ҳолати ҷафс будан қадам задан душвор аст. Онҳо ба тарафи  мавзеи Гиряи шайтон  равон шуданд.

Гиряи шайтон  яке аз ҷойҳои диққатҷалбкунандаи Наорӣ ба ҳисоб меравад. Дар шухе, ки болои баҳр

меистад, сурохии чуқуре ташкил шудааст, ки дар поёни он садои мавҷ аҷоиб ба гӯш мерасад. Одамони таҳҷоӣ мегӯянд, ки ба ин шакл шайтон гиря мекунад. Роҳ ба сӯрохӣ тариқи шухи нишебдор меравад, ки онро Меҳмонхонаи шайтон меноманд.

Марду зан аз пайраҳа ба тарафи Меҳмонхонаи шайтон рафтанд. Ин нишебӣ ба баҳр мерафт ва аз дурӣ ба хубӣ дида мешуд. Моё хам шуда, аз дигар роҳ ба теппа баромад. Ӯ аз кӯдакӣ бо бачаҳо дар ин ҷо бозӣ мекард ва ба хубӣ медонист, ки аз қуллаи теппа Меҳмонхонаи шайтон чун кафи даст намоён аст.

Марду зан дар зери шух, ки аз роҳ намоён набуд нишастанд ва якчанд вақт ба баҳр нигоҳ карданд. Баъд зан оҳиста пуштнокӣ рафт.. «Ана боз! – бо афсӯс фикр кард Моё. – Ҳамин ки дар наздикӣ касе набошад, онҳо ба кори худ шурӯъ менамоянд. Ва дар ин кор чӣ чизи хубӣ бошад?».

Моё бо хотири озурда, аз он ҷо, ки Меҳмонхонаи шайтон намудор буд, дур шуд. Мардҳо одамони хасис мебошанд – ин ҳам бошад, занро дуру дароз азоб медиҳад. Барои ҳамин ӯ бояд ба ягон кор машғул шавад.

Моё ба даште фаромада, якчанд гулҳои саҳроиро канд. Баъд саросема нашуда, ба ҷои пешинааш баргашт.

Охир чӣ гап шуд? Он ду нафар дар он ҷо набуданд. Ӯ бо диққат тамоми шухро аз назар гузаронид, ҳеҷ кас…

Фақат дар лаби сӯрохӣ ду доғи сурх мисли кукнордона ба назар мерасид. «Ин ҷо кор хуб нест» - фикр кард Моё ва аз теппа давида поён фаромад. Пайроҳаро гузашта ба Меҳмонхонаи шайтон поён шуд. Аз марду зан дарак набуд.

Вай ба сӯрохӣ наздик шуд. Дар лаби он туфлиҳои сурх меистоданд. Дар паҳлӯи онҳо – туфлиҳои сиёҳи мардона.

Моё чанд вақт хомӯшона аз дур ба туфлиҳои сурх нигоҳ кард. Баъд бо шикам ба лаби ҷар омада, ба поён чашм дӯхт. Дар поёни дур, чунон дур, ки аз дидани он сар чарх мезанад, дар таги сӯрохии танг бо садо мавҷҳо кафк мекарданд. Моё то замони тани занро, ки давр зада, бо мавҷи баргаштаистода ба тарафи баҳр равон буд, надид, пуртоқатона аз об чашм наканд.

Баъд аз ин Моё баланд шуда, бо зону истода, даст ба сӯи туфлиҳои сурх дароз кард. Бо ангушти ишоратӣ ба онҳо даст расонида боварӣ ҳосил кард, ки рангаш намеравад, бо ду дасташ маҳкам гирифта, ба ҷониби нурҳои пагоҳии офтоб гардонид. Ранг оличаноб буд. Онҳо гӯё зинда буданд. Ӯ ҳарисона онҳоро ба синааш зер карда, бо тамоми қувва бо пайроҳа давид.

Ба гирду атроф нигоҳ накарда, ба шаҳрча баргашт ва ҳамон лаҳза ба завод, ба ҷангали тетраподҳо рафт.

Оқибат ӯ дар ҷангали худаш ҳаст. Ва ин ҷо ӯро касе намебинад.

Моё туфлиҳоро болои бетон монда, гэтиҳои кӯҳнаи худро кашида партофт. Туфлиҳо барои ӯ калон буданд. Пошнаҳои баланд болои бетон садо мебароварданд, Моё сари худро байни китфонаш даровarда, гирду атрофро аз назар гузаронид.

«Чизи хандаоворе нест!» - мехост гӯяд ӯ. Вале туфлиҳо барояш васеъ буданд ва пошнаҳо баланд садо мебароварданд: «там-тарам, там-тарам, там-тарам…

Моё бо қадамҳои хурди чида-чида аз пайроҳаи танги ҷангали беранги бетонӣ якчанд бор рафтуомад кард.

**ш. Кобул,**

**18 октябри с.1988**



## ДАР ЧАРОГОҲ

Шогирди аспбон Тоё, ки дар болохонаи саисхонаи сеюм шабро рӯз мекард, пагоҳӣ дар яке аз аспхонаҳо чизи аҷоиберо дарёфт. Вай ба тухми беранги мурғ монанд буд ва аз таги алафи хушки охурча, ҷойи дуюми асп аз даромадгоҳ ба чашм мерасид. Тухм беранг ва хурд буд ва агар Тоё ба зону нишаста нигоҳ намекард ба ҳеҷ ваҷҳ онро дида наметавонист. Ва ба фикри ҳеҷ кас ҳам намеомад, ки вай дар он ҷо пинҳон шудааст. Бо ҳамроҳии таҳмони ифлос гирифта мепартофтанд ё асп онро бо сумҳояш маҷақ мекард.

Соати чори субҳ Тоё чун ҳарвақта ба аспҳо хӯрок дода, барои давом додани хоб ба болохонаи саисхона

рафт. Ӯро радиои маҳаллӣ бедор кард ва омода буд, рафта дар хобгоҳ ношто кунад, ҳамин вақт дид, ки бо аспи дар ҷойи дуюм истода чизи ғайримуқаррари рӯй дода истодааст. Ин модааспи зотие буд, ки дирӯз вайро сунъӣ бардор карда буданд.

Ӯ бо зина поён шуда, бо пойафзоли резинӣ рӯи фарши саисхонаи нимторик шалап-шалапкунон ба тарафи дар равон гашт. Аз ду тарафи роҳрав аз аспхона садои шарах-шарахи алаф ба гӯш мерасид. Ва фақат ҷои дуюм хомӯш буд. Асп ҳам ба назар намерасид. Ӯ истод ва ба торикӣ чашм дӯхт. Асп дар кунҷ пойҳои худро дароз карда, мехобид. Тоё гумон кард, ки асп хӯрокашро хӯрда, истироҳат дорад, аммо ба охур нигоҳ карда дид, аз нисф зиёди алафҳо мондаанд.

Маълум мешавад, ки асп ба хӯрдан шурӯъ кардааст, вале баъд онро партофта, рафта дароз кашидааст. Ва кимчӣ хел аҷоиб хомӯш хоб аст. «Ин ҷо ягон гап аст» - фикр кард Тоё.

Вақте Ёнэ, шогирди дигари аспбон, ки бо ҳамроҳии ӯ дар саисхона хоб аст, дари бузурги чӯбии бе ин ҳам нимбозро кушод, офтоби болои баҳр баромада, аз паси ҷангал гузашта чарогоҳро рӯшан намуд. Рушноии пагоҳӣ ба аспхона зада даромаду онро рангоранг намуд, досҳои дар девори чӯбини муқобили дар овезонро ба ҷилокунӣ андохт.

Дар дуриҳо гунҷишкҳо ба сурудхонӣ шурӯъ карданд.

Тоё боз ба ҷои дуюм баргашт. Бо забонаш чалп-чалп карда аспро даъват кард. Асп бемайлона сар бардошту ба

по хест. Сараш ба поён афканда буда, шакли зоҳириаш беморро мемонд. Тоё бо кафи досташ ба охур зад. Асп рӯ гардонд, гӯё мегуфт: «Ана ту дар бораи чӣ! Зарур нест».

Ба вай чӣ шудааст? Шояд шамол хӯрдааст? Ё шикамаш дард мекунад?

Тоё тавре нишаст, ки қафояш ба фарш мерасид, зонуҳояшро оғӯш карда, ба асп нигарист. Сараспбон Хякуда вақте ба аспҳо нигоҳ мекард, ҳамин хел менишаст. Хякудаи хурди сафедмӯй, ки аллакай 30 сол дар заводи асп зиндагӣ мекард, чунин ба аспҳо нигоҳ мекард ва маълум буд, ки саросема нашуда, бо дақиқият ҳама чизро фикр менамуд.

Чанд лаҳзае Тоё дар чунин ҳолат нишаста, поруҳои дар ин ё он ҷойи рӯшаншудаи зисти асп парокандаро аз назар гузаронид ва дар коҳ ким-кадом чизи номаълумро дид. Дар аввал фикр кард, ки пуфаки калон аст, пуф кард. Вай на кафиду, на пароканда шуд. Баъд аз ин, ӯ наздиктар назар дӯхт: пӯсти пуфак ғафс, ба тухм шабоҳат дошт.

Дар дарунаш ким-чизе монанди зардӣ дида мешуд.

«Тухми кабӯтар!» - қарор дод Тоё. Вале чаро дохилаш намоён аст? Дар деҳаашон – Калидҳои Сӯзон ӯ тухмҳои кабутарро дида буд, вале чунин беранггро боре мушоҳида накардааст. «Бозёфти аҷоиб», - фикр кард ӯ.

Тоё эҳтиёткорона гӯё моҳиро аз об мегирифта бошад, ба кафи дастонаш тухми кабӯтарро аз коҳ гирифта, аз саисхона бадар рафт, то ки дар рӯшноӣ хубтар аз назар гузаронад.

Баъди даст-даст кардан маълум гашт, ки тухм мулоим будааст, пӯсти шаффоф бошад, таранг кашида. Вай каме онро харошид – тухм ларзид ва акси нури офтоб дар ҷои харошида, нопадид гашт, - Оҳ! Дар он ҷо асп ҳаст ку! – аз ҳайрат қариб буд Тоё тухмро аз даст афтонад.

Дар дохили тухм ӯ як аспчаеро мушоҳида кард. Тоё ба офтоб нигоҳ карда, чашм парронда фикр кард, ки ин шояд аз бехобӣ ба назараш намуда бошад.

Аз сари нав ба тухм нигоҳ кард – не, дар дохили он ҳақиқатан ҳам асп буд.

Маълум мешавад, ин тухми асп аст? Ин хел шуданаш мумкин нест! Асп паррандаю мор нест, тухм намекунад.

«Боз чашми асп набошад? – фикр кард ӯ. Дар чашмони асп ҳама чизи гирду атроф акси худро меёбанд. Агар бодиққат нигоҳ кунӣ акси худро низ мебинӣ. Ким-кадом тойча як чашмашро гум карда, ҳоло дар ҷустуҷӯи он аст ва худ дар он акс ёфтааст.

Тоё ба зудӣ сар гардонд ва албатта, беҳуда. Кадом асп дар ин вақт метавонад берун аз саисхона гардиш намояд?

Дили Тоё сахт задан гирифт. Ин чӣ аст? Номаълум ва аҷоиб. Ӯ аз аспхона берун рафта, аспи касалро фаромӯш кард. Дар кафи даст тухм маълум набуд, ки ӯ дар канори чарогоҳ роҳ мегашт ё медавид. Бо дасти дигараш бошад, мисли дар мусобиқаи хандаовари давидан банди дасти аввалаашро доштааст, гӯё қошуқи тухмдор дошта бошад.

Сӯфитурғайҳо дар осмон паҳну парешон шуданд.

«Ана ман шарманда шудам!» - фикр мекард ӯ дар пеши саисхонаи дуюм истода, тухми аҷоиберо, ки Тоё барояш оварда буд, ба хотир оварда.

Он пагоҳӣ Хякуда дар ошхонаи хобгоҳ нишаста, бо аспбонҳои ҷавон чой менӯшид. Тоё ҳаш-ҳашкунон гӯё аз қафояш мор бошад, давида даромаду гуфт:

- Нигоҳ кунед, ман чӣ ёфтам!

- Чӣ аст?

- Тухм дар дохилаш асп.

«Ҷавон аз хоб сер нашудаааст», - кард Хякуда.

- Куҷост вай, кани ин ҷо биёр.

Тоё хам шуда аз қафояш тухмро баровард. Дар кафи дасти араққардааш ҳақиқатан ҳам пуфаки хурди беранг меларзид.

- Ин чӣ аст? Бозичаи сунъӣ нест, магар?

Боре аз иди шаҳрӣ Хякуда барои бачаҳояш пуфакҳои сунъии аз об пуркарда оварда буд. Ба пуфак резинкаи мустаҳкам баста шуда буд, ки онро гирифта мисли тӯб бозӣ кардан мумкин буд. Бачаҳо ба зудӣ бозичаро шикастанд. Ҳозир ҳам Хякуда гумон кард, ки ин ҳам мисли бозичаи сунъӣ аст, фақат харобшуда.

- Не охир, ба дарунаш нигоҳ кунед, - ҷиддиёна гуфт Тоё. Хякуда нигоҳ карда, ҳайрон шуд: дар дохили тухм ҳақиқатан ҳам асп намоён буд.

Албатта, бе ёл, бе думу сумб. Дар он ҷо лахтаи кабудчатоб, ба зардии хушкшуда монанд дида мешуд. Агар бодиққат нигоҳ кунӣ, мебинӣ, ки дар ин лахта риштаҳои зиёди сурхи сиёҳтоб, ки ба ҳам печидаанд, ба

якҷо ҷамъ шудаанд, як нақшаро ташкил медиҳанд ва дар маҷмӯъ он ба расми асп табдил меёбад.

Сар, гардан, тан, чор пой… Дар сар чашмҳо гӯё нуқтаҳо баъди сӯзан халонидан… Расми асп гӯё бо қалами тез кашида шуда бошад.

- Ҳақиқатан ҳам асп аст! – бо ҳайрат нидо кард Хякуда ва аз ошхона баромада, дасти Тоёро гирифт. Аспбонҳое, ки беғам дар гирди миз шишта чой менӯшиданд, якбора ҳамаашон аз қафои онҳо шуданд.

- Нигоҳ кунед! Асп! – Хякуда кафи дасти Тоёро бардошт. Рӯйҳои офтобхӯрда, ришдор онҳоро иҳота намуданд.

- Бале, асп… Дар ҳақиқат ҳам… Мисли дар рентген бошад, - ҳайрон шуданд аспбонҳо.

- Аз куҷо пайдо кардӣ? – бо ҳасад пурсид овози ҷавоне. Ӯ саросемавор тамоми ҳодисаро нақл кардан гирифт, Хякуда бошад, ба рӯи ба ҳаяҷон омадаи Тоё нигоҳ карда, ба зудӣ фаҳмид фаҳмид, ки ин партоб аст. Ва риштаҳои зиёде, ки аз он расми асп ташаккул меёбад, чизи дигар набуда, балки рагҳои хунгард мебошанд.

- Фаҳмидӣ! Ин тойча аст. Ана нигаред…

Ва чӣ тавр шуд, ки ӯ аллакай одами пир тавонист то ин дараҷа хато кунад. Мехост бо дандонтозакунак нишон диҳад, ки дилаш дар куҷост, вале пуфак кафид. Нӯги тези он ногаҳон пардаи беранги тухмро сӯрох кард.

Дар кафи дасти Тоё доғи қаҳваранг шино кард. Дигар асп набуд. Хякуда шитобон бо нӯги

дандонтозакунак доғи тори кафи дастро ҷунбонд, вале дар нӯги он пуфаки пучшудаи беҷон овезон буд.

- «То чӣ андоза ман беаҳмиятӣ кардам!» - бо таассуф фикр мекард Хякуда. Афсӯсхӯрии ӯ на аз он сабаб буд, ки беэҳтиёткорона пуфакро нобуд сохт, балки аспро сунъӣ бордор намуд, аммо вай аллакай партоб кард.

Баҳори гузашта ин асп қусур монда буд, чилу як рӯз пеш бо аспи нар ҳамроҳ карданд, вале ҳеҷ фоида накард. Хякуда ва аспбонҳои пуртаҷриба маслиҳат карда қарор доданд, онро сунъӣ бордор намоянд. Дирӯз онро карданд.

Вале, маълум мешавад, ки беҳуда. Асп аз якҷоякунии дуюмӣ бордор шуда будааст. Баъди он ки аз нав бордор карданӣ хостанд аз тарс партоб кард. «Инро бахшидан намешавад!» - фикр кард Хякуда. Баъди си соли кор бо аспҳо ба чунин хатогӣ роҳ додан. Сабаби озурдахотирӣ ҳаст. Аз ин мебарояд, ки ман си сол беҳуда зиндагӣ кардам».

Барои он ки аспсавори хуб шавад дар понздаҳсолагӣ аз хона рафт. Як сол дар ипподроми Токио кори сиёҳро иҷро карду қарор дод аз човандоз будан парвариши аспҳои беҳтар аст. Барои ҳамин сӣ сол пеш ба заводи мазкур омад. Албатта, дар чунин муҳлат аспбон шудан мушкил нест, вале ҳар кор ба Хякуда бо мушкилӣ ба даст меомад. Қарор дод дар кори хурд ҳам бошад, пешрав бошад, ӯ бояд ҳамаашро аз худ намояд, мисли панҷ панҷааш донад. Барои ин вай бисёр кор мекард ва дар ин муддат ҳатто сараспбон шуд. Акнун бо сарбаландӣ метавонист гӯяд, ки дар бораи аспҳо ҳама чизро медонад.

Ва маълум мешавад, ки ӯ то ҳозир иштибоҳи дағале мекунад. Ва боз ҷанини чилупанҷрӯзаро дида, ҳайрон мешавад: «Ту бубин!» Дар ин сӣ сол ӯ бо чӣ кор машғул буд? Имкон дорад, ӯ беҳуда зистааст. Маълум мешавад, то охири умраш устои хурд мемонад. Барои озурдахотирӣ сабаб ҳаст. Беҳуда зист, фақат хастагӣ ҷамъ намуд.

Бо чунин фикрҳои дилгиркунанда ӯ зиёд истода натавонист. Аз ҷангали санавбар наздикиҳои саисхона садои сумбҳо ба гӯш расид. Замин меларзид. Ин аз чарогоҳи боло аспҳо бармегаштанд. Барои машқ се километр даводавӣ карданд, ҳозир бо тамоми қувва ба тарафи хона медавиданд. Аз ин ғалоғула ба тани Хякуда ҷон медарояд. Ӯ фақат дар бораи кор фикр мекунад, чизҳои дигар аз пеши назараш гум мешаванд. Ҳар чӣ набошад, сӣ соли ӯ дар ин ҷода сарф шудааст! Бигузор қуллаҳои баланди онро фатҳ нанамояд, вале то қувват ҳаст бояд ба пеш рафт. Меҳнат ин меҳнат аст! – ҳамин тавр ба худ қувва мебахшид Хякуда.

- Канӣ, наздик биёед! Кӣ якум аст?

Садои ӯ дар аспхонаҳои паҳлӯи ҳам истода акс медиҳад. Аввал тойчаҳо парида баромада, паҳну парешон мешаванд. Баъд аз ин аспҳои мода мебаромаданд. Аспбонҳо онҳоро ба молхонае, ки Хякуда ва аспи нар истодаанд, меоранд.

Бо дасти росташ Хякуда лаҷоми аспи нарро медошт, дар дасти чапаш бошад, варақаи назоратӣ – тамоми маълумот дар бораи аспи мода. Дар кунҷи чапи он номи волидайн ва номи аспи мода ва аспи нар навишта

шудаанд. Аз бар синну сол ишора шудааст, дар боло бошад, рӯзҳо мисли солнома ҳолати физиологии аспи мода рӯз ба рӯз бо чор аломат ишора мешавад.

Доирача нишондиҳандаи ҳолати ба ваҷд омадан, секунҷа ҳолати муқарририро нишон медиҳад. Салибча аз он шаҳодат медиҳад, ки ба аспи мода ҷуфти муносиб пайдо нашуд, ду доирача бошад, аспи мода ҳамроҳ карда шудааст.

Дар давоми сол аспи мода аз моҳи март то июл дар ҳолати ба ваҷдомада мебошад. Албатта, як вақт тамоми аспҳои мода ба чунин ҳолат намеоянд. Аз рӯи варақаи назоратӣ ба зудӣ маълум кардан мумкин аст, ки кадом асп чанд рӯз дар ҳолати ба ваҷомада мебошад. Хякуда дар рӯзи сеюм ё чорум онҳоро ҳамроҳ мекунонад.

Вақте ки аспҳои мода дар пеши молхона ҷамъ меоянд, аспи нар беқарор мегардад, сумм мезанад, бо синааш ба панҷара зер мекунад. Дар он ҷое, ки панҷара ба аспхона наздик аст, мисли девори қалъа мустаҳкам карда шудааст, барои он ки асп синаашро нахарошад, болои тахтаҳо бо хаспораҳои ғафс пӯшида шудааст.

- Рақами якум, Асакири! – ба гӯш мерасад.

- Канӣ, биё! – ҷавоб медиҳад Хякуда.

Вохӯрӣ оғоз меёбад.

Аспи нар бо синааш ба девори бо бурё пӯшидашуда такя намуда, то ҳадди имкон гарданашро дароз мекунад. Агар аспи модаи ба ваҷд наомада бошад, вай аз каллаи аспи нар ду метр пештар истода, рӯй мегардонад, гӯё мегӯяд; ҳатто аз нигоҳ кардан бадам меояд. Вале баъзе

вақтҳо ба вай аспи нар маъқул намешавад, дар чунин ҳолат онро ором мекунонанду наздиктар меоранд. Аввал рӯ ба рӯяш мекунанд, баъд тарафи думашро мегардонанд. Агар аспи мода ҳақиқатан ҳам ба ваҷд наомада бошад, ларзида бо пойҳояш шатта мезанад, вақте ки нафаси аспи нар ба қафояш мерасад, бехудона мегурезад.

Дар варақаи назоратӣ секунҷа пайдо мешавад.

- Ташаккур. Дигарашро биёред! – мегӯяд Хякуда.

Аспи модаи навбатӣ дар аввал ниҳоят ором аст. Шояд аз он сабаб бошад, ки мехоҳад модар шаваду дилаш мулоим гаштааст? Чашмонаш ороманд, равишаш мулоим. Маълум, аспи нар инро мефаҳмад. Ва ботамкинона гарданашро дароз карда интизор мешавад.

Биниҳои онҳо ба якдигар наздик мешаванд. Ва ба якдигар расида шах мешаванд. Ҳаво гӯё ногаҳон ғафс мешавад. Садоҳо дар замин хомӯш мешаванд, танҳо гунҷишкҳо баланд суруд мехонанд. Вақт дар чарогоҳ гӯё истода аст. Аспи нару мода чанд лаҳза дар ҳолати ноҷунбон меистанд. Баъд рӯйҳои дарози онҳо тавассути рухсораҳояшон ба якдигар мечаспанду боз шах мешаванд. Хякуда бо диққат  рафтори онҳоро наззора мекунад.

Чашмони аспи мода тар мешаванд. Аспи нар оҳи чуқур мекашад.

- Фаҳмо, - мегӯяд Хякуда.

Субҳ дар заводи аспарварӣ ҳамин хел оғоз меёбад. Рӯйи аспи модаро тарафи муқобил мегардонанд. Каллаи аспи нар аз гардани ӯ лағҷида, барашро молиш медиҳад, ба дум наздик мешаваду димоғҳо кушода мешаванд…

Тойчаи дар паҳлӯи модари худ ҷафс истода, ҷаҳида дуртар медавад.

Дар варақаи назоратӣ ду доирача пайдо мешавад.

- Офарин! Ташаккур, - мегӯяд Хякуда.

Яке аз паси дигар аспҳо табдил меёбанд. Вохӯриҳо идома меёбанд.

Офтоб торафт бисёртар месӯзонад. Дар варақаи назоратӣ доирачаҳо, секунҷаҳо, ду доирачаҳои навбатӣ гузошта мешаванд. Аз сафедии варақ чашмҳо ба дард меоянд. Даст монда мешавад ва нисфи аломатҳо ба сутунҳои ҳамсоя мегузаранд. Хякуда оташин гашта, ба ангушти мобайни худ туф карда, онро молиш медиҳад. Пешонааш ғарқи арақ мегардад.

Лаҳзаҳое мешавад, ки якбора ду аспи мода бе ягон аломатҳои ба ваҷдоӣ ҳамроҳ карда мешаванд ва инчунин баракс. Ё ин ки ҳам ину ҳам он пайи ҳам ҳамроҳ карда мешаванд. Шонздаҳ аспи мода ба як аспи нар ҳамроҳ мегардад. Дар назари аввал, меҳнати ниҳоят вазнин, вале аспи нар бо ҳар як аспи мода меҳрубон аст ва заррае монда намегардад. Вақте ки аз ӯ рӯй мегардонанд ба қаҳр меояду бо пойҳои пешаш ба тахтаҳо мезанад. Ҳангоме ки навозишаш мекунанд, гарданашро дароз намуда, ба қафо такя карда, лаби болоияшро боло мебардорад. Дар чунин ҳолатҳо дандонҳо ва вораи ӯ ба назар мерасанд. Ӯ механдад. Бесадо механдад, бо тамоми башарааш механдад.

Аз чӣ сабаб ӯ хурсандӣ мекарда бошад? Охир вай ҳамагӣ шуда дар кор ба Хякуда ёрдамчӣ мебошад. Баъди

хатми кор хандӣ ё нахандӣ боз ба аспхона мебаранат. Ва ҳар рӯз ҳамин хел. Вай ҳатто дарк намекунад, ки чӣ гуна нақши хандаовареро иҷро менамояд. Пагоҳӣ боз зери роҳбарии Хякуда бо сари баланд ба молхона меояд, қаҳр мекунад, механдаду хомӯш меистад. Баъд қонеъ аз кори кардааш аз арақ дурахшида ба аспхона бармегардад. Ва ҳамин хел доимо, то рӯзҳои охираш…

Варақаро пур карда, Хякуда тамоми аспҳои модаи бо ду доирача ишора шударо ҷамъ намуда, ба марҳилаи дигари кор шурӯъ менамояд. Сӣ сантиметри қисмати аввали думи онҳоро бо латтаи сафед мебандад, то ки пашмҳо начаспанд, баъд рӯйпоккунро ба оби махсус тар намуда, зери думашонро мешӯяд. Баъд рӯпоккунро ҷафида, хушк мекунад.

Аспҳои мода чашмонашонро пӯшида оромона рост меистоданд, имконият медиҳанд худро шӯянд. Умуман, онҳо хеле кам беқарорӣ нишон медиҳанд, ҳатто вақте ки ба пойҳои ақибашон шиппакҳои ғафси кохӣ мебанданд. Фақат баъзеи онҳо муқобилият нишон медиҳанд, гӯё гуфтанӣ мешаванд: бе инҳо ҳам мумкин аст-ку, ман ҳарифи худро лагад намезанам. Дар охир ба пои ҳама аспҳои мода шиппак мебанданд. Аспҳоеро, ки ба якҷоякунӣ одат накардаанд, иловагӣ бо афзоли асп, ки гардан ва қафо онҳоро дар бар мегирад, мебанданд, то ки бо чор пой ҷаҳида натавонанд. Баъзе аспҳои модаро ба гарданашон чодари брезентӣ мепечонанд, зеро баъзе аспҳои шӯх ёлро бо дандон мегазанд. Инчунин, аспҳои

наре ҳастанд, ки бо як навозиш ором мешаванду беқарорӣ намекунанд. Аспҳо низ ҳар қисм мешаванд…

Аспи модаро аз лаҷомаш гирифта, ба алафзори назди аспхона мебаранд. Агар аз паси вай тойча часпида бароянд, аспбони пири кореягӣ Тян онро дарёб намуда, мегирад.  Ин корро ниҳоят дӯст медорад ва аз ҳама беҳтар иҷро мекунад. Тойчаҳоро бо як маҳорати устодӣ дошта мегирад. Бо дасти чапаш аз гардан гирифта, бо дасти росташ аз зери дум дошта, мустаҳкам пеши синааш нигоҳ медорад. Чунон медорад, ки хурдакони серноз ягон пояшонро ҳам ҷунбонида наметавонанд.

Садои пойзании аспи зотии аз аспхона сар додашуда, ба гӯш мерасад.  Вай ба ваҷд омада, шиҳа мекашад. Модари тойча ба ӯ ҷавоб медиҳад. Тойча бо тарс гӯшҳояшро боло мекунад. Бо кафҳои даст ва синааш ҳис менамояд, ки пӯсти тойча меларзад. Тян ба кори дигарон завқ нишон намедиҳад. Ӯ кӯшиш менамояд, ки тойча модари ба ваҷдомадаашро набинад. Вақте ки тойча кӯшиш мекунанд, баргардад, ӯ бераҳмона думашро мекашад.

- Ба ту мегӯям, исто! Натарс! Ба он ҷо нигоҳ кун, ана баҳр, мебинӣ?

Нишебии теппачаҳои пасту баланди алафпӯш то баҳр тӯл кашидаанд, ки аз дурӣ ба шамолдиҳаки калон кушодашуда, монанд аст. Баҳр аллакай ранги худро гирифтааст ва зери шуъои офтоб нуқрагун ба назар мерасад. Садои дури мавҷҳо шунида мешавад. Тян ба хотир меоварад, ки чӣ тавр модари ин тойчаро савор

шуда, дар соҳили баҳр мегашту мавҷ ба регҳои соҳил зада пароканда мегаштанд. Ин чанд сол пеш буд, гӯё динарӯз бошад. Ба наздики ин тойча ҳам дар соҳил хоҳад давид, баъд ба аспхонаи Токио мераваду то вақти ҷавон аст дар иппадром медавад… Баъд барои давом додани насл ба заводи асппарварӣ бармегардад ва он вақт мефаҳмад, ки сабаби ғурриши замин чисту, чаро модараш ба ҳаяҷон меояд.

Ногаҳон шамоли гарм пушти Тянро молиш дод. Пушти тойча ба ларзиш медарояд. Ба машом бӯи алаф мезанад.

***

- Чӣ хел, омода ҳастӣ? – мепурсад Тоё аз болои ғараме, ки пеши даромадгоҳи аспхона истодааст.

- Омода, - ҷавоб медиҳад Фулен.

- Ман ҳам, - мегӯяд Ая. – Ту чӣ?

- Ман ҳам.

Ин саломи баъди нисфирӯзии онҳо мебошад.

- Хайр, ҳаракат кунед!

- Бале, рафтем.

Мошини хурди борбарӣ дар роҳи пасту баланд даккахӯрон меравад. Дар болояш панҷ халта нурӣ бор карда шудааст. Болои халтаҳо Фулин ва Ая нишастаанд. Ҳар ду дар тан курткаҳои кории якхела ва эзори аз касури[1] доранд. Сарҳояшон бо рӯймолча ва рӯйҳо бо

[1] Касури – матоъ бо нақшу нигори нахӯди камёфт.

рӯйпоккун баста шудаанд. Дар дастҳояшон дастпӯшҳои корӣ ва дар пояшон мӯза доштанд. Танҳо чашмонашон ба назар мерасиданд ва фақат аз мӯйҳояшон фарқ кардан мумкин буд, ки кадоме аз онҳо Ая ҳасту кадомаш Фумӣ мебошад.

Онҳо нуриҳоро ба чарогоҳ мебаранд. Чарогоҳро низ нурӣ мепошанд. Ба он ҷо расида, тахтаи қафоро кушода, роҳравон нуриро бо дастонашон ба замин мепошанд. Мошини борбар дар чарогоҳи васеъ ҳар хел ҳаракат мекунад: давр мезанад, каҷу килеб, пасу пеш, онҳо нуриро пошидан мегиранд, - пошидан мегиранд… Ба назар чунин менамояд, ки кори мушкил нест, аммо кори якранг одамро ба зудӣ хаста менамояд. Камар дард мекунад, дастҳо дар дохили дастпӯшакҳои коргарӣ оташ гирифта-анд, рӯй бошад, гӯё ниқоби қурғошимӣ пӯшида бошад…

Мошинро гусел намуда, Тоё болои ғарам баромада хоб мекунад.

Қариб се соат вақти нимарӯзӣ ҳоло ки аспҳо дар чарогоҳ сар дода шудаанд, то пас омаданашон, - ин ба ғайр аз шаб дар заводи асппарварӣ дарозтарин танаффус аст. Бист аспбон онро ба таври худ мегузаронанд. Оила-дорон ба хонаҳои худ мераванд, муҷаррадҳо дар хобгоҳ ҷамъ меоянд, сёги[1] бозӣ мекунанд, оинаи нилгун тамошо мекунанд, сӯҳбат менамоянд.

Тоё болои ғарам ё пеши панҷара нишаста, каме хоб мераваду чашм кушода, хоболуд ба пеши худ назар

[1] Сёги – шоҳмоти ҷопонӣ.

медӯзад. Ин хел барои ӯ оромтар аст. Ӯ танҳоиро нағз мебинад, аз кӯдакӣ ӯ ба танҳоӣ одат кардааст, ҳатто аз ҳад зиёд.

Тоё аз тақ-тақи боисроре, ки дар наздикӣ бо чизи вазнине ба замин мезананд, бедор мешавад. Пеши чашмонаш пушти хароби аспи ранги хурмоидор пайдо мегардаду гум мешавад. «Ин чӣ аст? Находд пиразан бошад?» фикр мекунад ӯ. Кӣ ба ғайр аз ӯ дар ин вақт метавонад дар аспхона сайругашт кунад?

Тоё номи аслии ин аспи модаро намедонад. Дар вақташ вай дар мусобиқаҳо дар Ито ва Кавасаки мукофотҳо мегирифт. Маълум мегардад, ки ӯ ном дорад. Вале ҳозир касе номи собиқаи вайро ба забон намегирад. Ҳама пиразан гуфта чеғ мезананд, ҳол он ки вай ҳамагӣ ҳашт сол дорад. – ин синну соле нест, ки барои аспҳо давраи пирӣ расад. Аз обрӯи собиқа ном ҳам намондааст. Вай мисли аспи лоғари фартут калавида роҳ меравад, барои ҳамин пиразан номаш мондаанд.

Калавида роҳ гаштани он бесабаб нест. Пойҳои ақибаш ба таври бояду шояд кор намекунанд. Сумби чапашро хунук задаст ва ба чизе кор намеояд. Дар буҷули пои росташ мисли тӯби футболбозӣ варамие ҳаст. Варамӣ баъди кандани раги пой ба вуҷуд омад. Барои ҳамин пиразан қариб бо ду пояш роҳ мегардад. Пой бо сумби касалаш нақши асоро иҷро мекунад. Пои дуюм – варам мисли кафк аз қафо кашолашуда мебошанд.

Дар чунин ҳолат бо ҳамроҳии ҳама ба чарогоҳ рафта наметавонад, барои ҳамин танҳо гирд-гирди аспхона

мегардад. Ҳозир бошад, хушбахтона, Тоёро диду бо талаб бо сумбҳои пойҳои пешаш замини назди ғарамро задан гирифт, мақсад ба ман об деҳ.

«Ана, боз» - абрӯ чин мекунад Тоё. Боре ба пиразани ба дили ҳама зада, раҳм кард, ҳозир ӯро ором намемонад. Дар ягон ҷое, ки ӯ танҳо нишаста бошад, пайдо мекунаду ба талбидан шурӯъ менамояд. Ба дил зад! Ишқи махсусе нисбати пиразан Тоё надошт. Вай модари марҳумашро ба ёдаш меовард. Модарашро бошад, Тоё дӯст намедошт, ҳол он ки нисбати ӯ бадбиние надошт. Бале ӯро ба хотир овардан тамоман намехост.

Пиразан Тоёро ноҳинҷор намекард. Мисли модараш, ки вай дӯсташ намедошт. Ӯ ба ҳоли пиразан мисли модараш раҳмаш меомад ва ғайри ихтиёр нигоҳубинаш мекард. Намехост, вале нигоҳубин мекард.

Зери бинӣ ғур-ғур карда, аз оташинӣ бо забон шараққунон Тоё пиразанро ба назди чумаки аспхона бурда, барояш як сатил об дод. Асп бо завқ об мехӯрд, ӯ бошад дар паҳлӯяш истода, ба тани беранги устухондори вай назар дӯхта, бо раҳм дар бораи тақдири ояндаи асп фикр мекард.

Пои рости ақибашро дар яке аз мусобиқаҳо бо сумби по вақте заданд, ки дар назди марраи пойгаҳ расида буд. Пиразан ғайри ихтиёр мукофоти пешқадамиро аз даст дод. Агар бадбахтӣ ба ҳамин тамом мешуд, вайро ҳамчун захмии дар «майдони разм» ва аспи зотӣ барои зоидани тойчаҳо мефиристоданду ҳозир чунин зиндагонии ҳақиронаро ба сар намебурд. Вале боз як бадбахтии дигар

рух дод. Духтури ҳайвони бемаҳорат, ки дар аспхонаи Токио хизмат мекард, қарор додааст, аспи харобро ба заводи асппарварӣ фиристодан хуб нест. Ва то шифо ёфтани пой вайро ниҳоят зиёд хӯрок додааст. Асп ниҳоят фарбеҳ шудааст, аз сабаби он ки ба пойи касалиаш такя карда наметавонист, ҳама вақт ба пойи чапаш такя менамуд. Ба зудӣ сумби пойи чапро хунук зада, тамоман аз кор баровард. Асп ба ватан бо ду пой, такя мисли асо ба пойи сеюм ва пойи чорумро мисли кафк кашолакунон баргашт.

Вале вай аспи зотӣ буд ва барои исботи зиндагии худ бояд мезоид. Рости гап, дар завод ҳама қарор доданд, ки асп бо ин заифӣ қуввати бардоштани вазни бузурги аспи нарро надорад, агар ҳомила ҳам шавад, тойчаро гардонидан наметавонад. Фақат як Хякуда ҳисоб мекард, ки чун онро пеши ӯ фиристоданд, ӯҳдадор аст сифатҳои беҳтарини ин аспи модаро ба насли оянда гузаронад. Бо вуҷуди ин ки ин бераҳмӣ буд, нисбати асп, Хякуда қарор дод, вайро дар ҳузури соҳиби завод бо аспи нар ҳамроҳ кунад. Дар сурати нобарорӣ роҳҳои дигари гирифтани наслро хоҳад санҷид.

Бо вуҷуди ҳамаи ин Пиразан аспи нарро бардошт кард. Дар он тане, ки аз як расидани дасти аспбон меларзад аз куҷо чунин қувва пайдо шуд!

- Аспи зотӣ, ҳақиқӣ! – кӯтоҳ гап партофт соҳиби заводи асппарварӣ ва бадар рафт.

Соли дигар Пиразан тойча зоид. Ҳозир вай қариб дусола аст ва бо ҳамроҳи дусолаҳо дар аспхонаи дуюм

мебошад. Аз рӯи ҳисобу китоб аз аспҳои зотӣ қафо буд, вале аз ҳама муҳим пойҳо буданд. Чолокӣ камии қувваро пурра карда метавонад. Хайр мебинем, инро мусобиқае, ки дур нест, нишон хоҳад дод. Аз натиҷаи он ҳаёти ояндаи Пиразан, тақдираш ҳал мешавад. Шояд ӯ дар завод монаду боз модар шавад. Ва шояд пойи беморашро мисли кафк аз як аспхона ба аспхонаи дигар кашола карда гардад.

Гумон аст, ки фаро расидани рӯзи ҳал кардани тақдирашро фаҳмида, пиразан обро нӯшиду бо пои бемораш сатили холиро чаппа карда, каллазанон ба алафзор рафт.

Тоё ба ғарам баргашт. Вале акнун ӯ ба болои он набаромад. Вақти холӣ кам монда буд ва хоб тамоман парида буд. Оҳ чӣ хел мехост хоб равад! Ҳамааш аз пушти ҳамин пиразан. Вай буд, ки Тоё модарашро ба хотир овард.

Тоё дер боз фаҳмида наметавонист, ки чаро вақте пиразанро бинад, ҳамон лаҳза модараш ба ёдаш меояд. модараш лоғар набуд. Аммо вақте ки шабҳо хоб рафтанро бас кард, рӯяш хеле лоғар гашта буд. Вале худаш тану тӯши бад надошт. Ланг ҳам набуд.

Фақат ба наздикӣ чӣ шабоҳат доштани онҳоро фаҳмид. Пиразан пойи бемори худро кашолакунон доимо андӯҳгин аст. Ва ӯ мушоҳида намуд, ки ба аспи андӯҳгин назар карда, беихтиёр рӯи ғамгини модар ба ёдаш меояд… Рӯи ӯ, вақте ки субҳидам бармегашт, гӯё ҳеҷ гап нашуда бошад, бо соҳиби хона, савдогари чаккаи аз лӯбиё

пухташуда салом дода, ба флигел дохил шуда, хаста-ҳолона менишасту парешонҳолона ба девор нигоҳ мекард.

Бале, аз кадом ҷиҳате онҳо ба якдигар монанд мебошанд, фикр мекард Тоё. Модар мисли пиразан бори вазнини зурнорас ва «кунда»-и ба чашм нонамоён-ро бар дӯш дошт,. Вале ин чӣ гуна «кунда» буд?

Модар ба сифати раққоса ва ашӯлахон дар деҳаи Калидҳои сӯзон, ки пештар одамони зиёде барои шифо ёфтан ба сарчашмаҳои меомаданд, хизмат мекардааст. Дар он ҷо ӯ пеши меҳмонон бо номи Момоё мебаромадааст, дар ҷавонӣ бошад бо номи Корин дар маҳаллаи шӯхи шаҳри калон баромад мекардааст. Ӯ шунида буд, модар мегуфт, ки он ҷо қимати баланд дошт. Тоё намедонист, ки ҳақиқат аст ё дурӯғ, як чиз ҳақиқат буд: модар аз пушти мардҳо шуда, аз роҳ баромадааст.

Боре модар худаш ба ӯ дар ин бора гуфта буд. Як дафъа ба хонаи онҳо пири ибодатгоҳи Рюгэндзи омаду сёдзи (пардаро) кашида, дуру дароз бо модар сӯҳбат кард. Тоё дар ин вақт назди мурғхона хурӯси заифшударо оби қаламфури сурхдор мехӯронд. Модар бо овози гирёолуд пурсид: «Барои чӣ зан наметавонад гуноҳ содир намояд» Барои чӣ, падари муқаддас?

Тоё намедонист, ки падараш чӣ ном дошт ва ҳеҷ вақт ӯро надида буд. Ва намехост бинаду донад. Аз Худо як чизро таманно мекард: падараш яке аз он мардҳое набошад, ки бо ҳар кор пеши модараш меомаданд. Бигузор аз он меҳмонҳои роҳгузаре бошад, ки модари ӯро дар меҳмонхонаи сарчашмаи сӯзон хоб рафтан наме-

монанд. Агар вай яке аз мардҳое, ки ба хонаашон меоянд, бошад, ӯро бисёр бад хоҳад дид.

Аз баҳори парерсолсар карда, модар шабҳо нағз хобаш намебурд. Кадоме аз мардҳое, ки ба хонаашон меомад доруи хоб хӯрданро ёд ба ӯ додааст. Ва модар ҳар рӯз онро истифода мекард. Тобистони гузашта як кафи онро бо сакэ омехта, фурӯ бурдааст. Баъд аз ҳамон доруxӯрӣ вафот кард.

Модар субҳи тирамоҳ дар ҳавзи меҳмонхона мурд. Ӯ рӯ боло дасту по ба чор тараф партофта, мурда шино мекард. Шикамаш мисли нақора варамида буд. Ба назари Тоё намуда буд, ки ба тани ӯ баргҳои гортензӣ часпидаанд. Вале баъд ба ёд овард, ки гортензӣ ким-кай шукуфтаанд ва фаҳмид, ки инҳо доғи кабуд будаанд.

Ҳамон шаб чун ҳарвақта ӯ доруи хоб хӯрдааст, вале хобаш набурдааст ва ними шаб танҳо ба бассейн рафтааст. Он ҷо дар об дору таъсир кардааст ва ӯ беҳӯш шуда, ғарқ гаштааст. Тоё инро аз коркуни пулисхона ва марде, ки он шаб модар бо ӯ будааст, фаҳмид.

Ҷасади модарро дар ҳавои кушод сӯзонда, қутти хокистари онро дар кунҷи ҳавлии ибодатгоҳ ба хок супурданд.

***

Вақти шунида шудани сигнали радиои маҳаллӣ, ки аз тамом шудани истироҳат хабар медод, Ая дар болои мошини боркаши дар ҳаракат ба пушти Фуми зад.

- Нигоҳ кун-кани! Одамони реклама боз ташриф оварданд.

Фуми ба он тарафе, ки ангушти дастпушаки коргарии аз нурӣ ифлосшуда нишон дода буд, нигоҳ кард. Аз ҷониби баҳр бо раҳи байни чарогоҳ, ки ба аспхонаҳо мебарад, дакка хӯрда чатрҳои сурху кабуд меомаданд. Се зану як мард дар ҳаракат буданд чатрҳо ва пироҳанҳои ҷилодор болои сабзазори чарогоҳ шино мекарданд. Инҳо одамон реклама набуда, балки сайёҳон аз шаҳр мебошанд, гоҳе дар чарогоҳ саланг-саланг мегарданд. Аё ва Фуми онҳоро рекламаи дайду ном гузоштанд. Ба онҳо ранги баланди пироҳанҳои занон маъқул нашуд.

- Онҳо боз худро бо чатрҳо пӯшонидаанд…

Дар завод на танҳо аз офтоб, балки дар рӯзи боронӣ чатр намегиранд.

- Нигоҳ кардан бад меояд!

Фуми як каф нуриро гирифта, ба тарафи онҳо пош дод.

- Бале, нафратовар аст!

Ая ҳам як каф гирифта, ба тарафи меҳмонони шаҳрӣ ҳаво дод.

Баъд аз ин онҳо ба кори дилгиркунандаи худ, ки ду соат боз машғул буданд, шурӯъ намуданд.

Дар ин байн он чор нафар ба аспбонон, ки барои овардани аспҳо аз чарогоҳ равон буданд, баробар шуданд.

- О, салом! Ба кор меравед? – салом дод ба онҳо мард ва бо ангушташ кулоҳи қамиширо боло бардошт. Занон бо таъзим ханда карданд.

Маълум гашт, ки занон аз қаҳвахонаи шаҳр будаанд. Моҳи гузашта дар иди Батоканнон – ҳомии аспҳо аспбонҳо маъракаи покшавиро дар пеши ибодатгоҳи хурди паси аспхонаҳо гузаронида, дар паҳлуи хобгоҳ болои алафзор пардаи сурху сафед кашида, ҷашн оростанд. Он вақт бист зан аз «аробаи тиллоӣ» хизмат мекарданд. Ин се зан низ дар байни онҳо буданд. Мард бошад, мудири қаҳвахона мебошад.

Ӯ аз яке аз аспбонҳо чӣ гуна ба назди Хякуда рафтанро пурсида, ҳамсафарҳои худро ба аспхонаи сеюм бурд. Асбонҳо ҳайрон ба якдигар нигоҳ карданд. Касе лаб инҷ намуд, касе садо баровард, кадоме хандид. Ҳамон вақт дар ҷашн каме нӯшида ба занон ваъда додаанд, ки онҳоро хабар хоҳанд гирифт, вале то ҳол касе ваъдаи худро иҷро накардааст – акнун бояд ҳисобу китоб кард.

- Барои чӣ онҳо омаданд? – пурсид яке.

- Пеши ту не магар? – шӯхӣ кард дигаре.

- Барои ҳисобу китоб кардан омаданд, - эҳтимол кард сеюмӣ.

Дар чунин ҳолат ба онҳо зарур буд, рост ба хонаи соҳиби завод раванд, вале ба назди Хякуда мераванд. Аспбонҳо дар бораи корҳои дигарон фикр карданро як тараф монда, дар чарогоҳ парешон гаштанд.

Дар назди аспхонаи сеюм ҳамин лаҳза барои кори бегоҳӣ омодагӣ мерафт. Ва Хякуда араҷи тани аспи зотиро, ки нав аз давидан, баргашта буд, пок мекард.

- Барои иштирок дар ид ташаккур ба Шумо, - гуфт ӯ.

- Мо ба соҳили баҳр барои дамгирӣ омадем ва барои чанд лаҳза назди Шумо омадем. Ман мебинам, Шумо банд ҳастед?

- Бале, аз субҳ то шом кор мекунем. Ва ҳамин хел тамоми июл ҷавоб дод Хякуда бо кафи дасташ пушти аспро тап-тап карда. Зери пӯсти ҳамвору ҷилодори асп мушакҳои мисли таноб таранг ҷой иваз мекарданд.

- Аспи калон! - гуфт зани гандумгуни дилшикаста.

- Аҳа, -тасдиқ, намуд дигараш, ки бо рухсораҳои варамшуда ба духтарча монанд буд.

- То ин дараҷа калонро бори аввал мебинам!

Зани зебои хушқад хомӯшона башараи аспро аз назар гузаронид Хякуда низ мехост чизе гӯяд.

- Ин асп Сапеда ном дорад. Аспи зотӣ, хуни англисӣ. Ҳашт сол дорад. Се маротиба дар мусобиқаҳои маҳаллӣ ғолиб баромад...ба фаҳмондан шурӯъ намуд ӯ, гӯё дар пешаш хонандагони мактаби хоҷагии қишлоқ истода бошанд.

- Як маротибааш чанд қиммат дорад? - пурсид мудири қаҳвахона. Дар шабнишинӣ бо ҳамроҳии Хякуда як пиёлагӣ сакэ нӯшида буданд ва ҳозир вақте гап дар бораи кори аспбон рафт, ӯ  ба сӯҳбат ворид шуд. Рости гап, ҳангоми шиносшавиашон ӯ дар ин бора аз Хякуда пурсида буд, ҳамаашро медонист, ҳозир бошад ҳамин хел

барои ба ҳайрат андохтани занон пурсид.

- Ҳм! Аз рӯи нархи ҳозира яксаду ҳафтод ҳазор йена.

Занҳо чашм ало карданд.

- Қиммат, рост не? - нақши худро давом дода гуфт, мудири қаҳвахона.

- Як асп яксаду ҳафтод ҳазор қиммат дорад? - ҳайрон шуд хурдаяк, ки ба духтарча монанд буд.

- Не, шухӣ мекунад! Ин аспи нар бист миллион қиммат дорад.

- Як саду ҳафтод ҳазор барои чӣ?

- Як маротиба...

- Чӣ як маротиба?

Мудир аз қаҳр зери лаб пичиррос зад! «Бефаҳм!».

Яке аз аспбонҳо гуфт, ки аспи мода омода аст. Хякуда фармуд онро бароранд.

- Ба куҷо?

Хякуда аз зери кафи даст алафзорро аз назар гузаронд.

- Ана ба он ҷо.

Занҳо дар бораи чизе байни худ гап зада бар-бари девор равон гаштанд. Мудири танҳо монда, бидуни ихтиёр ба таги кулоҳи қамишӣ тақ-тақ мезад.

-Бубахшед, ки мо ногаҳон ба пеши Шумо зада даромадем. Хостем, медонед, каме худро зинда намоем. Танбалӣ боло гирифтааст.

Хякуда нафаҳмид, ки ӯ чӣ мегӯяд. Вале ба насиҳатҳои сокинони шаҳр муносибати мусоҳилакорона дошт. Худаш бошад, дар гапзанӣ усто набуд. Пурсанд

ҷавоб медод. Дар рӯзи ид ин мудир ба назараш марди бокалла намуд, ҳозир бошад ким-чӣ нофаҳмо мегӯяд: чизеро зинда намояд...

- Бифармоед, тамошо кунед,- гуфт ӯ.- Ин кори ман аст. Мехоҳед бубинед, ман чӣ хел кор мекунам, нигоҳ кунед бо дили кушод. Ҳамааш бо хости Худо карда мешавад...

Ва Хякуда оромона табассум кард. Ӯ ҳамеша ором буд, новобаста ба он ки чӣ хел меҳмони калон дар бараш истодааст.

Нурҳои офтоби ба ғуруб рафтаистода, тамоми алафзорро партафишонӣ мекарданд. Хякуда лаҷоми Сапедаро гирифта мебурд, ҳар қадар ба дохили марғзор мерафт,- ҳамон қадар зиёдтар бӯи дилангези алаф ба машомаш мезад.

Аспи мода ором рост истода буд, гӯё муҷассама сарашро поён карда. Се зан дар масофаи бист метр ба девор  такя карда истодаанд. «Занҳо доимо якумин шуда ҷойро мегиранд»,- фикр кард Хякуда.

-Ана ба он ҷо равед. Ин ҷо хатар дорад,- гуфт ӯ баргашта ба мудири қаҳвахона, ки ба ҳама ҷо аз қафои ӯ меомад. Мудир қадамҳояшро суст карда, табассуми ғамгинонае намуда, ба тарафи занҳо рафт. Онҳо бо нӯгчаҳои туфлиҳояшон ба замин зада, дар бораи чизе оҳиста гап мезаданд.

Эй!

Хомӯшӣ.

- Шумо дар он ҷо чӣ кор мекунед?

- Мо суҳбати ҷиддӣ дорем,- гуфт рӯ нагардонида зани ба духтарча монанд.

- Ба ин тараф нигоҳ кунед.

Хомӯшӣ.

- Сар мешавад!

- Чӣ? - пурсид зани гандумгун.

-Баъд афсус мехӯред, ки надидед.

-О, ғам нахӯред.

- Афсӯс мехӯред. Ман медонам-ку.

Зани хурд сари худро байни китфҳояш даровард.

-Мехоҳед баргашта нигоҳ кунед, вале наметавонед.

- Охир он ҷо чӣ аст? - Зани гандумгун зуд баргашту шах шуд.

Аспи нар баланд хеста пойҳои пешашро бардошта, бо пойҳои чапаш заминро меканд. Хякуда лаҷом дар даст аз зери сунбҳои асп хам шуда гузашт. Чунин менамуд, ки аспи нар ӯро кашида, ба ҳаво ҳавола мекунад.

- Ой! Нигоҳ кунед! - бо тарс фарьёд кард яке аз меҳмонҳо.

Дар ин лаҳза Хякуда ғами худро нахӯрда бо тамоми кувва аспро нигоҳ медошт, метарсид, ки вай девона гашта, ба ақиб рафта назанад. Агар каме беаҳмиятӣ карда, лаҷомро суст намояд, асп метавонад ба қафояш нишинаду ба паҳлу афтад ва сараш ба замин рафта сахт занад. Одатан асп дар чунин лаҳзаҳо ҷон ба ҷонофарин месупоранд.

Дар сӣ соли кор дар заводи асппарварӣ Хякуда фақат як бор чунин беаҳмиятӣ кард. Ин муҳимтарин

лаҳзаи кори ӯ мебошад. Сапеда бошад, аз қаҳр ё хуррос мезад ё шиҳа мекашид. Аз даҳони вай кафк мепарид. Ӯро зоҳири аспи мода ба ваҷд меовард.

- Канӣ, биё, биё,- лаҷомро мекашид Хякуда...

Ҳамааш шуда сӣ сония давом кард. Ҳамагӣ як миҷа задан...

Аспҳоро ҷудо карданд. Онҳо хомӯшона ба аспхона рафтанд. Дар дуриҳо баҳр кабудӣ мекард. Зани шикастадил рост истода буд, гӯё чӯбро фурӯ бурда бошад, чашмони калон кушодаи ӯ дар рӯи сафеди кандааш рӯшноӣ мекарданд. Зани зебои хушқомат ба девор бо чунин намуде такя карда буд, ки гӯё ҳодисае рӯй надода бошад. Хурдакак зонуҳояшро оғӯш карда нишаста буд. Мудир дастҳояшро рӯи синааш қат карда, мехост рӯи занҳоро мушоҳида намояд ва акнун бо афсӯс ба худ омада буд.

Алафро каме зер карда, дуртар рафту баргашта фарёд кард.

- Эй!

Зани хурдакак маломатангезона ба ӯ назар кард.

- Тамом шуд.

Зани шикастадил лаб инҷ кард.

- Вақти баргаштан расид, дар акси хол, ба қаҳвахона дер мемонем.

- Равед. Мо расида мегирем.- Зани хурд бе шухӣ хафа шудааст.

Зани зебо каме табассум намуда, оҳиста аз паси мудир равон шуд.

Ду нафари дигар - яке нишаста,- дигаре ба девор такя карда, чанд вақт хомӯш истоданд. Ба алафе нигоҳ мекарданд, ки он ҷо каси дигаре намонда буд.

Охир онҳо дар он ҷо чиро диданд? Диданд, ки дар зери рӯшноии офтоб луқмаҳои  гушт бо фиғон бо ҳам задухӯрд карданд, ларзиданду хомӯш гаштанд. Гӯё онҳоро гирдбоди сиёҳи сӯзон ба рӯяшон заду, нафасашонро танг намуд. Онҳо нафаҳмиданд, ки вай онҳоро сӯрох кард. Барои чӣ ба ӯ имконият доданд,- фикр намуданд онҳо ва парешон дарк менамоянд, ки чӣ гуна хотироти куҳанашон хомӯш шудаанд.

Зани ба духтарча монанд, то ҳол нишаста буд, қуввати хестан надошт. Вай парешонҳолона шаби гузаштаро ба ёд меовард, ки ҳозир мисли акси номаълуми рентген бад ба назараш мерасид. Бозигарии бемаҳоратонаи худ, навозиши мард,- ҳамаи ин барои чӣ? Ӯ ба тани нозуку бепарвои худ раҳмаш омад.

- Ончунон мехоҳам дар баҳр оббозӣ кунам,- гуфт ӯ оҳиста. Ва мисли кӯдаки бегуноҳ дар об боло-боло парида қатраҳои обро пароканда намоям...

- Ман ҳам мехоҳам,-  ҷавоб дод зани хаста бо чеҳраи рангпарида.

Вале вақти баргаштан фаро расид. Баргаштан ба ҳаёти худ. Баҳр бошад, ягон вақти дигар. Вақте ки бори дигар хоҳиши пеши ӯ омадан пайдо шавад. Вале ин кай мешавад, кӣ медонад...

Онҳо мехезанд, сояҳои дарози онҳо ба алафҳо меафтанд.

***

Баъди хӯроки шом савдогари газвор омад. Чун ҳарвақта ӯ дар мотосикл омад ва ин дафъа матои барои юката овард.

Ӯ дар як моҳ як бор меомаду ҳамон чизеҳоеро, ки ба занон зарур аст, аз матоъ сар карда, то риштаю сӯзан меовард. Молҳоро ба мизи ошхона паҳн намуда, ба ин ҷо аз радиои маҳаллӣ шунида, занҳо ва кӯдакони аспбонҳо ҷамъ меоянд. Баъзе вақтҳо зани соҳиби завод низ меояд.

Акнун баъди кор юкатаи навро пӯшида, як пиёла сакэ хоҳем нӯшид. Савдогар каф ба каф зада, аз қуттиҳо юкатаҳоро бароварда ба рӯи миз мегузорад. Як миз камӣ мекардааст. Мизи дигарро мегиранд. Савдогар моли худро таъриф мекунаду кӯдаконро механдонад аспбонҳои ҷавонро таҳрик ва бо занон шӯхӣ мекунад.

Зани Хякуда намедонад кадом матоъро хуш кунад: касурки кабуди-сиёҳтоб ё зангуладорро. Вай ҳам инашро мехосту ҳам онашро. Аммо ин хел мумкин нест. Вай қарор дод барои худ ва барои шавҳараш як либосӣ харад ва аллакай барои шавҳар матои расми нақшҳои сёгӣ доштаро ҷудо кард.

Вай аз савдогар мепурсид, ки кадом рангаш беҳтар аст.

- Ба шумо-чӣ гӯям... Ин ба завқ тааллуқ дорад. Бо зангӯлачаҳо наҷиб менамояд, аммо касури бошад, ҷавон нишон медиҳад, рӯйро тару тоза мекунад. Ҳам ину ҳам онаш хуб мебошанд.

Нархи ҳарду матоъ як хел аст. Вай фикр дорад, чунин матоъ харад, ки баъд пушаймон нашавад. Ва ранги наҷиб ҳам бад нест, онеро ки ҷавон мекунад, дил мекашад, харад. Хуб мешуд агар матоъ ҳам нафис бошаду ҳам рӯйро ҷавон намояд. Вале ин хелааш ба чашм вонамехӯрад. Ӯ қарор дод бо шавҳараш маслиҳат намояд, барои ҳамин ду либосро гирифта, хона омад.

Хякуда назди гулхан нишаста, бо Тян сёгӣ бозӣ дорад. Тян танҳост ва дар анбори зери болохона зяндагӣ мекунад, нонро бошад, бо Хякуда мехӯрад. Аввал оромона хӯрок мехӯранд, баъд як пиёлагӣ сакэ менӯшанд. Сакэро нӯшида истода, ҳар бегоҳӣ як бор бозӣ мекунанд. Тян маьмулан ғолиб мешавад, Хякуда бошад, бештари вақт мебозад, аммо баъзе лаҳзаҳо дуранг менамояд. Барои ҳамин занаш махсус барои ӯ матои расми чубчаҳои сёгидорро хуш намудааст, - шояд барояш муваффақият биёрад?

- Нигох кун, канӣ, чӣ хел юката бароят харидам,- гуфт ӯ матоъро боз карда.

Хякуда ба матоъ нимнигоҳ карду сар ҷунбонд.

- Мебинӣ чӣ хел расм дорад?

- 0-оҳо!

“Зиқ шуд.: хайр ҳеҷ, гап не, медӯзам, шояд маъкулаш шавад”,- фикр кард зан ва пурсид:

Ту чӣ фикр дорӣ, кадомаш беҳтар?

Ӯ ба шавҳараш ду либосро нишон медиҳад. Хякуда боз ба либосҳо нимнигоҳ карда мегӯяд:

- Ҳардуяш ҳам хуб мебошанд.

- Ихтиёр дорӣ. Хякуда ба тахтаи шоҳмот нигоҳ мекунад.

Хайр гӯй. Ман инҳоро аз савдогар қарз гирифтам, ки ба ту нишон диҳам.

Хякуда ба либосҳо нигоҳи норозиёна мекунад.

-Бештараш ҳамоне, ки гулдор аст.

«Яъне ҳамоне, ки расмҳои зангӯларо дорад. Расми латиф. Рости гап, ман ҳам ҳаминро хуш мекардам,- фикр мекунад зан.

Хякуда ин дафъа бозиро бой медод.

Соати ҳашт охирин хӯрокдиҳӣ мебошад. Сакэро нӯшида, Хякуда бо ҳамроҳии Тян аспхонаҳоро давр зада, дар назди анбор бо Тян хайрухуш карда, ба хона бармегардад.

Пиёла аз сакэ пур шуда буд.

- Ин чӣ аст? - аз занаш мепурсад Хякуда. Вай мисли духтар механдад:

- Нӯш барои саломатӣ.

«Аҷиб! Ҳама вақт як пиёла мерехт. Акнун бошад, дуюмашро мондааст. Ҳол он ки баъзе вақтҳо ду пиёла бошад, бад намешавад»,- фикр мекунад Хякуда. Дар ин байн занаш беист дар бораи зани кӣ чӣ харид, аспбонҳо чӣ гирифтанд, нақл мекард. Ҳамаи хабарҳоро гуфта тамом карда, барои хобонидани бачаҳо, ки дар ошхона ғалогула доранд, рафт.

- Ҳамин лаҳза радиоро ба кор медароранд. Хоб кунед!

Ӯ бачаҳоро ба утоқи ҳамсоя пеш намуда, машғули

рӯбучини ошхона мешавад, ки садои дикторро мешунавад: «Коркунони азизи заводи асппарварӣ! Касоне ки дар хобгоҳ зиндагӣ мекунанд ва касоне, ки дар аспхонаҳо мебошанд. Ҳозир соат нуҳ аст. Вақти хомӯш кардани барқ расидааст. Имрӯз рӯз ба хайр гузашт. Ташаккур барои меҳнати хуб».

Радио хомӯш мешаваду заводи асппарварӣ ором мешавад. Аз дуриҳо садои мавҷҳо шунида мешавад.

- Ҳой! - ҷеғ мезанад Хякуда.

- Чаро ӯ ин хел? - фикр мекунад зан. Бо ангуштҳои тараш мӯяшро дуруст карда дарро мекушояд. Шавҳар чароғро паст карда, аллакай дар ҷойгаҳ дароз кашидааст. Зан ҳаял кард - аз чӣ бошад, ӯ ки ногаҳон даъват кард.

- Ба ту чӣ лозим? - мепурсад зан тавре вонамуд менамояд, ки чизеро намефаҳмад.

Хякуда асабӣ аст. Қавоқ андохтааст. Ман ҳоло рӯбучин накардаам. Каме интизор бош.

«Хомуш аст. Хафа шуд магар? - фикр мекунад зан.

- Ҳой! - фарьёд мекунад шавҳарашро.

Ҷавоб нест. Чароғи калонро дармегиронад. Ӯ чашмашро нимпӯш карда ба паҳлӯи дигар мегардад. Вай ба болои сараш омада, ба рӯяш хам мешавад. Ӯ хоб аст. Зан бо қаҳр ба пушташ тела мекунад. Ҳамааш беҳуда. Шавҳар хоби сахт рафтааст.

Маълум мешавад, ки дар хобаш ғур-ғур кардааст? Ё ин ки ба назараш намудааст?

Зани Хякуда чароғро пасттар карда, бо рӯи турш ба ошхона баргашт. То охири июл, то тамом шудани давраи

ҷӯшу хурӯши кор ҳамин хел хоҳад шуд. Бояд тоқат кард. Мард, ки то ин андоза банд аст, бояд тоқат кард.

Пеш аз он ки хоб равад, як дафъаи дигар харидаҳояшро бароварда тамошо мекунад. Чанд сол аст, ки ҳамин тавр завқ мебарад, то касе матои мақбулгаштаашро набинад. «Бояд боз барои як юката аз матои кабуди сиёҳтоб мехарид», вале ҳамин лаҳза барои чунин фикраш худро маломат мекунад. Бармехезад, матоъро ба китфонаш партофта, ба оинаи дар сутун овезон нигоҳ мекунад. Аммо оина хурд аст ва ӯ тамоми қадашро намебинад. «Афсус» - фикр мекунад ӯ. Тирезаро кушода ба оинаи торики он нигох, мекунад. Ҳозир беҳтар. Матои рӯшани юката хира ба назар мерасад, вале дар оина дида мешавад. Ӯ матоъро мисли кимонои шабона поён мефарорад. Саросема нашуда, давр мезанад ва худро аз назар мегузаронад. Баъзан торикии шабро дурахшҳои баланди фонусҳои баҳрӣ равшан мекунанд.

**ш. Кобул,**
**28 октябри с.1988**



# О Т А Ш А К И  Г У М Р О Ҳ

## I

Чана бо тӯдаи ҷавонони сархуш, ки ким-кадом суруди халқиро замзама мекарданд, аз дараи ҷангали пуранбуҳи дарахтони олаш ба соҳили ҳавз парида баромаду болои оби ороми кӯл, ки дар иҳотаи кӯҳҳо қарор дорад, садои сарди зангӯлаҳо паҳн шуд. Соҳилҳои кӯл ба яхкунӣ шурӯъ намудаанд ва қисмати мобайнии он акси осмони зимистонро дар худ таҷассум намуда, фақат

як бахши об, ки назар ба тобистон пасттар шудааст, сиёҳӣ мекард.

Аробакаш дар пой пойафзоли пахолии барфгардӣ ва болопӯши аз пӯсти саг дӯхташудаи беостин дар тан ҷилавро кашида, фарёдкунон аспҳоро ба тарафи бандар давонд. Чанаҳои пӯшида бо нолиш болои барф ҳаракат карда, қат мешуданду аз ароба чирроси дилхарош ба гӯш расид.

Дар чана се ҷавони сархуш ва ду духтари ҳамон синну сол инчунин як марди ҷавону зане нишаста буданд, маълум набуд барои чӣ дар чунин вақт ба тарафи кӯли кӯҳи, ки саросар зери барф мебошад, равонанд. Фарёди яке аз духтарҳо баланд шуд: вақте ки чана ба як паҳлӯ хам гашт, ӯ ба китфи ҷавон афтод, ҷавон бошад, духтарро ба оғӯш кашид.

Ҳар се аз маҳфили ҷавонони шаҳраки Хотаро воқеъ дар он тарафи кӯл буда, ба шаҳрчае, ки дар водӣ қарор дорад, барои овардани пардаи театрӣ барои шабнишинии солинавӣ равон буданд. Дар роҳ, ба назди шиносашон даромаданд ва он ҷо араққи дастӣ нӯшиданд. Дар гирди бӯғчаи пардадор нишаста, онҳо бо тамоми овоз гулӯ дарронда суруд мехонданд, бо якдигар шӯхиҳо мекарданд ва ба одамони ношиноси дар кунҷи ароба нишаста, аҳамият намедоданд.

Дар давоми ду соати ҳаракат аз стансияи шаҳрӣ марду зан ягон бор гап назаданд, фақат зан гоҳ-гох, аз марди бо кампал печонидашудаю сараш дар болои зонуҳояш буда, мепурсид: «Чӣ хел? Сард нест? Мард

баъзан дар зери кампал сулфа мезад. Ин сулфаи сабук буд, агар сулфаро шурӯъ мекард, ба зудӣ ором шуда наметавонист.

Вақте дид, ки садои зангӯлача хомӯш гашт, зан аз паси парда сар бароварда, оҳиста мардро таккон дод:

- Ото-сан! Кӯл. Кӯли Дзиппэки.

- Расидем? Хайрият! - Мард каме сарашро бардошт, вале сулфа заду боз рӯяшро ба зонуҳои зан поён кард. Зан оромона пушти ӯро молид.

Аз бандар на он қадар дур дар болои барф як чанд хона ба назар мерасид. Дар болои онҳо лавҳаҳои дӯконҳои молҳои ёдгорӣ дида мешуд, аммо тирезаҳо бо тахтаҳо маҳкам буданд ва аз будан ё набудани одамон чизе шаҳодат намедод. Дар назди бандар дар байни қаиқҳои моҳигирӣ як пароходи сайёҳӣ бо паҳлӯҳои кандагӣ меистод.

Вақте ки чанаҳо ба назди истгоҳи киштиҳо наздик шуданд, ба саҳни пароход марди синну солаш рафта, ки дар тан камзӯли халтамонанд дошт, баромад. Шояд вай аз кампали аскарӣ, ки аскарҳо баъди хатми хизмат бо худ мегиранд, дӯхта шуда бошад.

Дуюмин зимистони баъди ҷанг мегузашт. Яке аз ҷавонҳои чанаи ҳаракаткунанда дар тан камзӯли кӯтоҳи баҳрнавардӣ дошт, дигараш шими комбинзони тобистониро пӯшида буд, дар гиребони яке аз духтарҳо шарфи аз абрешими парашют сохташуда, овезон буд. Аробакаш бошад, дар тан либоси кӯҳнашудаи аскарӣ дошт.

Ҳамсафарони ношиноси онҳо пас аз ҳама кампалро ҷамь карда, поён шуданд. Дар тани зан болопӯши кабуд, шими сиёҳ ва мӯзаҳои резинии мардона будааст. Дар китфаш сумкаи санитарӣ овезон буд, дар дасташ бошад, бӯғчаҳои калон дошт. Мард ба ғайр аз кулоҳи аз пӯсти заргӯш дӯхташуда, тамоман либоси аскарӣ дар бар дошт, бо аробакаш ҳисобӣ кард. Ӯ рангпарида ва рухсораҳояш хамида буданд ба назар 22 сола менамуд. Зан се-чор сол калонтар ба назар мерасид, вале рухсораҳои ӯ суфта ва таранг буданд. То пулҳои майдаро ҳисоб кардани аробакаш зан бо чашмони сиёҳи зиндааш пушти араққардаи аспро тамошо кард.

Вақте ки онҳо ба киштии хурд баромаданд, капитан комбинзони халтамонанд дар тан бо ҳайрат ба онҳо нигоҳ карда, пурсид:

- Ба Хотару меравед? Мо ба ягон ҷои дигар намедароем.

- Бале, мо ба Хотару меравем. Моро ҳамроҳ гиред,- гуфт зан.

Тирезаҳои киштиро бо тахтаҳо мех зада буданд, дар фарш бошад, ба ҷои татами бурёҳои хасини дарида партофта шудаанд. Ҷавонҳо буғчаи пардадорро партофта, ба кучҷое рафтанд, зан бошад мисли дар чана дар кунҷи каюта аз кампал ҷойгаҳ, партофту мард дароз кашид. Ӯ хост дарро пӯшад, вале каюта дар надоштааст. Зан бо кампали худ мардро печонид, худ ба девор такя карда, сари мардро ба болои зонуҳояш гузошт.

Пароходча каме таккон хӯрда, аз ҷои истгоҳаш

ҳаракат кард. Аз ҷои дари набуда, ҳамоно шамоли сард зада медаромад. Зан гиребони болопӯшашро боло намуда, сарашро хам кард. Капитан хибати дар даст дохил шуд. Вай аз қуттии холии консерва сохта шуда ҳавобаро дошт.

- Фикр кардам, ки мусофирон хунук мехӯранд...

Зан ҳайрон шуда, ташаккур гуфт.

- Ото-сан! Хибати оварданд. Дастонатро гарм намекунӣ? – пурсид ӯ.

Мард аз зери кампал сар баровarда, ба капитан гуфт: Барои таваҷҷӯҳатон ташаккур ва боз сар гузошт. Маълум буд,  ки дастонашро ба тарафи оташ дароз кардан мушкил аст. Капитал сигари америкоиро баровarда, дар оташдони хибакӣ даргиронд.

- Фақат ҳамин хелаш ҳаст...Намекашед?

Мард хост чизе гӯяд, вале сулфа намуд, зан ба ҷои ӯ ҷавоб дод:

- Ӯ сигор намекашад.

Ин ҷо як афсари қувваҳои ишғолкунанда шавқманди шикор кардан аст, тирамоҳ, тез-тез бо мошини худ меомад,- фаҳмонд капитан.- Аскариро ба наздикӣ тамом кардед? - Ӯ бо марди хобидаи чашмпӯшида сӯҳбат оғоз намуд.

- Бале,- ҷавоб дод мард ва шармгинона табассум кард.

- Дар кадом қитъаҳо хизмат кардед?

Мард  номи полки пиёдагардеро, ки дар шаҳри наздикиҳои ин ҷо воқеъ аст, ном гирифт. Капитан ҳайрон шуд «Писари дӯсти айёми кӯдакиаш дар ҳамин полк

хизмат мекард ва ҳозир дар ин ҷо, дар шаҳрчаи мо зиндагӣ мекунад. Кайҳо баьди тамом шудани ҷанг ҷавоб шуда буд,- фикр кард.

-Аз чӣ бошад, хеле дер кардед.

- Ӯ ба аз ҳодисаҳои махсус марбут мебошад, - шитобон зан гапро бурид.

- Ӯ хеле зиёд дар шифохона хоб кард. Фақат парерруӯз ҷавобаш доданд.

- Парерӯз? - Капитан бо ҳайрат ба мусофирон нигоҳ кард.

- Ин чӣ, яьне шифохонаҳои низомӣ то ҳол вуҷуд доранд?

- Не, ҳозир ин шифохонаи давлатӣ мебошад, вале он ҷо шумораи беморони аз давраи ҷанг омада, зиёд аст.

- Ин ҳам ҳақиқат аст! Артиш аз байн рафта бошад, ҳам беморҳо наметавонанд гум шаванд. Шумо, ки тоза аз шифохона баромадаед, шояд бароятон сайру гашт кардан душвор бошад, махсусан расидан ба ин сурохии сарди Дзиппеки.

Мард бо чашмони пӯшида дароз кашида буд, зан бо дастони хомӯшона ба хибати дарозкардааш нигоҳ мекард.

- Шумо аз идораи параход дур шудед, чизе намешавад? Зан ба капитан назар духт.

- Ман се ёрдамчии ҷавон дорам,- хандид капитан.

Эҳтимол пароходро ҳамон се баҳрнаварде, ки дар саҳни он дида буданд, идора мекунанд.

- Шумо ба куҷои Хотару меравед,- пурсид капитан.

- Ба меҳмонхонаи Когэтсу, ҷавоб дод зан.

- Хешу табори Тори-сан ҳастед?

- Кадом Тори-сан?- зан бо ҳаяҷон ба марди дарозкашида чашм дӯхт.

- Бале Торекура-сан! Ҳамоне, ки дар меҳмонхонаи Когэтсу кор мекунад.

- Не. Зан сар чунбонд.

- Маьлум мешавад шиносҳои зани ӯ

- Не.

- Дар чунин ҳолат... Капитан бо ҳайрат аз зан чашм наменканд.

- Ба ғайр аз оилаи Торекура дар меҳмонхона каси дигаре кор намекунад?

Зан нобоварона ба капитан нигоҳ, кард. - Он ҷо хизматгор ҳаст?

- Хизматгор? Ҳамаи хизматгорзанҳо соли гузашта аз он ҷо рафтанд.

- Рафтанд? Ба куҷо охир?

- Барои пул кор кардан. Ба ҳар тараф, хизматгорҳои меҳмонхонаҳои наздисоҳилӣ барои як зимистон ба чашмаҳои гарм рафтанд. Истода ин ҷо чӣ ҳам мекарданд, охир ҳамаи меҳмонхонаҳо баста мебошанд.

Зан тамоман безобита шуд. Аз капитан чашм наканда, зан оҳиста марди болои зонуҳояш хоббударо таккон дод.

- Ин ҷо чӣ хеле ки мебинед, кухҳо мебошанд - давом дод капитан. Ҳамин ки марҳилаи хазонрез гузашт, давраи туристӣ тамом мешавад. Аз моҳи ноябр сар карда, автобусҳо дигар намегарданд. Ва баъди боридани барф

алоқа тамоман канда мегардад. Аз ин ҷо фақат бо лижа ё бо чанаҳое, ки шумо омадед, баромадан мумкин аст. Чанаҳо аз тариқи дарраҳои чуқур ва вақти набудани шамол, наборидани барф мераванд. Шумо бахт кардед.

Дар бораи он ки бахташон омад кард, дар стансияи шаҳр яке аз хизматчии он ҷо низ гуфта буд. «Чӣ тавр ба кули Дзиппэки рафтан мумкин аст?»,- ба стансия омада, пурсиданд аз ӯ. «Дар чунин вақт ба кул?» - аз ҳайрат чашм ало кард хизматчии стансия, Аммо дар як тарафи вокзал чанаҳои омодаи равон ба тарафи кӯлро дида, табассумкунон гуфт:

- Ба шумо омад кард. Аз аробачӣ хоҳиш кунед. Дар ин ҷо чанаҳо рӯзе мешаванд, ки дар бандар пароходи ба Хотару мерафтагӣ истода бошад. Фақат намедонам, ки аз он тараф чӣ тавр бармегардед».

Бале ба онҳо омад кард, онҳо ба Хотару мераванд, вале ин чӣ омади кор аст, агар шахсе, ки пеши ӯ равонанд, дар он ҷо нест?

- Яъне, Шумо ба назди меҳмонхонаи Когэтсу меравед,- гуфт капитан.

- Бале, номи ӯ Теэрада Тами аст. Аз ман як сол калон аст, - гуфт зан ва илова намуд:- Хоҳари ӯст, Тами-сан.

Мард сулфа заду, хеста болои ҷойгах нишаст. Капитан ба оташи Хибати пуф кард, гуё ҳамин лаҳза фаҳмид, ки он хомӯш шудааст, рӯяшро аз хокистари сафед гардонида гуфт.

- Теэради Тами...Ман дар шифохонаи Когэтсу набудам. Даромада бинед. Шояд хоҳар истодаасту, шуморо интизор аст.

- Агар набошад, Тори-сан хоҳад гуфт, ки ӯ дар куҷост.

- Бояд рафта кадоме аз ҷавононро иваз намоям, ғурғуркунон капитан аз каюта берун шуд.

Марду зан хастаҳолона ба девор такя зада, якчанд вақт хомӯшона ба  даре, ки капитан баромада рафта буд, нигоҳ, карда, дар бораи як чиз фикр мекарданд. Чӣ хоҳанд кард, агар дар ҳақиқат Тама дар меҳмонхона набошад? Онҳо сари худро ба куҷо хоҳанд зад?». Онҳо ба хубӣ мефаҳмиданд, ки маҷбуранд инро ба якдигар гӯянд, агар нигоҳҳояшон ба ҳам вохӯранд ва аз гӯшрас гуфтани ин гапҳо метарсиданд.

Садои мотор, шалапи об, шарах-шарахи шамол, ки аз сӯрохиҳои тахтаҳои тирезаҳои маҳкамшуда медаромад, ба гӯш мерасид, аммо маълум набуд, ки дар кадом тарафи кӯл пароходча ҷойгир аст. Аз сӯрохии дар қуллаҳои нӯгтези сафеди кӯҳҳои наздик ва оби сиёҳнамо ба назар мерасид.

- Сима-сан,-баногох, ҷеғ зад мард.

Зан як ларзиду ба ӯ нигоҳ, кард. Ӯ мисли пештара ба сӯрохии дар нигоҳ  дошт. Зан диққати худро ба он тараф гардонид.

- Чӣ?

- Вақте ки дар гавани зиндагӣ мекардӣ ба ту имконияти соҳилро аз баҳр дидан ба даст омада буд? -

пурсид мард.

Зан каме истода ҷавоб дод:

- Не, имконият нашуда буд.

- Ман бошам, дидам.

- Ту охир моҳигир ҳастӣ.

- Ба ин ҷойҳо монанд аст.

- Монанди Саприкуи[13] мо?

- Бале, вақте ки аз баҳр менигарӣ.

Соҳили Санрику шухдору бенуру воҳиманок буд ва бисёр ҷойҳояш саросер ба поён мерафт.

- Ҳангоми оромии пурраи ҳаво, вақте ки аз қаиқ ба соҳил нигоҳ мекунӣ, айнан чунин манзара мисли ин ҷо ба назар мерасад. Бисёр монанд.

- Ман бошам, фикр кардам, ки дар бораи чӣ ту якбора...- пичиррос зад зан ва ҳамоно хомӯш гашт. Барояш аҷиб намуд, ки мард, ҷойҳои барояш азизро ба ёд овард, ӯ табассум намуд ва чашмонаш аз ашк сероб шуданд.

## II

Сима ва Отодзи аслан аз шаҳрчаи наздибаҳрии ноҳияи Саприку буданд.

Сима духтари соҳиби ошхона моҳифурӯшӣ буд, Отодзи бошад, бачаи моҳигир, ҳамешаҳозири ин ошхона буд. Дар кӯдакӣ ӯ бо хоҳараш Тами якчанд бор ба ин ҷо омада буданд, аммо на ба меҳмонӣ, балки барои гирифта

---

[13] Саприку - соҳили шимолӣ-шарқии ҷазираи Хонсю

бурдани падар, ки аз нӯшидани зиёд дар паси миз хобаш мебурд.

Падари Отодзи аз ҷавонӣ дар майнушӣ ном баровварда буд ва махсусан, баъди вафоти модари Отодзии панҷсола, ки ҳангоми таваллуд дунёро тарк гуфта буд, тамоман лаҷом аз даст сар дод. Масту аласт шуда, ким дар кучаҳо гум шуда мегашт. Вақте ки падар дер боз ба хона барнамегашт, касе аз ҳамсояҳо, ки ӯро дидааст, дод мезад: «Падари шумо боз аз ҳад гузаронидааст!». Дар ҳавои бад соҳибхоназанҳо аз дуконҳо баргашта, хабар медоданд: «Падари шумо дар бешаи бамбукҳо саланг-саланг гашта истодааст». Ин маънои онро дошт, ки ӯ маст дар бандар калавида гаштааст, мисли паланг дар бешаи бамбукҳо.

«Ана боз!» - бо афсӯс фикр мекарданд Отодзи ва Тами ба кӯчаи қаҳвахонаҳои бандарӣ давида, падари худро ҷустуҷӯ мекарданд. Онҳо хона ба хона ӯро мекофтанд, аксарияти вақт падари мастро аз ошхонаи Сима меёфтанд, вале баъзе вақтҳо ӯ дар ягон тарабхонаи дигар мебуд. Дар даромадгоҳи хонаи Сима мисли дигар хонаҳо пардаи аз банд сохташуда овезон набуд, балки норэни дарози кабуд бо иероглифҳои сафед «Масутоку» овезон буд. Вақте ки Отодзи мактаби ибтидоиро хатм намуд, ӯ ба паси ин  парда даромадан шарм медошт. Ӯ фикр мекард: «Сима шояд нисбати ман нафрат надорад?».

Сима хеле кам ба ошхона мебаромад. Фақат як дафъа модараш дар  бораи  одати бади падар дар ҳузури ӯ гуфт: «Мо шароб мефурӯшем ва вақте онро мехаранд мо

хурсандем, вале Ёкити ҳар дафъа рафта истода, рӯяшро бо парда пок мекунад. Чӣ қадаре нӯшад, ҳатман рӯяшро пок менамояд. Барои ҳамин ман барояш рӯпокун овезон кардам».

Отодзи сурх шуд, худро дар назди Сима ноҳинҷор ҳис кард. Ӯ хомӯшона табассум намуд.

Аз ҳамон вақт Отодзи фикр мекард, ки Сима нисбати ӯ нафрат дорад. Вале ба зудӣ ин фикр дигар азобаш намедод. Тирамоҳ, ки ӯ аллакай дар мактаби миёна мехонд, падараш дар баҳр ғарқ, шуд.

Отодзи ва Тами сағир шуданд, аммо аз марги падар ғамгин гашта, Отодзи дар вуҷудаш сабукие ҳис намуд, зеро падар тарзе, ки моҳигири ҳақиқӣ мемурад, ҳалок шуд, на аз арак.

Сима бистсолагиро пур карду ба меҳмонхонаи шаҳри калон ба кор даромад. Отодзиро бошад, хешовандоне, ки дар шаҳрчаи бандарӣ зиндагӣ мекарданд, гирифтанд. Акнун ӯ бо меҳрубонӣ дасти вазнини падарашро, ки дар зиндагияш барои ӯ чӣ қадар бадбахтиҳо овардааст, ҳам нафаси гарми ӯро ба ёд меовард. Ва каме ғамгин гашт, ки на пардаи даромадгоҳи ошхона «Масутоку», на соҳибхоназани он ва на Симаро мебинад. Вале мактабро хатм карда, моҳигир шуду акнун ҳам падару, ҳам Симаро хеле кам ба ёд меовард.

Баъд дар бадали се соли зиндагӣ дар бандар ӯ ду маротиба Симаро дар ҷойҳои тамоман тасодуфӣ вохӯрд.

Боре аз моҳигирии шабона бармегашт, бо сабади вазнин дар пушт пои луч дар соҳил мерафт, аз назди

корхонаи киштисозӣ на он қадар калон, пеши қаиқи сохтаистода, ки қолиби он дар торикӣ базур сафедӣ мекард, мегузашт, ки ногаҳон овози занонаро шунид: «Раҳм кунед!». Садои даридани матоъ ба гӯш расид ва аз торикӣ зане дар тан юкатаи сафед давида баромад.

-Ҳой, Сима, исто! - фарёд кард ӯро овози дағали мардона. Зан хомӯшона аз паҳлӯи Отодзии истода, қариб бо китфаш расида, давида гузашта рафт. Насими шамоли аз давида гузаштани зан пайдо шуда буд ё дар ҳақиқат китфаш расид, ки зангулачаи кӯтоҳи ходаи дохили сабад оҳиста занг зад.

Садои зангулачаро шунида, марди костюми варзишипӯш, ки занро таъқиб мекард, истод ва як муддат онҳо хомӯшона чанд қадам дуртар муқобили якдигар истоданд.

- Ту кӣ ҳастӣ? - дар охир пурсид мард бо овози гирифта.

-Ман таҳҷоӣ, аз говани. Аз моҳигирии шабона баргашта истодаам,- гуфт Отодзи.

Аз қаҳр забонашро қирс-қирс карда, мард регро пош дода, дур шуд ва дар байни хонаҳои қаиқҳо нопадид гашт.

«Ин ҳамон Сима аз ошхона  нест магар?» - бо бадбинӣ фикр кард Отодзи ва ба ҳар тараф туфкунон рафт. Овози мард низ барояш шинос намуд. Ӯ ба ёд овард, ин писари Курихара, соҳиби шабакаҳои моҳидорӣ, ки дар Токио дар донишкада мехонд.

Ва як бори дигар Отодзи Симаро дид.

Ӯ карор дод бахти худро дар тарафи бегона санҷида

бинад ва бегоҳӣ пеш аз сафари пулкоркунӣ ба шаҳри Тёси ба префектураи Тиба барои дуохонӣ ба ибодатгоҳ даромад. Аз ибодатгоҳ баромада, саросема нашуда, бо бешазори олуи паси ҳайкали бахшида ба аскарони шаҳидшуда роҳ мерафт, ки дар поён аз ибодатгоҳ шароққоси арғунчаки боғи хурдро шунид. Ин садоҳоро ӯ аз кӯдакӣ медонист, ягон чизи махсусе надоштанд, вале ҳозир, ки ӯ аввалин бор дар ҳаёташ гаванро тарк мегуфт, онҳо барояш чунон азиз намуданд, ки Отодзи ба охири беша омада, ба поён назар кард. Дар арғунчак пироҳани оддии сабзи зардчоби Сима алвонҷ мехӯрд.

Дар боғ каси дигаре набуд. Сима танҳо дар арғунчак алвонҷ, мехӯрд ва шароққоси он, аз чӣ бошад, дили ӯро ба ҳаяҷон овард. Отодзи фикр намуд, ки ӯ касеро интизор аст. Ҳамон лаҳза ба сараш номи писари Курихара омад, вале ӯ ҳозир ин ҷо буда наметавонист, то таътил ҳоло вақти зиёд буд.

Ҳиссиёти аҷоибе Отодзиро фаро гирифта буд. Симае, ки синнаш аз бист гузашта буд, ҳозир ба назараш духтарчае менамуд, ки ҳамсолонаш дар бозӣ аз ӯ рӯй гардонидаанд. Ин тамоман он зане, набуд ки боре шаб бо фарёди «Раҳм кунед!» аз дасти мард бадар рафта, бо домани дарида дар соҳил медавид. Вай Симаю ин мисли шабу рӯз ба якдигар монандӣ надоранд. Ким-чӣ хел номаълум аст ӯ, фикр кард Отодзи.

Ӯ дар Тёси қариб се сол буд ва ҳар гоҳе ватани худро ба ёд меовард, пеши назараш қомати Сима бо пироҳани оддӣ дар арғунчак меомад, ба гӯшаш шароққоси шинос

мерасид. Ба тани Отодзи ҷон медаромад, ким-чизи ширинеро ҳис мекард. Ӯ фикр карда наметавонист, ки ҳамаи ин ба Сима алоқа дорад, вале симои Сима ба лаҳзҳои ширини ватан пайваст аст.

Пеш аз ба аскарӣ рафтан муоинаи духтурро гузашта, Отодзи фикр кард: як ба ошхонаи «Масутоку» дароям-чӣ? Ӯ хост ба ҳамон курсии зери пештахтае, ки «Гурбаи ҷалбкунанда» истода буд, он ҷое ки падараш дӯст медошт, нишинаду мисли ӯ як пиёла сакэ нӯшад. Отодзи ноаён ба мард табдил ёфта буд ва гоҳе менӯшид.

Вале баъди чандин вақт баргаштан ба ин шаҳрчаи хурд дар соҳили Санрику, Симаро наёфт. Моҳигире ҳамроҳи ӯ муоинаи духтурро гузашта гуфт, ки Сима ба писари Курихора зан шуданро нахостааст, барои ҳамин дар шахр истодан наметавонист. Инчунин овоза буд, кӣ ӯ аз Курихора ҳомиладор шуда, барои партоби он аз шаҳр ғайб задааст.

Майли ба ошхона даромадан гум шуд ва ҳол он ки дар давраи ҷанг фурӯхтани арақ, мушкил гашта буд, «Масутоку» ба ошхонаи оддӣ табдил шуда буд ва он ҷо оши бурида ва биринҷи дар об пухташударо бо сабзавот медоданд. Ба ҷойи норэни кабуд дар болои даромадгоҳ навиштаҷот овехта буданд, пеши дар барои эҳтиёт аз сӯхтор бочкаи об меистад, зери карниз бошад, барои хомӯш кардани алангаи оташ чӯб овезон буд.

Даъватнома ба хизмати аскарӣ барояш аввали баҳори соли чилу чорум омад. Отодзи ба полки пиёдагарде, ки дар қалъаи кӯҳнаи шаҳрчаи қисмати

ғарбии соҳили Токону ҷойгир аст, ба хизмат омад.

Отодзи аз кӯдакӣ ягон бор ба таври ҳақиқӣ касал нашуда буд. Дар назар ӯ хурдустухону лоғар менамуд, вале баданаш ба меҳнати вазнин одат карда, ба мушакҳои таранг табдил ёфта буд.. Дар аскарӣ ӯро ягон таъдил тарсонида наметавонист, фақат гуруснагӣ азобаш медод.

Боре тобистон дар гармии сӯзон ҳангоми дарси ҷанг бо найза аз гуруснагӣ сараш чарх заду ҳангоми афтидан, милтиқи командирро, ки дар замин хобида буд, зер кард. Командир ӯро шаттакорӣ намуд. Баъд маҷбураш сохт бо ӯ ҳарбу зарб намояд, милтиқашро зада афтонид. Отодзии бемуҳофизатро якчанд бор бо найза зад, дар натиҷа ӯ беҳуш гашт.

Аз ҳамон бегоҳ зери қабурғаи тарафи росташ дард пайдо шуд. Аввал гумон намуд, ки захми кӯчак аст, вале торафт дард аз худ бештар дарак медод. Зоҳиран чизе ба чашм намерасид, аммо аҳвол бад мешуд, танаш месухт, вазнин мегашт. Гарчи пештар аз гуруснагӣ азоб мекашид, ҳозир хурдан намехост. Чунин як рузе фаро расид, ки Отодзи аз ҷойгаҳ хеста наметавонист.

Командири қисми ҳарбӣ норозиёна ба ӯ иҷозат дод ба шифохона равад. Духтури низомӣ қабурғаи кафидаро дида, ӯро ҳамоно хобонид.

Отодзи ним моҳ дар шуъбаи ҷарроҳӣ хоб кард. Дард каме суст шуд, худро каме беҳтар ҳис намуд.

Дар ин вақт ғайри интизор ӯро хоҳараш Тами хабар гирифт. Отодзи фикр кард, ки дар бораи касалии ӯ аз полк барояш хабар доданд, барои ҳамин омадаст, вале ин хел

набудааст - Тами ихтиёрӣ ба отряди меҳнатии занона дохил шудааст ва ба кор ба заводи ҳарбии Кавасаки меравад.

- Пеш аз роҳи дур қарор додам туро бинам,- гуфт ӯ. - Меҳмонхона баста шуд. Ба хона баргаштан фоида надорад, касе нест. Барои ҳамин ба отряд дохил шудам. Фикр мекунам, снаряд сохтан аз дастам меояд. Аз якдигар ҷудо шуда, онҳо намедонистанд, ки пагоҳ бо онҳо чӣ мешавад.

-Ана, аскар ҳасту, мегиряд! - хушҳолона хандид Тами, мехост аз палата брояд.

- Ман гиря надорам. Ин аз дард аст, гуфт Отодзи.

- Қабурға ва чашм маълум мешавад, ки хеш будаанд? Ҳамин хел?

- Ҳароратам баланд. Барои ҳамин ашк пайдо мешавад.

Тами палатаро аз назар гузаронида, дасташро ба пешонии Отодзи гузошта, ба тарс онро кашида гирифт.

- Бале, ҳарорати ту хеле баланд аст!

- Ман ҳам гуфта истодам, ки гиря надорам!

- Магар аз кафиши қабурға чунин ҳарорат мешавад?

- Намедонам. Дард паст шуд, вале ҳарорат торафт баланд мегардад. Ва аз чӣ бошад, нафаскашӣ мушкил мегардад.

- Ин беҳуда нест. Шояд аз назари духтур дур монда бошад?

Дар ин шуъба ба сиҳатшавандагон фақат санитарҳо нигоҳ мекунанд. Ҳатто ҳароратро ҳам ба таври бояду

шояд намесанҷанд.

Ин чӣ бемаънигӣ!.. Он вақт Отодзи аз чӣ бошад фикр намуд, ки чашмони бо хаяҷон калон кушодаю ба ӯ нигарони хоҳарашро бори охир мебинад.

## III

Инак, дар меҳмонхонаи Когэтсу Тами пайдо нашуд. Ва ӯ барои пул кор кардан нарафта, балки охири тобистони соли гузашта аз ҷои кор ҳисобу китоб карда, тамоман рафтааст.

Мувофиқи ҳикояи зану шавҳар Торикура, ки меҳмонхонаро нигоҳубин мекарданд, аз кор рафтанро ба ӯ ҷанобе бо номи Хаяма, ки алҳол дар давраи дар заводи ҳарбӣ кор карданаш Тамиро зери ҳимояи худ гирифта, буд, маслиҳат додааст. Муносибати онҳо аз ин мебарояд, ки баъди ҷанг низ идома доштааст. Соли гузашта дар айни тобистон Хаяма аз ӯ хабар гирифт. Вай мисли оннагата[14] диққатҷалбкунанда буд, марди чилсола, аз афташ бисьёр чолок, бо артиши ишғолгар кадом корҳоеро ҳаллу фасл мекардааст. Ниҳоят меҳмони мӯътабар буд.

Баъди чанд рӯз Хаяма рафт ва баъди ин Тами ба зани Торихура гуфт, ки шояд бо меҳмонхона хайрухуш кунад ва вақте ки зан пурсид, ки ба чӣ кор машғул хоҳад

[14] Оннагата – ҳунарманди театри Кабуки, ки нақшҳои занонаро иҷро мекунад.

шуд, Тами ҷавоб дод: "Мехоҳам ба шаҳр рафта, ба кор дохил шавам. Охир ман як умр ҷавон намемонам-ку».

Якчанд рӯз баъдтар Тами аз Хаяма нома гирифт. Онро хонда, чизу чораашро ҷамъ намуду рафт.

- Аниқ намедонам, вале багумонам ӯ гуфта буд, ки ба Кобэ меравад,- гуфт зани Торикура.

Отодзи хост адреси Хаямаро гирад, вале баъд аз ҷанг меҳмонон кам буданд ва дар меҳмонхонаи Когэтсу китоби бақайдгириро ташкил накардаанд. Ҳол он ки агар Тами дар ҳақиқат ба Кобэ рафта бошад, ҳам ёфтани он ғайри мумкин аст.

Хоҳарам барои ба ман чизеро расонидан хоҳиш накарда буд? Ба ин маънӣ, ки баъд хат хоҳад навишт? Ё ин ки агар ман биоям ба фалон ҷо муроҷиат кунам?

Торикураҳо бечуръатона ба якдигар назар дӯхтанд.

- Гуфта буд, ки баъди каме пул ҷамъ кардан, мехоҳад ҳамроҳи бародараш кадом кори савдоро оғоз намояд,- гуфт зани Торикура.

Вале моҳи июли соли гузашта Отодзи як номаи кӯтоҳе гирифт, аз он вақт то ҳозир ягон хабари дигаре нест.

Агар ҳамаи корҳояш хуб мешуд, ӯ нишониашро хабар медод. Ним сол аст, ки чизе наменависад... Ва дар ин бесару нӯги чиро боз интизор шудан мумкин аст. - Торикура ба печкаи оҳанӣ, ки дар оташдони ошхона гузошта шуда буд, чӯб партофт.

Отодзи ва Сима хомӯшона ба печкаи овоздори аз гармӣ сурх гашта, нигоҳ мекарданд. Баъд Отодзи

хастаҳолона гуфт:

- Бубахшед. Иҷозат диҳед ман дароз кашам.. Ман худро бад ҳис мекунам.

Ӯ ба рӯи бурё дароз кашида, дасташро зери сараш монд.

- Шумо касал ҳастед. Бадбахтиро аз сар гузаронидед шояд,- бо ҳамдардӣ гуфт зани Торикура.

- Оромона истироҳат кунед,- илова намуд Торикура.

- Меҳмонхона баста аст, барои ҳамин шуморо ба таври бояду шояд кабул карда наметавонем, вале худро ором ҳис намоед. Ҷойгаҳ, чӣ кадаре хоҳед ҳаст, ванна ҳам. Саросема нашуда, ҷо ба ҷо шавед.

Ягон кори мекарданӣ набуд. Ҳамон рӯз бо ҳама майлу хоҳиш аз шаҳраки назди кули вулканӣ берун рафта наметавонистанд. Пагоҳ ҳар чӣ шавад, шудан гирад.

Сима дар овардани ҷойгаҳҳо аз утоқи дигар ба зани Торикура кӯмак карда, онҳоро дар роҳрав монданд. Дар меҳмонхона бо дарҳои пушти тиреза маҳкам пӯшида, лампаро даргиронданд.

- Шуморо дар як утоқ ҷойгаҳ, андозем? - пурсид зани Торикура.

Ба саволи ногаҳонӣ Сима каме худро аз даст дод, вале баъд гуфт:

- Бале, дар як ҷо.

Зани Торикура ду ҷойгаҳи хубро дар паҳлӯи ҳам андохт. Ба яке аз онҳо Отодзи дароз кашид. Рӯи аз беморӣ кандааш ба болишт ғарқ шуда, пирона менамуд.

- Баҳузур хоб куну дар бораи чизе фикр нанамо,-

гуфт Сима.

Отодзи бо чашмони пӯшида хандид:

- Ман чизи фикр кардан надорам.

Ва дар ҳақиқат ба зудӣ Отодзиро хоби сахт бурд. Сима каме болои сари ӯ нишаста, баъд ба ошхона баромад. Зани Торикура танҳо пеши печкаи оҳанӣ нишаста, чизе медӯхт.

Дар ягон кор кӯмаки ман зарур нест? Ҳар фармоише диҳед, иҷро мекунам,- таклиф намуд Сима.

Зани Торикура табассум намуда гуфт, ки заҳмат накашеду пурсид:

Шавҳаратонро хоб бурд?

Ин аввалин дафъа аст, ки Отодзиро шавҳари ӯ номиданд. Дигар илоҷ, набуд ва Сима ҷавоб дод:

- Бале, сахт хобаш бурд. Зиёд монда шуд.

- Мушкил аст. Саломатиаш хуб нест. Чӣ касалӣ дорад?

Астма,- гуфт Сима. Ӯ медонист, ки дар қишлоқ мардум аз касалии сил мисли оташ метарсанд. Зани Торикура ҳамоно хабар дод, ки хоҳари хурдии ӯ чандин сол боз аз касалии астма дар азоб аст ва ӯ ба хубӣ медонад, то чӣ андоза ин касалии бад аст.

- Сардӣ хатар дорад, ҳамин хел не? Агар дардаш гирад, чӣ мекунем?

- Ғам нахӯред. Ман ҳамшираи шафқат ҳастам.

- Одат кардаед?

Не, ман ҳақиқатан ҳам ҳамшираи шифохонаам.

Зани Торикура аз ҳайронӣ чашмонаш кушода шуда

монданд.

Дар давраи ҷанг дар шифохонаи низомӣ кор мекардам. Ғам нахӯред, ман медонам бо чунин беморҳо чӣ хел рафтор намоям.

Сима оромона табассум намуд.

Баъди ғуруби офтоб Торикура омада гуфт, ки ванна тайёр аст. Отодзи ҳанӯз хоб буд. Вале агар бедор ҳам мебуд аз сабаби бемории оббозӣ карда наметавонист. Сима танҳо рафт. Ваннаро то охираш пури об намуда, танашро собун зада буд, ки баногоҳ дари оинадори ҷои либоскашӣ боз шуду касе даромад. Бо рӯпоккун худро паноҳ карда, Сима баргашт. Дар паси оинаи абрнок сояи Отодзи дида мешуд.

Отодзи-сан? Метавонӣ дароӣ.

Дарро кушода Отодзи ба утоқи ванна даромада шарм дошта, рӯй гардонид.

- Бедор шудам, ту нестӣ. Ба куҷо фикр кардам, рафта бошад?

- Ба ҳеҷ, куҷо нарафта будам,- гуфт Сима.

Отодзи дар тан ду кимонои ватанӣ дошт ва ба китфонаш болопӯш партофта буд.

- Маро бубахш, ман  қарор додам оббозӣ кунам. Баъд туро  ҳам тоза мекунам.

Отодзи сар ҷунбонид. Беморонеро, ки худашон оббозӣ карда наметавонистанд, одатан бо латтаи тар танашонро тоза мекарданд.

- Сард аст. Назди печка рафта, гарм шав.

- Хуб.

Отодзи кашол медод.

- Ба ту мегӯям, сард аст. Аз дар шамол медарояд.

Отодзи ноӯҳдабароёна ришханд заду дарро пӯшид.

- Ото-сан!

**- Чӣ?**

- Ман шӯхӣ кардам. - Сима чашмашро гурезонд. - Метавонӣ дарро напушӣ.

Ва аз нигоҳҳои ӯ сурх шуда, хомӯшона шустушӯйро идома дод, гӯё дар ташноб танҳо бошад.

Бегоҳӣ Сима дар болои печка обро дар тағора гарм намуда ба утоқ оварду тани Отодзиро бо рӯпоккуни тар тоза кард. Ҳаво сард буд, барои ҳамин Сима ин корро бо суръати тез анҷом дод. Отодзи норозӣ шуд.

- Барои чӣ ин қадар саросема ҳастӣ?

- Охир ба ту сард шудан мумкин нест.

- Дар шифохона ту ниҳоят меҳрубон будӣ, оҳиста тоза мекардӣ.

- Ин тавр бошад, шояд ба шифохона баргардем.

Отодзи хомӯшона ба арши хона чашм медӯхт.

- Агар имконияти баргаштан мебуд...

Онҳо аз шифохона гурехта буданд.

- Хайр, ҳамин ҷо мемонем, - Отодзи оҳ кашид.

## IV

Баъди он ки дар Отодзи плевритро пайдо карданд, ӯро аз шуъбаи ҷарроҳӣ ба шуъбаи касалиҳои сил гузарониданд. Ба фикри Сима омада наметавонист, ки ин

писари майзадаи Ёкити мебошад. Отодзи Симаро даррав шинохт, - ӯро баъди вафоти падар дида буд. Ба Сима аз ҳамон вақт муяссар нашудааст Отодзиро бинад ва табиист, ки ба ҷавони ба мард табдил ёфта, аҳамият надод.

Ӯ на ин ки намехост, балки номи падари Отодзиро дида, чизе ба ёдаш наомад. Ёд дошт, Ёкитиро Тэради ном мебурданд, вале ин ки Отодзи ин ҳамон Ото ҳаст, писари вай, фикр ҳам накард.

Отодзи аз аввалин нигоҳ ба назараш чунин намуд, ки дар пешаш Сима истодааст, вале аз ногаҳонӣ бовар карда наметавонист, ки дар ҳақиқат ин духтар аз ошхонаи «Масутоку» аст. Ӯ гумон надошт, ки Сима метавонад дар шифохона ҳамшираи шафқат шавад. Ӯ чунин вохӯриро дар шаби хобаш ҳам дида наметавонист. «Боз иштибоҳ накарда бошам, мумкин ин тамоман ӯ нест?» - фикр мекард ӯ.

Аввал ӯ дар палатаи калони 15 катдор хоб буд. Аз ёфрейтори кати ҳамсоя чӣ будани номи ҳамшираи шафқати ба Сима монандро пурсид.

- Ту мушоҳидакорӣ, - ришханд зад ефрейтор - ин фариштаро Масумото ном мебаранд.

Отодзи боз ҳайрон шуд. Ин номи падари Сима буд.

Дили Отодзи аз меҳр лабрез гашт. Ҳамшаҳрро дар аскарӣ вохӯрӣ хурсандӣ аст, вақти касал буданат боз беҳтар аст. Отодзи ҳатто аз ҳаяҷон оби чашм кард. Ба ҳамаи он нигоҳ накарда, ки дилаш аз меҳр лабрез буд, бо духтар ҳамсӯҳбат шуда наметавонист. Барои он

наметавонист, ки Сима ӯро дар аввалин вохурӣ нашинохт ва ба замми ин, ӯ дар хилъати мисли барф сафеди ба танаш часпида, чунон зебою чашмхиракунанда буд, ки ҳар дафъае онро бинад, чашмонашро мегурезонд.

Ва онҳоро ҳамагӣ як чиз, он чизе, ки бист сол пеш падараш ба ошхонаи «Масутоку» даромада май менӯшид, пайваст мекард.

Ҳафтае як бор ҳамшираҳо ба палата омада, беморонро бо латтаи тар тоза мекарданд. Отодзи дуо мекард, ки ба дасти Сима наафтад. Агар чунин мешуд, ки ба дасти Сима афтад, танашро ларза мегирифт.

- Сард аст? - мепурсид Сима.

- Не, сард нест.

- Суст шавед, худро озод ҳис намоед,- мегуфт ӯ.

- Хуб, ман кӯшиш менамоям,- ҷавоб медод Отодзи.

Сима дар Отодзи аскарчаи хурдеро медид, мисли дигарон, вале саломатии ӯ зери хатар буд. Дар шуши тарафи рости Отодзи бо шитоб сурохӣ калон мешуд.

Моҳи январ, вақте ки Отодзи аз ҳоҷатхона баромада бо роҳрав мерафт, аз гулӯяш хун фаввора зад. Ҳамон шаб Сима навбатдор буд ва дид, ки лахтаи хун дар гулӯяш банд гаштааст, давида омада, бо ангуштонаш онро кашида гирифт. Баъди ин Отодзиро ба зудӣ ба палатаи алоҳида гузарониданд.

Бегоҳии рӯзи дигар, вақте ки Сима дар пеши ҷойгоҳи ӯ нишаста буд, Отодзи баногоҳ чашм кушода, ба арши хона назар дӯхту бо овози гирифта пурсид:

- Телеграммаи дуюмро фиристоданд?

Дар ҳолатҳои вазнинӣ беморон ба хешу таборашон телеграмма мефиристоданд. Якумаш дар бораи касалӣ, дуюмаш дар бораи аҳволи бади бемор, сеюмаш дар бораи марг хабар медоданд.

- Ба шумо гап задан мумкин нест,- гуфт Сима.

Ӯ ба рӯи вай нигоҳ кард,чашмони ашкинаш меларзиданд, вале дар чашмонаш қатъият пайдо шуд.

- Сима-сан аз ошхонаи «Масутоку»?

Ӯ инро нимшунаво гуфт, вале Сима аз ногаҳонӣ ларзид.

- Шумо...

- Падари ман тез-тез ба он ҷо меомад. Ман Ото, писари майзадаи Ёкити ҳастам.

Сима ғайри ихтиёр фарёд кашиду саросемавор даҳонашро бо дасташ пӯшид.

- Мумкин нест! Ба шумо гап задан мумкин нест, ӯро гап задан намонд. Дили Сима сахт-сахт задан гирифт.

Хунпартоӣ худ аз худ гум шуд. Баъди чанд рӯз Сима гуфт:

- То чӣ андоза ман ҳайрон шудам! Ту чӣ, хеле вақт боз маро шинохтӣ?

Отодзи сар ҷунбонд.

Ин тавр бошад чаро нагуфтӣ? Чаро дуру дароз хомӯш будӣ?

- Намедонам, ҳеҷ ба қароре омада наметавонистам.

- Вале он бегоҳӣ гуфта тавонистӣ.

Фикр кардам мемурам, пеш аз марг чиҳое намегӯянд. Ба назарам, ман ба ту ошиқ шудаам.

Барои Сима ин тамоман ногаҳонӣ буд. Ба ин ҷавоне, ки тайёр буд то охири умраш сирри худро пинҳон дорад, раҳмаш омад.

Аз қадим маълум аст, ки меҳрубонӣ ба ҳамаи беморон бояд як хел бошад, вале Сима хеле вақт мушоҳида намуд, ки дастонаш ба Отодзи назар ба дигар беморон нармтаранд.

Вакте ки Сима рӯзи навбатдориаш дар пеши бистараш менишаст, ӯ ба арши хона чашм дӯхта, дар бораи худ ба вай нақл мекард. Ӯ чунон бисьёр нақл мекард, ки Сима ба ташвиш меомад, боз ба саломатиаш зарар наоварад. Отодзи дар бораи чӣ тавр аз баландӣ ӯро, ки дар арғунчак танҳо алвонҷ мехӯрд, тамошо карда буд, нақл кард.

Ҳеҷ наметавонам фаромӯш кунам, ҳатто ҳозир айнан пеши назарам мебошад,- гуфт ӯ.

- Барои чӣ?

- Намедонам. Фаромӯш карда наметавонам, тамом.

Сима ҳис намуд, ки мисли давраҳои навҷавониаш хуни гарм ба гесувонаш давид.

Танҳо дар он ҷо чӣ мекардӣ,- пурсид Отодзи.

- Фикр мекардам, ки шояд мурдан беҳтар аст.

Сима монанди одами дар зиндагӣ ҳодисоти зиёдеро дида, табассуми талхомез намуд.

- Барои чӣ мурдан хостӣ?

Сима хомуш монд.

- Аз пушти Курихара?- пурсид Отодзи.

-Маълум, медонистӣ. Сима бо қаҳр гапи ӯро бурид:

- Дар ин бора дигар гап намезанем.

- Ту чӣ, ҳақиқатан ҳам ба ӯ  ба шавҳар мебароӣ?

- Волидайни ҳарду хона ҳамин хел қарор доданд.

- Ту чӣ?

- Ман бошам, ба ҷои он ки мурам, ҳамшираи шафқат шудам. Қарор додам, ҳаёти худро ба кори нек бубахшам. Садҳо бор беҳтар аз он аст, ки бо марде, ки дӯсташ намедорию зиндагӣ мекунӣ. Мактаби ҳамшираи шафқати Салиби Сурхро тамом кардаму ана ин ҷо кор мекунам. Ана тамом.

Сима каф ба каф зад, гӯё посбони шаб ба болғаи чӯбин зада бошад.

Касалии Отодзи то тобистон дароз кашид. Ҷанг ба охири бешарафонаи худ наздик мешуд, Б-29 шаҳрҳоро бомбаборон карда, якеро аз паси дигар ба хокистар табдил менамуданд. Отодзи фикр мекард, ки агар шаҳрашонро бомбаборон намояд, ӯ ба ягон ҷо гурехта наметавонад.

Вақти ҳамлаи ҳавоӣ маро метавонед, партофта равед – гуфт ӯ.

Фақат дар бораи худ фикр мекунӣ. Ҳарчӣ осонтар мурӣ- хафа шуд Сима.

- Ту ҳам ҳамин ҷо ист,- гуфт ӯ.

Аммо охири моҳи июл, шаб вақте ки шаҳр бомбаборон гашт, Сима бо дигар ҳамшира ба чолокӣ Отодзиро ба борбар бор карда, ба санавбарзори паси шифохона бурданд.

Ҳамон шаб ба болои шаҳр борони бомбаҳои

оташафзо рехт, тамоми осмони болои шифохона дар оғӯши оташ месӯхт. Баъд аланга марказро дар бар гирифт. Отодзи дар қатори дигар беморони вазнин хобида, аз байни баргҳои санавбар ба осмони арғувонӣ назар мекард. Беморон хомӯш буданд, ҳатто касе сулфа намезад. Ҳама шах шуда буданд: кӣ  рост истода, кадоме дар ҳолати нишаста ва дигаре дар шакли хобидагӣ.

Ва дар ин лаҳзаи хомӯшӣ аз чӣ бошад, Отодзи фикр намуд, ки соати маргашон расидааст. Ба наздикӣ онҳо ҳамроҳи санавбарзор сӯхта хокистар мегарданд.

Ногаҳон касе дасташро гирифт. Дар назди борбар Сима нишаста буд. Дасти ӯ ниҳоят  гарм буд. Отодзи фаҳмид - ӯ танҳо нест. Барои он ки ба зинда буданаш боварӣ ҳосил намояд, Отодзи дасти Симаро сахт фушурд. Ва ин лаҳза ба гӯшаш садои сурудхонии чирчирак, ки то ҳол мушоҳида накарда буд, расид. Боре, вақти ки Сима барои тоза кардани танаш бо рупоккуни гарм омад, ӯ баръало ҳис намуд, ки дастони вай торафт меҳрубонтару маҳинтар гашта истодаанд. Сима дуру дароз бо меҳр тани рангпаридаи ӯро тоза карда, баъд гӯё нав ба хотир оварда бошад, гуфт:

- Курихара ихтиёрӣ ба ҷанг рафт.

- Кай?

- Моҳи март. Бо номае хабар дод, ки вақти омадан нашудааст. Дар ин бора намехостам чизе гӯям, дирӯз ба осмон нигариста, фикр кардам, ки ту бояд ҳама чизро донӣ.

Дар паси тиреза осмони софи кабуд ҷилло медод, ба

дирӯза тамоман монандӣ надошт.

- Фаҳмидӣ, ки ҳамаамон мемурем, - гуфт Отодзи. Сима хомӯш монд. Сипас ангушти хурдашро оҳиста ба дасти ӯ расонд.

- Агар мурдан бошад, фақат бо ту,- пичиррос зад Сима ба ӯ нигоҳ накарда, аз палата берун гашт.

Дар охирҳои моҳи август ногаҳон вақти таслимшавӣ расид, сулҳ оромона пойдор гашт.

**V**

Сима пагоҳӣ аз хоб бедор шуда, ҳеҷ фаҳмида наметавонист, ки дар куҷост. Ба торикии хомӯши утоқ аз сӯрохии гурми афтидаи дари пушти тиреза рӯшноӣ медаромад. Хомӯшӣ. Ягон садо ҳам ба гӯш намерасад. Ин хомӯшӣ ба дили Сима ким-кадом ҳаяҷон медаровард. Ба назар чунин мерасид, ки дар муддати хоб буданаш ӯро ба ҷаҳони дигар гузарониданд.

Ин лаҳза ӯ дид, ки касе дар паҳлӯяш хоб аст. Фаҳмид - ин Отодзи аст ва ҳарду дар соҳили кӯли Дзиппэки мебошанд.

Отодзи дар хоби роҳат буд.

Ӯ либосҳояшро пӯшид, аз утоқ баромада, аз тирезаи баланди роҳрав барфчаҳои дар ҳаво чархзанандаро дид. “Дар кӯча ба таври шубҳаовар оромӣ ҳукмфармост”, аз дил гузаронид ӯ ва бо ҳарос андешид: агар бориши барф наистад, чанаҳо ба шаҳр нахоҳанд рафт. Дар чунин ҳолат ягон имконияти аз шаҳрак берун рафтан намешавад.

Аз ошхона бӯи шӯрбои лӯбиёгии ҷӯшидаистода ба машом мерасид.

-Мутаассифона, барф борид. Дирӯз бошад, вақти хоб рафтан осмон аз ситора пур шуда буд... Боду ҳаво дар кӯҳҳо ҳамин гуна тағйирёбанда аст,- гуфт зани Торикура, ки дар ҷойи косашӯӣ пиёз реза мекард. Бориши барф тезтар гашт ва санавбарзоре, ки дар паси тиреза каме сиёҳӣ мекард, гӯё ба зудӣ сафед хоҳад шуд.

- Чанаҳо ба шаҳр мераванд?

- Дар чунин бориши барф ба гумон. Дар роҳ банд шуда мондан мумкин, он вақт аз бадбахтӣ гурехта намешавад.

Маълум мешавад, ки баъди қатъ гаштани бориши барф чанаҳо ба ин зудӣ ба шаҳр намераванд, роҳ хароб гаштааст, фаҳмид Сима.

- Шояд каме зиқ шавед, вале шумо оромона истироҳат намоед, гӯё барои чашмаи гарм ба кӯҳ омада бошед,- гуфт зани Торикура.

Сима фаҳмид, ки аз ин ҷо рафтани онҳо ба гумон аст ва аз чӣ бошад, каме осудагиро ҳис намуд. Агар аз ин ҷо бо чанаҳо ба шаҳр раванд ҳам, ҷойи рафтанӣ надоранд. Аз шурбои лубиёӣ бӯи хуш меомад.

- Шавҳари Шумо то ҳол хоб аст. Ба зудӣ ношто мекунем,- гуфт зани Торикура.

Сима ба уток баргашт. Аз садои ҷунбидани фусума Отодзи бедор шуд.

- Кӣ? Ҳа, ин тӯӣ,- гуфт ӯ.

- Ту фикр кардӣ, кӣ ҳастам?

- Фикр кардам, хоҳарам даромад. Ман ӯро дар хоб дидам.

Сима рост истода, ба Отодзи нигоҳ мекард, - ӯ бошад, кӯшиш мекард хобро давом диҳад.

- Чӣ хел хомӯшӣ-а?

- Бале, эҳтимол, барф меборад?

- Ту чӣ хел фаҳмидӣ?

- Афтидани барфчаҳо ба гӯш мерасанд,- гуфт Отодзи.

Тамоми рӯз барф борид. Отодзи дар утоқ хоб буд, фақат барои хӯрокхурӣ берун мебаромад. Сима дар болои печка обро гарм карда либосҳои худ ва кимонои тагпӯши ӯро шуст. Баъзан ба утоқ медаромад. Отодзи дар хоби сахт буд. Ва ба синаи ороми ӯ нигоҳ карда, Сима фикр кард, ки дар бисту ду соли умри худ ӯ шояд мисли ҳозира ҳеҷ гоҳ ором набуд. Шояд ӯ дар хоб ба олами кӯдакиаш баргашт ва хоҳари худро вохӯрд, хоҳареро, ки дигар шояд ягон бор дар ҳаёт нахоҳад дид. Аз ин фикрҳо Симаро ғам гирифт.

Баъди як соли ҷанг, моҳи март, вақте ки Тами бародари дар шифохона будаашро хабаргирӣ омада буд, ҳамин хел барф борида буд. Сима дар роҳрав мерафт, ҳамин лаҳза ба ӯ навбатдор расида гирифта гуфт:

- Бисёр хуб, ки ман шуморо вохӯрдам. Хоҳари Тэрада-сан омадааст, ҳозир бошад, вақти истироҳат аст. Ман ба ӯ гуфтам, ки даромадан мумкин нест, ӯ бошад, талаб дорад вайро ба палата роҳ диҳанд. Чӣ бояд кард?

Моҳи ноябри соли тамом шудани ҷанг шифохонаи низомӣ ба шифохонаи префектурӣ табдил дода шуд, аммо духтуру ҳамшираю беморони сахт монданд ва мисли

пештара интизоми сахт риоя карда мешуд. Омадани хоҳари Отодзиро шунида, шитобон ба пешайвон омад. Рӯйи диван пой болои пойи дигар зане менишаст ва сигарет мекашид. Дар тан ӯ болопӯши олии сабз дошт - аз куҷо пайдо карда бошад? – мисле, ки нав аз ҳаммом баромада бошад, мӯйҳояш кушода буданд. Ин 'Тамае буд, ки аз отряди занонаи коргарон баргашта буд. На танҳо Сима, ки чандин сол боз Тамиро надида буд, ба зудӣ ӯро нашинохт, балки Отодзи низ нафаҳмид, ки зани бо лабони аз ҳад зиёд рангкарда ва ба назар калон-калон, ки бо ҳамроҳи Сима ба палата даромад, хоҳари калонии ӯ мебошад.

- О, ту ҳам хеле хоб кардӣ! Ман гумон кардам туро аллакай ҷавоб доданд. Ҳеҷ интизор набудам, ки ту ҳоло ҳам ин ҷо ҳастӣ. Аҳволат чӣ хел?

- Оҳиста-оҳиста хуб шуда истодааст, -гуфт Отодзи. Ҳол он ки давраи шиддати дард нарасида буд ва умуман, умеде ба шифо ёфтан надошт. Ӯ намедонист, кай шифо меёбад ва фикр дошт, ки агар шифо ёбад ба меҳнати вазнини моҳигирӣ баргаштанаш ба гумон аст. Чӣ хел зиндагӣ кунад, чӣ бояд кард? На аскар, на моҳигир.- Отодзи ояндаи худро тасаввур карда ҳам наметавонист.

- Ба ҳар ҳол хуб аст, ки мо ҳарду зиндаем. Дар ҳолати пешазмаргӣ ту будӣ, барои ҳамин тарс дигар бароят вуҷуд надорад. Бояд ҳаёти ба мо додаи тақдирро мақсаднок истифода кард.

Ӯро дилбардорӣ карда, Тами рафту гуфт, ки дар ҷое кор кунад, адресашро мефиристад. Баъди тамом шудани

мавсими боришот Тами номае фиристода хабар дод, ки дар меҳмонхонаи Когэтсу дар Хотару назди соҳили кӯли Дзиппэки корро оғоз кардааст.

«Ниҳоят ҷойи озода, ҳавояш тоза мебошад. Ҳамин ки ба по хестӣ барои шифо ёфтан биё», навишта буд ӯ.

Отодзи, ки аз ҳама дилаш монда буд, аз ҳамон вақт дар бораи кӯли ношинос дар кӯҳ мисли биҳишти осмонӣ орзу мекард ва барои ҳамин рӯзи гурехтан аз шифохона, вақте ки Сима дар бораи баргаштани Курихара ва барои бурдани ӯ омодагиашро хабар дод, Отодзи кӯли ором ва кӯҳи барфпӯшро ба ёд овард.

Курихара аллакай ба шифохона омада буд, гуфт Сима, вале ӯ серкориро баҳона намуда, ба хонаи иҷорагирифтааш вайро фиристод. Ҳамаи ҳамшираҳо дар шаҳр хонаи иҷора доштанд.

- Ман гуфтам, ки корро соати шаш тамом мекунам, аммо ба хона баргашта наметавонам.

- Барои чӣ охир, баргард.

- Не, наметавонам.

- Ту чӣ хоҳӣ кард?

Сима лабонашро газида хомӯш буд. Баъд бо дастонаш рӯяшро пӯшонида гуфт:

- Не, наметавонам. Аз он ки ба пеши ин мард равам, мурдан беҳтар аст. Ва гиря кард.

- Ман ба кӯли Дзиппэки меравам.

Ин гапҳо худ аз худ аз лабони Отодзи берун баромаданд. Сима дастҳояшро мушт карда, бо ҳайрат ба ӯ менигарист. Ва баъд оромона гуфт:

- Ман ҳам бо ту меравам. Маро бо худ гир. Вале онҳо ба кул омада диданд, ки биҳишти  хаёлӣ зери барф ҳасту аз одами зарурӣ на пай ҳасту на ҳайдар.

Ҳамон шаб Отодзи аз сардӣ шикоят намуд, Сима баъди оббозӣ баданаш гарм буд, ба оғӯши тани лоғаргаштаи ӯ даромаду хост гармаш кунад. Отодзи бинии худро ба байни синаҳои ӯ даровара, гуфт:

- Бӯи собун мекунад. Мехоҳам пеш аз марг як бор ақаллан дар ташноб оббозӣ кунам.

Сима каме хомӯш истоду баъд гуфт:

- Ман туро ба таври бояду шояд оббозӣ медоронам.

## VI

Рӯзи дигар бориши барф қатъ гардид, вале шамол вазид ва гирди меҳмонхонаи Когэцу тамоми рӯз бурон талотум мекард. Субҳ ҳавои хуб барқарор гардид, вале Торикура эълон кард, ки роҳ хароб гаштааст ва гумон аст чанаҳо ба шаҳр раванд.

- Аз барои боду ҳаво шуда, худро зиқ накунонед, - гуфт ӯ. -Имрӯз дар клуб ҷавонон шабнишинӣ ташкил мекунанд. Ба он ҷо рафта, ғами дилро бароред.

Қарибиҳои бегоҳӣ аз клуби болои теппа садоҳои най ва нағора шунида мешуданд. Тарикура, чун ҳарвақта, аз паси фусума пурсид:

- Ванна тайёр аст, оббозӣ мекунед? Агар ба шабнишинӣ рафтанӣ бошед, фикр мекунам зарур нест,боз шамол назанад.

Дар уток, хомӯш буданд, баъд овози занона ҷавоб дод:

- Ҳозир мебароем.

Каме пасонтар зан ба ошхона баромада, алмос пурсид. Торикура гуфт, ки лезвияи ҷопонии худро дода метавонад, аммо он қадар тез нест. Баъд ӯ чубуқи худро дар пеши печка даргиронда барои чуб ба ҳавлӣ баромад. Аз утоқи равшани ванна суруди пасте ба гӯш мерасид. Зану мард мехонданд. Ба Торикура чунин намуд, ки ин сурудро дар кучаоe шунидааст, - вай суруди моҳигирон аст. «Суруд дар бораи моҳигирии калон”-ро ба ёд меовард, вале ба хотир оварда натавонист.

Ваннаро қабул карда, марду зан аз хона бо либосҳое, ки ба ин ҷр омада буданд, гарм худро печонида баромаданду чӣ тавр ба клуб рафтанро пурсиданд.

-Шумо ба шабнишинӣ меравед? Хунукӣ намезанад? - пурсид Торикура, он  ду бошанд, гуфтанд, ки сабаби хавотир шудан нест. Риши мард ба тозагӣ тарошидагӣ буд, рухсораи барҷастааш ҷилло медод.

Онҳоро гусел намуда, Торикура ҳайратзада ба занаш гуфт:

- Бубин чӣ тавр фасон кардааст! Ба наздикӣ бо либоси аскарӣ мегашт...

- Ҳоло ҷавон аст. Ту ҳам дар ҷавонӣ ҳамин хел будӣ. Ҳатто аз ба ёд овардан шармам меояд! - хандид зан.

Аммо он бегоҳӣ касе марду занро дар клуб надид. Ба меҳмонхонаи Когэтсу ҳам баргашта наомаданд. Торикура хавотир шуда, ба клуб рафт. Тамоми ҷавононеро, ки

шабинишиниро ташкил карда буданд, ба берун кашид - гирду атрофро тагурӯ карданд, вале гумшудагонро пайдо накарданд. Дар натиҷа сокинони шаҳракро тарсу бим фаро гирифт.

Пагоҳии рӯзи дигар маълум гашт, ки толибаи мактаби миёна баъди баргаштан аз шабнишинӣ ба канори шаҳрак дар болои шухи Камивари чароғаки аҷинаро мебинад. Шухи Камивари дар болои кӯл овезон аст. Ҳеҷ кас дар фасли зимистон ва боз ними шаб дар он ҷо гулхан намеафрӯхт. «Шояд ин чароғаки тимсолӣ найранги рӯбоҳи шайтон бошад?» - фикр кард духтарча. Вале чароғҳои рӯбоҳ шабҳои зимистон намесӯзанд». Ба хона дар ҳолати ҳайратзада баргашт.

Сокинони шаҳрак ба тарафи шухи Камивари давиданд. Дар болои кӯли яхшуда онҳо ду тани беҷонро диданд. Маълум мешавад, мурдагон аз болои шух худро партофтанд. Зан бо гардани шикаста рӯболо мехобид. Мард каме пештар аз он дар охири ях сараш дар об хобида буд.

Дар аввал касе фаҳмида натавонист, ки чаро рӯйҳои онҳо сиёҳ мебошанд. Вале, вақте ки ба болои шӯх баромаданд, ҳамааш маълум гашт, назди колисои хурди қадима нишонаҳои гулхани хурдеро диданд. Ҳамсафарон пеш аз марг гулхан афрӯхта, гарм шудаанд. Барои ҳамин рӯи онҳо дуд гирифтааст.

Аз либос дар тани онҳо танҳо чизе мондааст, ки ҷои лучиро пӯшонад. На кулоҳи мӯинагии мардона монда

буду на шарфи пашмини  занона, дар хокистари гулхан порчаҳои мӯйнаро пайдо карданд.

Маълум мешавад, ки онҳо либос ва чизу чораи худро дар гулхан сӯзонидаанд.

Барояшон чӣ зарурате пайдо шудааст, ки пеш аз марг гулхан афрӯзанд?  Шояд яке аз паси дигар либосҳои худро ба оташ партофта, онҳо хостаанд то каме бошад ҳам, умри  худро дароз намоянд?  Онҳо мефаҳмиданд, ки чизе ба онҳо фоида намекунад, вале андешаи боисрор дар бораи он ки каме боз дар ин ҷаҳон бошанд, онҳоро ба тарафи гулхан кашидааст. Вале, вақте ки чизи месӯзониданӣ намонд, анҷоми умрашон фаро расид.

Ҷасади онҳоро ба меҳмонхонаи Когэтсу оварданд. Зани Торикура бо чашмони ашксор нолиш карда:

- Метавонистанд гӯянд, ки мурдан мехоҳанд. Чунон орою торо дода рафтанд, ки...

Ин гапҳоро гуфта, бо рӯпоккуни тар рӯйҳои онҳоро тоза кард, вале дуди оташ, ки ба пӯст даромада буд, ҳамон хел монд.

**ш. Кобул,**
**31октябри с.1988**

## МУНДАРИЧА


3 Ш. Солеҳов. Пешгуфтор.

7 Абдуғаффор Қурбонов. Шарҳи мухтасари тарҷумаи ҳоли Тэтсуо Миура

11 Ватан дар гулдони тухмшакл

38 Ман дар понздаҳсолагӣ ва атрофиёни ман

69 Домани сурх

88 Занбӯр

99 Туфангча

112 Пантомима

127 Дар чарогоҳ

161 Оташаки гумроҳ




**ТЭТСУО МИУРА**

**ОТАШАКИ ГУМРОҲ**

Тарҷума аз забони русӣ – Абдуғаффор Қурбонов.

Чопи компютерӣ ва мусаҳҳеҳ: Фирӯза Юнусова
Муҳаррири техникӣ: Бунафша Ҷабборова

Ба матбаа 16.11.2016 таҳвил гардид. Чопаш 21.11.2016
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 60x84 $^1/_{16}$.
Ҷузъи чопии шартӣ 12,5. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 207. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев 218.
Тел.:  227-39-92



